**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 34.01+340(576.3), 66.5 (2 тоҷик) Р– 76

**РАЗОҚОВ ҶОВИДОН ҲИСАЙНОВИЧ**

# ВАЗЪИЯТИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ҲАМАҶОНИБАИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ТУРКИЯ (СОЛҲОИ 2012 – 2023)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих
ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои сиёсӣ,
профессор: Саидов
Ҳомид Саидович

**ДУШАНБЕ – 2025**

МУНДАРИЧА

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО……………..............................................3

МУҚАДДИМА…………………………………………………4-22

БОБИ 1. ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ РОБИТАҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ТУРКИЯ ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI .......23-67

1.1. Тағйироти бунёдии асосҳои назариявӣ – консептуалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия дар ибтидои асри XXI ва таъсири он ба рушди муносибатҳо бо ҶумҳурииТоҷикистон. ………………………23-44

1.2. Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Тоҷикистону Туркия дар формати дуҷониба ва бисёрҷониба…………………………………44-67

БОБИ 2. ДИНАМИКАИ РОБИТАҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ ВА ТАКОМУЛИ АСОСҲОИ СИЁСИЮ ХУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲО МИЁНИ ТОҶИКИСТОН ВА ТУРКИЯ ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI......68-157

2.1. Самтҳои афзалиятноки тавсеаи муносибатҳо байни Тоҷикистону Туркия: тарҳҳои муштараки ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ. ………………………………………………………………68-100

2.2. Ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия оид ба амнияти минтақавӣ. …………………………………………………………100-130

2.3. Равобити фарҳангӣ ва гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия. ………………………………………………130-157

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО……………………………………158-174

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ…………………………………………175-195

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**АМИТ** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**ВКХ** – Вазорати корҳои хориҷӣ

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**СААШ** – Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ

**СҲИ** – Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ

**СҲИ** – ЭКО

**ШҲКТ** – Шурои ҳамкории кишварҳои туркзабон

**СДТ** –Созмони давлатҳои туркӣ

**ҲҲАР** – Ҳизби Ҳокими Адолат ва Рушд

**АТҲҲ** – Агентии Туркия оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар асри XXI, дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ равандҳои ҳамкории сиёсӣ миёни давлатҳо ба марҳилаи шаклгирии наву сифатан фарқкунанда ворид шудаанд. Дар шароите, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ бо демократикунонии ҳаёти иҷтимоӣ, тавсеаи бесобиқаи имконоти техникӣ ва иттилоотӣ, робитаҳои ҳамаҷониба миёни кишварҳо бо суръати бештар рушд намуда, дар низоми муосири равобити байнидавлатӣ падидаи тааммуқи ҳамкориҳо ба таври назаррас инъикос меёбанд. Ин омилҳо, дар маҷмӯъ, боиси тақвияти тамоюлоти рушди ҳамкориҳои сиёсӣ ва густариши робитаҳои мутақобилан судманд миёни мамлакатҳо мегарданд.

Зикр кардан зарур аст, ки дар ибтидои асри XXI, Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар самти ташаккули шакли нави низоми муносибатҳои давлатӣ ба дастовардҳои беназири сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ноил гардид. Таҳлил ва таҷрибаи муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсояи туркзабони Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Туркия собит месозад, ки дар тӯли асрҳо шабакаи мураккаби робитаҳои анъанавӣ ташаккул ёфтааст, ки бо хусусиятҳои хоси худ аз дигар самтҳои иртибототи таърихӣ фарқ менамояд. Дар робита ба ин, бояд таъкид кард, ки ба сари қудрат омадани Раҷаб Тайиб Эрдуғон - дувоздаҳумин Президенти Ҷумҳурии Туркия (аз 28 августи соли 2014) боиси ба вуқӯъ омадани тағйироти куллӣ дар самтгирии сиёсати хориҷии ин кишвар гардид. Агар дар марҳилаи аввал Ҷумҳурии Туркия таваҷҷуҳи худро асосан ба мероси муштараки фарҳангӣ, забонӣ ва таърихии давлатҳои туркзабон равона намуда, аз ғояҳои пантуркизм ва «Турони бузург» интизори дастовардҳои назаррас дошт, пас баъд аз он, ки татбиқи амалии ин идеяҳо натиҷаҳои дилхоҳро ба бор наовард, дар стратегияи геополитикии худ тағйироти ҷиддӣ ворид намуд. Минбаъд,

тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва таъмини натиҷаҳои амалӣ ва прагматикӣ дар меҳвари сиёсати хориҷии Туркия қарор гирифт. Дар чунин шароит, муносибатҳои ҷории Ҷумҳурии Туркия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ягона кишвари ғайритуркзабон дар фазои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, самти рушди фаъолро пеш гирифтанд. Омӯзиши масъалаи мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус дорад, зеро Ҷумҳурии Туркия, ба маъное, аввалин кишвари дунявии мусалмонӣ мебошад, ки роҳи сиёсати давлатдориро бар пояи дунявият, истиқлолият ва ҷудоии сохтори давлатӣ аз муассисаҳои диниву мазҳабӣ пайгирона амалӣ месозад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, зикр кардан зарур аст, ки мубрамии мавзуи таҳқиқот на танҳо аз аҳаммияти худи ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия сарчашма мегирад, балки аз имкониятҳои воқеии татбиқи ҳамкориҳои судманд ва серсамари ду кишвар дар заминаи рушди пайваста ва тавсеаи минбаъдаи робитаҳои байналмилалӣ, таҳкими мавқеи устувори сиёсӣ ва афзалиятҳои стратегии онҳо низ муайян мегардад.

Ҳамин тавр, бо такя ба натиҷагирии куллӣ, ки дар робита ба зарурияти омӯзиши амиқи масъалаҳои мавриди таҳқиқ сурат гирифт, метавон ба ин хулоса расид, ки аҳаммияти таҳқиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия (солҳои 2012–2023)» дар самтҳои зерини асосӣ таҷассум меёбад:

**Якум,** низоми муосири савдою тиҷорат, татбиқи тарҳҳои сармоягузории муштарак, рушди бахшҳои саноат ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, бахусус дар соҳаҳои сохтмон, энергетика ва сайёҳӣ, дорои иқтидори назаррас барои таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва тақвияти рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Илова бар ин, таҷрибаи амалии ширкатҳои туркӣ, ки дар тӯли солҳо фаъолона дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва

Федератсияи Россия ҳузур дошта, дар қаламрави давлатҳои ҳамсояи Тоҷикистон натиҷаҳои мусбат ба даст овардаанд, метавонад ҳамчун омили муҳимми пешрафт дар рушди соҳаҳои зикршуда дар кишвари мо хизмат намояд. Дар ин робита, шиносоии ҳамаҷонибаи имкониятҳо ва захираҳои мавҷуда барои ҳарду ҷониб дар доираи ҳамкориҳои стратегии фарогир аҳаммияти вижа пайдо мекунад.

**Дуюм,** густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия на танҳо ба тавсеаи муносибатҳои иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд, балки дар таҳкими мавқеи байналмилалии Тоҷикистон, инчунин дар таъмини сулҳу суботи устувор дар минтақа ва сатҳи глобалӣ нақши калидӣ бозида метавонад. Дар шароити ташаккули низоми муосири ҷаҳонӣ, ин омилҳо на фақат дар сиёсати хориҷӣ, балки дар муҳитҳои иҷтимоӣ ва гуманитарии ҳар ду кишвар аз ҷойгоҳи махсус бархӯрдор мебошанд. Аз ин рӯ, таҳлили амиқ ва баррасии муфассали самтҳои рушди ҳамкориҳои ҳамаҷониба ва истифодаи оқилонаи имконоти мавҷуда барои таҳкими заминаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ҳамчун вазифаи муҳимми стратегӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

**Сеюм,** Ҷумҳурии Туркия дар ду даҳсолаи охири асри XXI дар бахшҳои гуногуни иқтисод ва саноат ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, ҳамчун яке аз содиркунандагони фаъоли маҳсулот ва хизматрасонӣ дар соҳаҳои сохтмон, нассоҷӣ, фаъолияти гуманитарӣ ва туризм, дар миёни кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мавқеи устувор касб намудааст. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи татбиқи «модели туркии рушд» барои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамчун як сарчашмаи арзишманди дониш ва таҷриба хизмат кунад.

**Чорум,** дар даҳаи сеюми асри XXI Ҷумҳурии Туркия метавонад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси яке аз номзадҳои асосии шарикии стратегӣ боқӣ монад. Зиёда аз ин, агар ба назар гирифта шавад, ки дар

оғози асри XXI дар муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Туркия, дар пайи таҳаввулоти геополитикии муосир, тағйироти муҳимму таъсиргузор ба миён омадаанд, зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва таҳлили амиқи ин мавзуъ аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо менамояд.

Дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, бояд зикр намуд, ки адабиёти мавҷуда асосан аз пажуҳишҳои алоҳида ва асарҳои мунфариди муаллифони тоҷик, турк ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ иборат буда, танҳо ҷанбаҳои парокандаи таърихӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ин равобитро фаро мегирад. Ҳамзамон, омӯзиши ҳамкориҳои дуҷониба ва фарогири Тоҷикистон ва Туркия дар оғози асри XXI, дар аксари мавридҳо, аз доираи таҳқиқоти ҳамаҷониба берун мондааст. Бо ин назардошт, таҳлили амиқ ва фарогири ин масъала на танҳо имкони пур кардани холигии мавҷударо дар муҳити илмӣ фароҳам меорад, балки заминаи методологии заруриро барои омӯзиши муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ, ҳамчунин ташаккули пояҳои шарикии стратегии ду кишвар таъмин менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** адабиёти илмие, ки ба мавзуи мавриди назар бахшида шудааст, шартан метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард:

Ба зумраи гурӯҳи аввал он асарҳои пажуҳишгарони рус мансубанд, ки махсусан дар солҳои охир таваҷҷуҳи илмии амиқро ба масъалаҳои марбут ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Туркия равона намудаанд. Дар ин замина, таҳлили муфассали муносибатҳои дуҷонибаи миёни Туркия ва Федератсияи Россия, ҳамчунин робитаҳои Ҷумҳурии Туркия бо дигар кишварҳо, дар асарҳои А.Е. Арутюнян [28], И.И. Иванова [95, 96], М.Р. Арунова [145] ва бархе дигар муаллифон ба таври густурда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зикр кардан ҷоиз аст, ки ду таҳқиқоти дастаҷамъона, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни сиёсати хориҷии давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ ва стратегияҳои

ҳамкории Ҷумҳурии Туркия бо онҳо бахшида шудаанд, дорои аҳаммияти бузурги илмӣ мебошанд [113].

Гурӯҳи дуюмро асарҳои пажуҳишгарони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ташкил медиҳанд, ки дар онҳо, аз ҷумла дар корҳои А.Г. Гаджиев [20], А.Ш. Қодирбаев [27], И.Д. Звягелская [35, 36], М.К. Зиганшин [37], Н.Г. Киреев [39], Ю.А. Никитин [105], П. Колачев [107], Д.Б. Малишев [44, 100, 101] ва Е.И. Уразов [65], масъалаҳои мавриди назар инъикос ёфтаанд. Ин пажуҳишҳо бештар ба таҳлили сиёсати иҷтимоию иқтисодии Туркия дар марҳалаи муосир, аз ҷумла ба арзёбии вазъият ва дурнамои рушди иқтисодӣ, ҳамгироии он ба бозори ҷаҳонӣ ва сохторҳои байналмилалии иқтисодӣ, инчунин муносибати он нисбат ба давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ (минбаъд – ДТОМ) ва масъалаҳои монанд бахшида шудаанд. Ба гурӯҳи сеюм осори пажуҳишгарони тоҷик шомил мегарданд, ки барои ин таҳқиқот аз аҳаммияти вижа бархӯрдор мебошанд. Дар ин самт, корҳое, ки ба таърихи муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият марбутанд, ҷолибияти хос доранд. Ба онҳо метавон таҳқиқотҳои олимон, аз қабили Т.Н. Назаров [46, 46, 47], А. Саторзода [45], Ш.М. Султанов [59, 60, 61], А.А. Шарипов [66, 67, 68], З.Ш. Сайидзода [53] ва Э. Раҳматуллоев [51]-ро мансуб донист. Дар ин осор, муаллифон ба масъалаҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар охири садаи XX ва ибтидои садаи XXI шакл гирифтаанд ва равандҳои рушди муносибатҳои байнидавлатиро дар чаҳорчӯби ҳамгироиҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон бо низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ фаро мегиранд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд.

Масоили марбут ба вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ, инчунин иқтидори рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Туркия, дар доираи таҳқиқоти мавҷуда муайян ва арзёбӣ гардидаанд.

Дар асари Назаров Т.Н. ва Сатторзода А. паҳлуҳои мухталифи фаъолияти дипломатияи муосири тоҷик мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, муаллифон раванди ташаккул ва рушди он, ҳамчунин ҷанбаҳои гуногуни сиёсати хориҷии кишварро дар марҳалаи кунунӣ бо тавзеҳоти муфассал ва таҳлили амиқ инъикос намудаанд. Бахусус, осори З. Сайидзода, ки ба таҳқиқи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия бахшида шудаанд, дар заминаи афзоиши мушкилиҳо ва таҳдидҳо ба амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ аҳаммияти махсус касб менамоянд. Муаллиф дар асоси истифодаи маводи фаровон, далелҳо ва адабиёти илмӣ моҳияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон, марҳалаҳои асосии ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ ва роҳҳои такмили механизмҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷиро ба доираи назари масъулон ва ҷомеаи илмӣ пешниҳод кардааст. Дар асари А. Шарипов «Эмомалӣ Раҳмонов: оғози марҳалаи нав» [66] фаъолияти сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мулоқотҳои сатҳи олии ӯ, аз ҷумла бо роҳбарияти Ҷумҳурии Туркия, фаро гирифта шудааст. Ҳамчунин, дар таҳияи ин асар, аз осори Ш.М. Султонов, ки ҷанбаҳои муайяни муносибатҳои муосири Тоҷикистону Туркияро тавзеҳ медиҳанд, истифодаи назаррас ба амал омадааст. Дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ, мо аз рисолаи номзадии Э. Шарофов оид ба таърихи ташаккули муносибатҳои Тоҷикистону Туркия пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ [87], инчунин аз рисолаҳои В.А. Аватков [71, 72], Н.Р. Масумова [76] ва дигарон, ки паҳлуҳои мухталифи муносиботи Туркия бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ мекунанд, баҳра бурдем. Таҳлили осори мавҷуда нишон медиҳад, ки вазъият, равандҳои рушд ва дурнамои муносибатҳои бисёрҷонибаи миёни Тоҷикистону Туркия то имрӯз дар таърихнигорӣ ва адабиёти илмии марбут ба муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ҳамаҷониба инъикос наёфтаанд. Ба гурӯҳи чорум метавон асарҳои муҳаққиқони турк, аз ҷумла Анар Сомучуоғлу, мансуб донист, ки ба масъалаҳои ҳамкории Туркия ва

Тоҷикистон дар доираи равобити Туркия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд. Осори пажуҳишгарони турк Анар Сомучуоғлу ва Керим Хос дорои ҷолибияти вижа буда, дар онҳо ҳам тавсифи умумии сиёсати Туркия ва ҳам таҳлили тағйироти стратегияи сиёсати хориҷии он дар минтақа пешниҳод гардидааст. Дар маҷмӯъ, таҳлили муфассали динамикаи сиёсати Туркия дар Осиёи Марказӣ, бахусус дар робита бо Тоҷикистон [25], ба анҷом расидааст. Аз ҷумла, дар кори таҳлилгари турк Керим Хос, ки муаллифи осори сершумор оид ба равобити Туркия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад [124], дар асари «Хусусиятҳои сиёсати хориҷии Туркия дар Осиёи Марказӣ» [121] бар он таъкид шудааст, ки дар ояндаи наздик ташкили механизми комилан нави сиёсӣ барои муттаҳидсозии Туркия бо кишварҳои минтақа барои Анқара авлавият надорад, зеро дар ин роҳ монеаҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид намуд, ки мавзуи ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия дар доираи таҳқиқотҳои диссертатсионӣ то ҳол кам мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Яке аз таҳқиқотҳои арзишманд дар ин самт аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик Шарофов Э.У. анҷом ёфтааст [87], ки то имрӯз аҳаммияти калони илмии худро ҳифз намудааст. Дар мавриди ҳамкориҳои адабӣ миёни Тоҷикистону Туркия, таҳқиқоти Шарифова Г.А., ки асосан ба масъалаҳои тарҷумаи осори адабии ҳар ду кишвар дар асри XX бахшида шудааст, аз лиҳози таърихӣ ҷолиб мебошад. Гарчанде ин таҳқиқот берун аз доираи омӯзиши мо қарор дорад, мо дар ҳолатҳои зарурӣ аз он барои ишора ба оғози ҳамкориҳои адабӣ-фарҳангии ду кишвар истифода намудаем. Ҳамин тавр, таҳлили маҷмӯии осори зикршуда нишон медиҳад, ки дар оғози асри XXI бисёре аз ҷанбаҳои марбут ба равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия то ҳол мавриди баррасии амиқ қарор нагирифтаанд. Гузаронидани таҳқиқоти муфассал дар ин самт метавонад ба муайянсозии механизмҳои самарабахши татбиқи вазифаҳои рушди сиёсати хориҷӣ ва тақвияти робитаҳои байналмилалии Тоҷикистон саҳми арзанда гузорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома (лоиҳа)-ҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Ин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав амалӣ гардида, ба мавзуи «Равандҳои сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохилӣ ва берунӣ (барои солҳои 2016–2020, 2021–2025)» бахшида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии ин таҳқиқот аз он иборат аст, ки хусусиятҳои такомул ва вижагиҳои ташаккули пойгоҳи сиёсию ҳуқуқӣ, ҳамчунин ҷанбаҳои муҳимми муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркияро дар ибтидои асри XXI дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ мавриди таҳлили амиқ қарор диҳад.

**Вазифа таҳқиқот**. Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои муайяншуда, вазифаҳои зерин пешбинӣ ва иҷрои онҳо зарур шуморида шудаанд:

– таҳқиқи самтҳо ва тамоюлҳои асосии рушди робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар марҳалаи муосир, бо дарназардошти таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии ду кишвар дар форматҳои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба;

– муайянсозии дараҷаи таҳаввули муносибатҳои Тоҷикистону Туркия дар шароити афзоиши нуфуз ва тақвияти мавқеи геополитикии Туркия дар фазои минтақавии Осиёи Марказӣ;

– омӯзиши амиқи самтҳои калидии тавсеаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва баррасии ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои муштараки байни Тоҷикистон ва Туркия;

– таҳлили раванди ташаккули ҳамкориҳои ду кишвар дар масъалаҳои марбут ба қазияи Афғонистон, аз ҷумла дар заминаи амният, мубориза бо терроризм ва пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар;

– баррасии хусусиятҳои рушди робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Туркия дар бахшҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ бо дарназардошти таъсири онҳо ба ҳамгироии ду кишвар.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти асосии ин таҳқиқотро омӯзиши равандҳо, самтҳо ва хусусиятҳои сиёсати хориҷӣ ва фаъолияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар шароити нави таърихии ибтидои асри XXI ташкил медиҳад, ки ин равандҳо бо таҳаввулоти бунёдии заминаҳои назариявию консептуалӣ дар муносибатҳои байнидавлатии ҳар ду кишвар иртиботи мустақим доранд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи асосии таҳқиқотро таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи вазъияти кунунии рушду тавсеаи самтҳо ва механизмҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ташкил дода, дар ин замина равшан сохтани дурнамои робитаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар давраи солҳои 2012–2023 мавқеи калидӣ мегирад.

**Марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот.** Марҳилаи аввали таҳқиқот, ки давраи солҳои 2012–2015-ро фаро мегирад, ба омӯзиши таҳлилӣ ва ҷамъбастии пояҳои таърихию ҳуқуқии муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия бахшида шуда, дар он муаллиф ҷараёни ташаккул ва рушди робитаҳои дипломатӣ ва иқтисодии ду кишварро дар заминаи воқеаҳои ин давра мавриди баррасии муфассал қарор додааст.

Дар марҳилаи дуюм, ки солҳои 2016–2023-ро дарбар мегирад, диққати асосӣ ба таҳқиқи амиқи равандҳои муосири ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия равона гардида, самтҳои калидии тавсеаи муносибатҳо, аз ҷумла татбиқи тарҳҳои муштараки ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии дуҷониба, таҳлили хусусиятҳои рушди робитаҳо дар соҳаҳои иҷтимоию гуманитарӣ ва ташаккули ҳамкориҳо дар масъалаи марбут ба қазияи Афғонистон мавриди пажуҳиши густурда қарор гирифтаанд.

Зикр кардан зарур аст, ки бо ҳадафи ифшои ҳамаҷонибаи паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои мавриди таҳқиқ, муаллиф дар раванди пажуҳиш ба санадҳо ва воқеаҳои таърихии солҳои қаблӣ ва баъдӣ низ рӯ овардааст, то ки марҳилаҳои таҳқиқот бо равшанӣ ва мантиқияти бештар ифода ёбанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Пояи назариявии ин таҳқиқотро маҷмӯи равияҳо ва назарияҳои муосири илмӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ташкил медиҳад, ки дар он, аз ҷумла, назарияи реализм — бо такя ба манфиатҳои миллии давлатҳо ва зарурати омӯзиши амиқи равандҳои сиёсати хориҷӣ — ба унвони яке аз пояҳои асосии таҳлил истифода шудааст. Ҳамзамон, назарияи неолиберализм, ки дар он нақши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва равобити байналмилалӣ ҳамчун воситаи таҳкими муносибатҳо дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад, ҷузъи муҳимми асоси назариявии пажуҳишро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, мавқеъҳо, андешаҳо ва таҳаввулоти бунёдии илмӣ дар соҳаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, ки дар асарҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ инъикос ёфтаанд, низ заминаи назариявии таҳқиқотро ғанӣ мегардонанд. Яке аз пояҳои дигари муҳимми назариявии ин тадқиқотро санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Туркия, аз ҷумла доктринаи «Умқи стратегӣ: мавқеи байналмилалии Туркия» ташкил медиҳанд, ки ҳамчун асоси рушди устувор ва такомули сиёсати хориҷии ин кишвар дар ибтидои асри XXI арзёбӣ мешавад.

Дар ҷараёни анҷом додани таҳқиқот, муносибати системавӣ нисбат ба ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия матраҳгардида мавриди истифода қарор гирифта, ин равиш имконият фароҳам овард, ки вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин динамикаи рушди муносибатҳо бо Ҷумҳурии Туркия дар давраи истиқлолият бо амиқият ва ҳамаҷонибӣ таҳлил карда шаванд. Илова бар ин, дар раванди таҳқиқот методҳои таҳлили адабиёти илмӣ ва таърихӣ, инчунин усули таҳлили муқоисавию таърихӣ ба таври фаъол истифода гардиданд. Истифодаи

чунин методҳо имконият дод, ки сатҳи таҳаввули объекти мавриди омӯзиш, тағйиротҳои ба амал омада, муқоиса ва арзёбии онҳо анҷом ёбанд, ҳамчунин тамоюлоти рушди минбаъдаи онҳо муайян карда шаванд. Методи таърихию генетикӣ, ки ба омӯзиши генезис ва марҳилаҳои ташаккул ва рушди падидаҳо равона шудааст [91], имкон медиҳад, ки падидаҳои мушаххаси таърихӣ, омилҳои тағйирпазирӣ ва пайдарҳамии мубоҳисаҳо оид ба масоили сиёсати хориҷӣ дар доираҳои сиёсии Туркия бо пайдарҳамии мантиқӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** маҷмӯи васеи аснод ва манбаъҳои расмӣ ташкил медиҳад, ки ба онҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсияи Ҷумҳурии Туркия, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктринаи сиёсати хориҷии Туркия дар давраи мавриди таҳқиқ, ҳамчунин аснsocial сиёсию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти ҳукуматҳои ҳар ду давлат дар арсаи байналмилалӣ шомил мегарданд. Ин маҷмӯъ ҳамчунин қарордодҳо, созишномаҳо ва протоколҳоро фаро мегирад, ки миёни Ҷумҳурии Туркия ва дигар давлатҳо ба имзо расида, динамикаи рушди муносибатҳои байналмилалии ин кишварҳоро инъикос менамоянд. Илова бар ин, асноду мадорики бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун манбаи муҳимми иттилоотӣ истифода шудаанд.

Пойгоҳи сарчашмавии асосии таҳқиқотро маҷмӯи васеи аснод ва мадорике ташкил медиҳанд, ки ҳамчун маводи воқеӣ барои анҷоми таҳқиқот ва гузаронидани таҳлили эмпирикӣ хизмат намуда, тамоюлҳо, хусусиятҳои ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодӣ, масоили мавҷудбуда ва дурнамои рушди онҳоро дар бар мегиранд. Қисмати муҳимми ин сарчашмаҳоро асноди расмӣ ва санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ташкил медиҳанд, ки пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсияи Ҷумҳурии Туркия, шартномаҳо ва созишномаҳои байниҳукуматӣ, маводи мулоқотҳои сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо,

инчунин изҳороти роҳбарони кишварҳоро дар бар мегиранд. Дар ҷараёни таҳқиқот маҷмуаи шартномаҳо, созишномаҳо ва конвенсияҳои мавҷуд, ки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркия ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба имзо расидаанд, бо маълумотҳои муқоисавии оморӣ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки имкони пайгирии динамикаи муносибатҳоро дар давраи мавриди таҳқиқ фароҳам меоранд. Ғайр аз ин, маводи матбуоти даврии Туркия (ба забони русӣ тарҷумашуда), Осиёи Марказӣ, Федератсияи Россия ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, ҳамчунин иттилоъ аз сомонаҳои расмии мақомоти давлатӣ, шабакаи интернет, ширкатҳо ва марказҳои таҳқиқотии Тоҷикистон, Туркия, Россия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ, ба таври васеъ истифода шудаанд. Илова бар ин, мақолаҳое, ки дар нашрияҳои даврии маъруф, аз қабили «Turkish Daily News», «The New Anatolian», «Hurriyet», «Cumhuriyet», «Zaman», «Sabah», «Milliyet», «Diplomat», «Istanbul Ticaret», «Центральная Азия и Кавказ», «Азия и Африка сегодня», «Восток», «Перспектива», «Россия и мусульманский мир», «Вестник Евразии» ва дигар нашрияҳо чоп шудаанд, дар ғанӣ гардондани асоси сарчашмавии таҳқиқот саҳми назаррас гузоштаанд. Бо дарназардошти гуногуншаклӣ, гуногунмазмунӣ ва ҳаҷми бузурги маводи сарчашмавӣ, мувофиқ аст, ки онҳо ба гурӯҳҳои муайян ҷудо карда шаванд.

**Гурӯҳи якуми** манбаъҳоро санадҳои расмии нисбатан муҳим ташкил медиҳанд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркияро дар бар гирифта, аз ҷумла қарордодҳои байнидавлатӣ, созишномаҳо, маълумотномаҳо оид ба мулоқоти сарони давлатҳо, изҳороти роҳбарони кишварҳо ва ҳуҷҷатҳои монанди онҳоро фаро мегиранд.

**Гурӯҳи дуюмро** сарчашмаҳои дорои арзиши илмӣ ва амалии баланд ташкил медиҳанд, ки ба онҳо қарордодҳои амалкунанда, созишномаҳо, конвенсияҳои тасдиқшуда, ҳамчунин қарордодҳое, ки байни Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия ба имзо расидаанд, шомил мешаванд. Ин аснод имкони ташхис ва арзёбии сатҳи рушди муносибатҳои ду давлатро дар давраи мавриди таҳқиқ фароҳам меоранд. Илова бар ин, маҷмуаҳои оморӣ, ки дар худ иттилооти расмии вазоратхонаҳо ва идораҳои мухталифи Тоҷикистон ва Туркияро инъикос менамоянд, ҳамчун сарчашмаҳои муҳимми таҳқиқот хизмат мекунанд.

**Гурӯҳи сеюмро** маводи ҷории бойгониҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ташкилоти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва дигар муассисаҳои марбут ташкил медиҳанд. Аз ин манбаъҳо мо аснод ва маводи гуногунро, ки равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Туркияро инъикос месозанд, дарёфт намудаем.

**Гурӯҳи чорумро** маводи матбуоти даврӣ ташкил медиҳанд, ки иттилооти расмӣ оид ба масъалаи муносибатҳои ду кишварро дар бар гирифта, аз матбуоти даврӣ, сомонаҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ, ҳамчунин аз ахбори манбаъҳои гуногун ва оҷонсҳои иттилоотӣ дастрас шудаанд. Илова бар ин, барои таҳқиқот маводи ҷолиб аз фаъолияти Шурои Россия оид ба корҳои байналмилалӣ (ШРКБ) ва аз конфронси байналмилалӣ бо унвони «Россия ва Туркия: таҳкими ҳамкории гуногунпаҳлу. 95-солагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ», ки 15 октябри соли 2015 баргузор шудааст [134], истифода гардид.

Ҳамин тавр, пойгоҳи манбаъҳои мазкур, ки маҷмӯи васеи аснод ва мадорикро фаро мегиранд, на танҳо асоси таҳқиқоти мазкурро ташкил дода, балки тамоюлҳо ва механизмҳои ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии

Туркияро дар бар гирифта, имкони муайян кардани дурнамо ва рушди минбаъдаи онҳоро низ фароҳам меоранд.

**Навгониҳои илмии ин таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки рисола барои аввалин бор бо такя ба истифодаи густурдаи манбаъҳои аслӣ ва далелҳои воқеӣ, таҳлили ҳамаҷониба ва мукаммали муносибатҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркияро дар марҳалаи нави рушди робитаҳои байнидавлатӣ анҷом медиҳад. Муаллиф, бо истифода аз иттилоъ ва сарчашмаҳои пурғановати мавҷуда, на танҳо дастовардҳо ва ҷанбаҳои мусбати ҳамкориҳои ду кишварро дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ равшан намудааст, балки маҳдудиятҳо ва нуқсонҳои мавҷударо низ муайян карда, дар асоси ин таҳлилҳо натиҷагирии умумиро оид ба дурнамо ва самтҳои рушди минбаъдаи равобити тарафайн барои даҳаҳои дуюм ва сеюми асри XXI пешниҳод намудааст.

Навгониҳои илмии ин таҳқиқотро дар бар мегиранд:

- баррасии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия дар давраи муосир дар заминаи доктринаи нави сиёсати хориҷӣ «Умқи стратегӣ...» бо арзёбии таъсири он ба равандҳои минтақавӣ ва дуҷониба, ки то имрӯз дар муносибатҳои байналмилалии муосир ба таври ҷудогона ва ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст;

- таҳқиқи равандҳо ва падидаҳои нави ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии миёни Тоҷикистону Туркия, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои муштарак, ки заминаи нав барои рушди робитаҳои иқтисодии ду кишварро дар оғози асри XXI фароҳам овардаанд;

- баррасии ҳамаҷонибаи мушкилоти амниятии минтақавӣ дар равобити дуҷониба, бахусус дар робита ба қазияи Афғонистон, мубориза бо терроризм, бунёдгароии динӣ ва пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, ки барои аввалин маротиба дар чаҳорчӯби муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Туркия мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст;

- инъикоси муфассали муносибатҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарии байни ду кишвар бо таъкид бар паҳлӯҳои нави ҳамкорӣ ва нақши онҳо дар таҳкими робитаҳои мардумони ҳарду кишвар.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи мушкили таърихиро паси сар намуд, ки онро нооромиҳои сиёсӣ дар дохил, ҷанги шаҳрвандӣ, равандҳои душвори ба даст овардани сулҳи устувор ва расидан ба ваҳдати миллӣ тавсиф мекунанд. Ин омилҳо барои муддати тӯлонӣ рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро боздоштанд. Дар чунин вазъияти мураккаб, масъалаҳои марбут ба ислоҳоти амиқи иқтисодӣ, таҳияи механизмҳои самарабахши татбиқи онҳо ва гузариш ба низоми муносибатҳои бозорӣ бо сиёсати хориҷии давлат робитаи зич пайдо намуда, зери таъсири мутақобилаи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ташаккул ёфтанд.

2. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба субъектҳои байналмилалӣ, аз ҷумла нисбат ба Ҷумҳурии Туркия, бо дарназардошти тавозуни манфиатҳо ва танзими мақсадноки уҳдадориҳо, тибқи принсипи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва динии кишвар амалӣ карда мешавад.

3. Самтҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия, аз ҷумла муносибатҳои иқтисодӣ, робитаҳои иҷтимоӣ, ҳамкориҳо дар соҳаи амният, мубориза бо терроризм ва пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, ба манфиати таҳкими амнияти минтақавӣ хизмат мерасонанд. Дар ин замина, Ҷумҳурии Туркия дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи намоён дошта, ҳамчун як давлати дунявии мусулмонӣ бо низоми ҳуқуқбунёд ва ҷудоии дин аз давлат шинохта мешавад.

4. Динамикаи рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва ҳамаҷонибаи миёни Тоҷикистону Туркия дар чаҳорчӯби равобити байнидавлатӣ дорои тафовутҳои ҷиддӣ мебошад. Ҳамзамон, дар пасманзари рушди

ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва гуманитарӣ бо Туркия, Ҷумҳурии Тоҷикистон вижагиҳои миллии худро ҳифз намуда, мавқеъгириҳои хоси Туркияро дар робита ба таблиғу ташвиқи андешаҳои пантуркистӣ, ташкили иттиҳодияҳо, артиш, парламент ва шӯрои муштараки иқтисодӣ бо кишварҳои туркзабон, ки дар ҳаллу фасли чунин масъалаҳо нақши ҳалкунандаро Туркия иҷро мекунад, ба таври ҷиддӣ ба инобат мегирад.

5. Ҳамкориҳои судманди ду кишвар бо истифода аз воситаи «неруи нарм» заминаи муносиб барои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҳаллу фасли баҳсу мунокишаҳои минтақавӣ, ҳамчунин дар ташаббусҳои байналмилалӣ, аз қабили «Муоҳидаи тамаддунҳо», «Миёнаравӣ ба хотири сулҳ», «Гурӯҳи дӯстони медиатсия» ва монанди он, фароҳам меоранд.

6. Бо ишора ба дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия дар форматҳои дуҷониба ва бисёрҷониба метавон гуфт, ки ин равобит дар тамоми бахшҳо дар даҳаи сеюми асри XXI дар фазои мусоиду муносиб рушд ёфта, дар маҷмӯъ метавонад заминасоз барои ташаккули мақоми «шарикии стратегӣ» ва гузариш ба сатҳи сифатан нав дар муносибатҳои байнидавлатии ҳар ду кишвар, махсусан дар соҳаи иқтисодӣ гардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии ин таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои ба дастомада, ки дар заминаи омӯзиши муносибатҳои дуҷониба, таҳлили вазъияти муосир ва дурнамои ҳамкориҳо ба даст омадаанд, дорои арзиши муайян барои рушди назария ва амалияи фаъолияти хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ин натиҷаҳо ба ташаккули тасаввури мукаммал дар бораи масъалаҳои марбут ба истиқрор ва густариши робитаҳои дуҷонибаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия мусоидат мекунанд. Натиҷаҳои пажуҳиш метавонанд барои таҳияи таърихи асосии муносибатҳои Тоҷикистону Туркия, инчунин барои хондани маърузаҳо ва курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф, бахусус дар робита ба масъалаҳои ташаккул ва

рушди муносибатҳои миёни халқҳои тоҷику турк, метавонанд дар такмили ҷаҳонбинии умумии муҳаққиқони соҳаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим бозанд. Илова бар ин, онҳо метавонанд дар равандҳои таълиму тарбияи ҷавонон самаранок истифода шаванд. Тавсияҳои мазкур барои такмили муносибатҳои дипломатӣ бо Ҷумҳурии Туркия, ҳамчунин барои фаъолияти сохторҳои ғайриҳукуматии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти иҷроия, ки вазифаи рушди ҳамкорӣ бо сохторҳои шабеҳи Ҷумҳурии Туркияро бар дӯш доранд, заминаи амалии муҳайё месозанд.

Аҳаммияти амалии ин таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва муқаррароти пешниҳоднамудаи муаллиф метавонанд ба фаъолияти сохторҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парлумони кишвар, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шуъбаҳо ва идораҳое, ки ба соҳаи фаъолияти байналмилалӣ машғуланд, ҳамчун воситаи муфид хизмат намоянд. Илова бар ин, маводи ин диссертатсияро метавон дар раванди омӯзиши минбаъдаи ин масъалаи мураккаби илмӣ истифода бурд, ҳамчунин онро барои таълими курсҳои марбут ба таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати ҷаҳонӣ ва геополитика ба таври самаранок татбиқ намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои ин таҳқиқот бо такя ба маълумотҳои дақиқу санҷидашуда, ҳаҷми кофии маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ва нашрияҳои марбут таъмин мегардад. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар асоси таҳлили амиқи пажуҳишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии мавҷуда таҳия шудаанд. Ин диссертатсия, бо дарки ҳамаҷонибаи масъалаҳои мавриди таҳқиқ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷонибаи миёни Тоҷикистон ва Туркия, ба равшан намудани самтҳои калидии ҳамкориҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ миёни ду кишвар дар давраи мавриди таҳқиқ мусоидат мекунад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот дар асоси бархурдҳо ва истифода аз усулҳои байнисоҳавии илмии таърихи-политологӣ анҷом дода шудааст, вале ҷойи асосиро дар он методологияи таърихӣ ишғол мекунад. Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Ҳама марҳилаҳои кори илмӣ, аз ҷумла: интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва аҳаммияти он, ҳадаф ва ноил шудан ба вазифаҳои гузошташуда бо иштироки бевоситаи довталаби дараҷаи илмӣ гузаронида шудаанд. Дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ дисертант саҳми худро дар рушди омӯзиши масъалаҳои асосӣ ва самти рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар давраи таҳқиқшаванда гузошта, инчунин хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳо ироа намуда, мақолаҳои илмии хешро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар нашрияҳо ба нашр расонидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедрахои таърихи халқи тоҷик, сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст. Натиҷа ва дастовардҳои илмии муаллиф дар як қатор мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф дар маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикоси худро ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 4-адад мақолаи ба нашр расидаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссии олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2-мақола дар маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ интишор гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, руйхати ихтисораҳо, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 195 саҳифаи матни компютерӣ иборат мебошад.

# БОБИ 1. ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ РОБИТАҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ТУРКИЯ ДАР ОҒОЗИ АСРИ XXI

## 1. Тағйироти бунёдии асосҳои назариявӣ – консептуалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия дар ибтидои асри XXI ва таъсири он ба рушди муносибатҳо бо ҶумҳурииТоҷикистон.

Рушду таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI, ки ба давраи пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ рост меояд, на танҳо як воқеияти сиёсиву иқтисодӣ, балки нишонаи равшани болоравии нақш ва мавқеи Туркия дар низомҳои муосири минтақавии муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Дар ин давра, тағйироти ҷиддӣ дар сохтори геополитикии Осиёи Марказӣ, ҳамзамон бо пайдоиши шароити нави ҳамгироӣ, имкониятҳои тозаеро барои ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ миёни ду кишвар ба вуҷуд овард. Аз як тараф, Туркия бо истифода аз омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва забонӣ тавонист робитаҳои худро бо кишварҳои пасошӯравии минтақа, аз ҷумла бо Тоҷикистон, таҳким бахшад; аз ҷониби дигар, Тоҷикистон низ дар заминаи сиёсати хориҷии худ ба ин раванд ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодиву иҷтимоӣ аҳаммияти ҷиддӣ дод. Бо дарназардошти ин омилҳо, таҳлили ҳамкориҳои мазкур аз дидгоҳи илми сиёсӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ аҳаммияти хоса пайдо менамояд. Туркия дар қиёс бо дигар бозингарони минтақавӣ дар робита ба Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ сиёсати фаъолро пеш мебарад. Ба ин муносибат саволе ба миён меояд, ки сабабҳои ин гуна сиёсати берунии бомуваффақияти прагматикиро пеш бурдан дар чист? Ҷавоб ба ин саволро бояд дар тағйироти бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ дар оғози асри XXI ҷустуҷӯ намуд. Гузашта аз он, бо ташаббуси назарияпардозони сиёссии ин кишвар доктринаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки хуб оид ба стратегияи сиёсати хориҷии Ҷумхрии Туркия бо

номи «Умқи стратегӣ: мавқеи байналмилалии Туркия» таҳия мегардад, ки мақом ва нақши ин кишварро дар низоми равобити байналмилалии муосир, аз ҷумла дар муносибат бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кулли тағйир медиҳад.

Дигаргуниҳои ҳаёти берунӣ ва дохилии сиёсии мамлакат талаб мекарданд, ки ба сиёсати берунӣ мувофиқи шароити нав ислоҳот дароварда шаванд. Дар стратегияи сиёсати берунии Ҷумҳурии Туркия равишҳои нави назариявӣ ва сиёсӣ тақозо мегардид. Ҳамаи инро ба назар гирифта, дар Туркия кушиш ба харҷ дода мешавад, ки доктринаи нави сиёсати хориҷиеро кор карда бароянд, ки нуфузу эътибори ин кишварро дар арсаи байналмилали ва минтақавӣ пурзур нмояд. Ин масъалаи муҳим дар асоси ба эътибор гирифтани андешаҳо ва дидгоҳҳои Аҳмад Довудоғлу, мудири бахши равобити байналмилалии Донишгоҳи Бейкенти Истамбул роҳи ҳалли худро пайдо мекунад. Баъдан дар санаи 1 майи соли 2009 у вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия таъйин мегардад. Андешаҳои консептуалии ӯ дар китобаш бо номи «Умқи стратегӣ: мавқеи байналмилалии Туркия» дар соли 2001 баён шудаанд. Дар ибтидо он дар ҷомеаи Туркия ҷидди пазируфта нашуд. Танҳо дар оғози даҳсолаи дуюми асри XXI сиёсатмадорони Туркия мазмун ва мундариҷаи онро ҳамаҷониба омӯхта, онро як падидаи хуб қабул карданд. Тавре, ки баъдан мушоҳида мешавад ба шарофати он усулҳо, афзалиятҳо ва ҳадафҳои стратегии Туркия дар шароити нав ба куллӣ, дигар муайян карда мешаванд. Ин доктринаи нави сиёсати хориҷии Туркия дар ибтидои асри XXI буд. Ба ибораи дигар ҷараёни азнавсозии сиёсии дохилӣ бо тамоюли идеологӣ ба амал омада, зарурати кор карда баромадани стратегияи нави берунӣ ва доктринаи нави сиёсати хориҷиро ба миён овард. Ҳамин тариқ, бори нахуст дар сиёсати хориҷии Туркия на шиорҳо ва на тавсияҳои инфиродии таҳлилгарони стратегӣ, балки таҳқиқоти бунёдии илмӣ дар шакли дастурҳои роҳнамоикунанда сармашқи асосии фаъолияти корӣ қарор мегиранд.

Ба далели он, ки дар пурқувват гардидани робитаҳои Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ин доктрина фавкуллода муҳим аст, барои ҳамаҷониба фаҳмидани ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мавриди баррасишаванда лозим медонем ба таври мухтасар ба баъзе аз муқарраротиасосии илмии ин доктрина ишора намоем: дар ибтидо бояд дар назар дошт, ки дар шароити нав бояд чунин воқеиятеро ба эътибор гирифт, ки Туркия бо сабабҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ бояд дар сиёсати ҷаҳонӣ нақши барҷастатарро бозад, то дар ин замина тавонад ба иттифоқчии дуюми Ғарб табдил ёбад. Тадбиқи ин муқарраротисиёсӣ тақозо мекунад, ки Туркия мавқеи бартарии худро дар арсаи байналмилалӣ, ки бо фурӯпошии Империяи Усмонӣ аз даст дода буд, муҷаддадан барқарор кунад.

Маҳз дар ҳамин замина, тағйироти бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ Туркияро дар охири асри XX ва дар оғози асри XXI мушоҳида кардан мумкин аст.

Аз ҷумла, тавсеаи ҳамкориҳои судманди дуҷониба ва ҳамаҷониба бо кишварҳои навтаъсиси Осиёи Марказӣ, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз иқдомҳои нав ба шумор меравад. Гузашта аз он, бар асоси ҳалли масоили минтақави, Туркия бояд мушкилоти деринро бо кишварҳое ҳал кунад, ки бо онҳо гузашта ва ҷуғрофиёи муштарак дорад. Ин барои пешбурди манфиатҳои умумӣ ва фароҳам овардани заминаҳои судманди ҳамкорӣ ва муколама шароити мусоид фароҳам меорад [134].

Дар шароити нав дар сиёсати берунии Туркия ба дипломатияи иқтисодӣ ҳамчун равиши прагматикии инкишоф додани муносибатҳо бо мамлакатҳои хориҷӣ афзалият дода шуд. Дар баробари ин дар сатҳи дипломатӣ тактикаи инкишофи муносибатҳо бо мамлакатҳои араб ва давлатҳои тозаистиқлолшудаи Осиёи Марказӣ ташаккул ёфт.

Маҳз ҳамин тағйироти бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ дар оғози асри XXI омили асосии таъсиргузоре гардиданд, ки ба барқарор ва рушди муносибатҳои Туркия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус

Тоҷикистон заминаи мусоидро ба вуҷуд оварданд. Тавре ки аз таҳлили равандҳои таърихӣ бармеояд, истиқлолияти давлатҳои тозаистиқлол, аз ҷумла ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ, дар фосилаи кӯтоҳи замонӣ – фавран пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва асосан дар давраи солҳои 1991–1992, расман ба расмият шинохта шуд. Ин раванд на танҳо натиҷаи ҷудошавии сиёсиву иқтисодии ин давлатҳо аз сохтори ягонаи шӯравӣ, балки ҳамзамон оғози марҳалаи нав дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ буд. Дар ҳамин давра, бо ҳамаи ин кишварҳо, аз ҷумла бо давлатҳои ҳамсарҳад ва минтақаҳои дорои робитаҳои таърихиву фарҳангӣ, муносибатҳои расмии сиёсӣ ва дипломатӣ барқарор гардиданд. Ин иқдом, ки дар доираи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва меъёрҳои эътирофшудаи муносибатҳои дипломатӣ анҷом ёфт, заминаи устувореро барои ташаккули ҳамкориҳои минбаъда дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амниятӣ фароҳам овард.

Тавре ки таҷрибаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия нишон медиҳад ин равиш комилан мантиқӣ буд, яъне тафаккури стратегӣ ва ҳуввияти фарҳангӣ нисбат ба давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ дар ду самт арзи вуҷуд менамояд: а) ҷумҳуриҳои туркзабон – Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон; б) тоҷикзабонони аз ҷиҳати этники ҷудошуда – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бояд гуфт, ки чунин бархурди назарияпардозони Туркия дар ин маврид бештар ба андешаҳои донишманди амрикоӣ Самуэл Ҳантингтон мувофиқат мекунад. Тавре маълум аст, назарияи ин пажуҳишгар дар бораи он, ки дар асри XXI на давлатҳо, балки тамаддунҳо субектҳои асосии сиёсӣ хоҳанд буд, дар ҷаҳон маъруфияти зиёд пайдо кардааст. Дар асари худ «Бархӯрди тамаддунҳо ва бознигарии низоми ҷаҳонӣ» (1993), аз ин рӯ, дар шароити ҷаҳонишавӣ манбаи асосии низоъ на идеология, балки ҳуввияти фарҳангӣ, яъне тафовут дар таърих, забон, фарҳанг, анъана ва муҳимтар аз ҳама, дин аз тафовут дар идеология ва низомҳои сиёсӣ асоситар аст [65]. Агар омӯзиши масъалаи мазкурро дар

шароити муосир ва муҳимтар аз он дар омӯзиши таърихи муносибатҳои байналхалқии муосир диққат намоем, маълум мегардад, ки дар воқеъ рақобатҳои шаддиди тамаддунӣ руз аз руз меафзояд ва омӯзиши таърихии ин масъаларо барои таҳқиқ ҷолибтар менамояд, ки мо низ барои ифодаи матлаб ба он ишора намудем.

Нуқтаи муҳимми дигари илмие, ки барои Туркия дар шароити нав аҳаммияти хосро касб кард, рушди дипломатияи обу энергетика буд. Аз ин лиҳоз, бархӯрдҳои сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Туркия, бахусус дар соҳаи дипломатияи об ва энергетика, ба самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат ва ҳамоҳангии назаррас доранд. Ин ҳамсӯйӣ ва мувофиқати равандҳо на танҳо натиҷаи манфиатҳои муштарак дар идоракунии захираҳои обӣ ва энергетикӣ мебошад, балки бозгӯи имкониятҳои васеи ҳамкориҳои дуҷониба дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ низ ҳаст. Бо дарназардошти таҷрибаи Туркия дар самти ташаккул ва татбиқи ҳадафҳои стратегии ҳалли мушкилоти энергетикӣ, ки бо модернизатсияи инфрасохтор, ҷалби сармоягузорӣ ва истифодаи технологияҳои пешрафта ҳамроҳ аст, Тоҷикистон метавонад аз ин моделҳои муваффақ дар таҳияи барномаҳои миллӣ ва минтақавии худ самаранок истифода намояд. Чунин раванд, дар навбати худ, метавонад заминаи муҳиме барои таъмини амнияти энергетикӣ ва рушди иқтисодиёти мутамаркази кишвар фароҳам оварад.

Дар баробари ин, чунин омилро низ ба назар гирифтан лозим аст, ки Туркия дар масъалаҳои стратегияи энергетикӣ захираҳои ночизи ашёи хоми худро дорад, вале дар айни замон онро мамлакатҳои дорои захираҳои бойи нефту газ иҳота кардаанд. Дар ин замина Туркияро боз лозим аст, ки дар таҳияи стратегияи сиёсати хориҷии худ аз бартариҳои мавқеи геополитикии худ моҳирона истифода кунад. Махсусан, Туркия бояд бо кишварҳои содиркунандаи маводи нерузо равобити дӯстона барқарор кунад ва интиқоли неруи баркро аз ҷумлаи ҳадафи стратегии худ қарор диҳад. Дар ҳалли ин масъала мавқеи географии Туркия

аҳаммияти калон дорад. Ин кишвар дар байни кишварҳои Ховари Миёна ва ҳавзаи Хазар, ки захираҳои бойи маводи нерузо доранд ва Аврупо, ки ниёзманди манобеи энергетики мебошад, ҷойгир аст. Аз ин рӯ, ин вазъият ба Туркия имкон медиҳад, ки ба як маркази тақсимоти энергия табдил ёбад. Татбиқи ин имконият ба баланд шудани нақш ва мавқеи Туркия ҳам дар минтақа ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард. Барои ноил шудан ба ин, Туркия бояд як стратегияи муносиби энергетикӣ таҳия кунад ва дар лоиҳаҳои энергетикӣ фаъолона ширкат варзад, то аз масирҳои энергетики хуб истифода карда тавонад. Иҷрои ин вазифаҳои стратегӣ иқдомҳои муҳимро дар бахши сиёсати берунӣ тақозо мекунад. Аз ҷумла, ташаккули камарбанди ҳамсоягии нек дар атрофи Туркия ва дар ин замина ҳалли масъалаи таъмини ашёи хоми боэътимод барои кишвар.

Дар ибтидои асри XXI Туркия бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ ва мероси таърихии худ тамоми сифатҳои лозимии як абарқудрати минтақаро дар худ таҷассум мекунад. Туркия ягона давлати Авруосиё аст, ки ба Балкан, Ховари Миёна ва Қафқоз дастрасӣ дорад. Аз ин лиҳоз, бархӯрдҳои сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Туркия, бахусус дар соҳаи дипломатияи об ва энергетика, ба самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат ва ҳамоҳангии назаррас доранд. Ин ҳамсӯйӣ ва мувофиқати равандҳо на танҳо натиҷаи манфиатҳои муштарак дар идоракунии захираҳои обӣ ва энергетикӣ мебошад, балки бозгӯи имкониятҳои васеи ҳамкориҳои дуҷониба дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ низ ҳаст. Бо дарназардошти таҷрибаи Туркия дар самти ташаккул ва татбиқи ҳадафҳои стратегии ҳалли мушкилоти энергетикӣ, ки бо модернизатсияи инфрасохтор, ҷалби сармоягузорӣ ва истифодаи технологияҳои пешрафта ҳамроҳ аст, Тоҷикистон метавонад аз ин моделҳои муваффақ дар таҳияи барномаҳои миллӣ ва минтақавии худ самаранок истифода намояд. Чунин раванд,

дар навбати худ, метавонад заминаи муҳиме барои таъмини амнияти энергетикӣ ва рушди иқтисодиёти мутамаркази кишвар фароҳам оварад.

Аз ин рӯ, «нуқтаи марказии ташаккули сиёсати надоштани хеҷ гуна мушкилот, «мушкилоти сифр» «нол проблем» бо ҳамсояҳо буд, ки ба принсипи оддӣ асос ёфта буд. Туркия бояд проблемаҳои муносибатҳоро бо давлатҳои ҳамсоя ба сифр расонда, проблемаҳои дохилии худро ҳал карда, иқтисодиёти худро боз ҳам тараққӣ диҳад. Агар ин кор сурат бигирад, ин кишвар бо далели мавқеи хосси геополитикии худ ҳамчун як кишвари демократии модели ғарбӣ бо аҳолии умдатан мусалмон, ҳамчун номзад ба узвият дар Иттиҳодияи Аврупо ва узви СААШ, дар Аврупо, Қафқоз ва Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик нақши муҳим хоҳад бозид» [166].

Аммо рафти барқарор намудани муносибатҳои неки ҳамсоягӣ маънои онро надошт, ки Туркия сиёсати хориҷии худро бар зарари самти Ғарб ба роҳ монда, ба самти Шарқ таваҷҷуҳ нанамояд. Туркия бояд бо Ғарб равобити хуб дошта бошад, аммо дар баробари ин бояд мавқеи худро дар Шарқ низ мустаҳкам намояд. Доктрина чунин ақидаро ба миён гузоштааст, ба ин васила вазифадор аст, сиёсати хориҷии бисёрсамтаро пеш барад, зеро манфиатҳои миллии кишвараш инро тақозо мекунанд. Бисёр коршиносон ба сиёсати нави берунии Ҷумҳурии Туркия таҳлилу баррасӣ карда, онро «усмонизми нав» низ номгузорӣ кардаанд. [148].

Дар ҳар сурат метавон гуфт, ки ин як кӯшиш барои барқарор кардани нуфузи сиёсӣ ва таъсири Туркия дар кишварҳое мебошад, ки як замон дар ҳайати Империяи Усмонӣ буданд ва эҳёи бузурги усмониро ҷустуҷӯ доранд, вале дар заминаи нав ва дар асоси унсурҳои муосир тавассути ворид намудани институтҳои демократӣ ба сохторҳои қудратӣ, бартарияти иқтисодӣ ва шояд динӣ шакл гирифтааст.

Барои татбиқи ин доктрина дар чаҳорчуби ВКХ-и Туркия дигаргунсозии сиёсати хориҷии кишвар дар асоси 3 принсипи

методологӣ пешбинӣ шуда буд: ин равиш, ки бар асоси муносибати идеалистӣ ба мушкилот ташаккул ёфтааст, ба ҷойи муносибати бухронӣ, ки дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия дар тамоми давраи ҷанги сард ҳукмфармо буд, амалӣ мегардад. Масалан, Туркия дар мавриди Ховари Миёна дидгоҳи стратегӣ ва фарогири худро дорад, ки тамоми минтақаи мазкурро дар бар мегирад. Ин дидгоҳро наметавон танҳо дар доираи мубориза алайҳи як гурӯҳи тундрави сепаратистии курд, ки даҳсолаҳо боз бар зидди Туркия амалиётҳои террористӣ анҷом медиҳад, ё ҳамчун талоши муқобила бо давлатҳои алоҳида фаҳмид. Баръакс, Туркия фаҳмиши амиқ ва беназири худ дар бораи масоили Ховари Миёна, инчунин таҷрибаи фаровони дипломатии худро ҳамчун абзори муассир барои пешбурди фаъолияти устувор ва муваффақ дар ин минтақа истифода мебарад.

Сиёсати берунии Туркия дар тамоми ҷаҳон бо пайгирӣ ва мунтазамӣ тавсиф мегардад ва на танҳо ба Ховари Миёна, балки ба минтақаҳои дигари муҳимми геополитикӣ, аз ҷумла Шарқи Наздик, Осиёи Марказӣ, қитъаи Африқо ва Балкан ба таври фаъол равона шудааст. Қабули усули нави муколамаи дипломатӣ, ки ба густариши «неруи нарм» мусоидат мекунад, яке аз самтҳои муҳимми ин сиёсати нав ба шумор меравад. Туркия, боқӣ монда ҳамчун як давлати қудратманд ва аз лиҳози низомӣ тавоно, бар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ амал намуда, аз таҳдид кардан ба дигарон худдорӣ меварзад. Афзалияти асосии сиёсати хориҷии он тақвияти ҳамкориҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо дигар давлатҳо мебошад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя бар пояи принсипҳои «амният барои ҳама», «муколамаи сиёсӣ дар сатҳи олӣ», «вобастагии иқтисодӣ», «ҳамоиши фарҳангӣ» ва «эҳтироми мутақобила» ташаккул меёбанд. Туркия консепсияи «яхбаста нигоҳ доштани» низоъҳо ва мушкилотро рад намуда, баръакс, барои ҳалли фаъолонаи онҳо мувофиқи равиши бурду бохт ва тавассути воситаҳои

осоишта талош меварзад. Аз нуқтаи назари Анқара, сиёсати «мушкилоти сифр бо ҳамсояҳо» метавонад ба таҳкими сулҳ на танҳо дар сатҳи минтақавӣ, балки дар тамоми ҷаҳон мусоидат кунад. Дар ҳамин замина, ҳадафи асосии сиёсати хориҷии Туркия расидан ба суботи иқтисодӣ тавассути ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва татбиқи фаъолонаи барномаҳои стратегӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Дар ин замина коршиносон қайд мекунанд: «Сиёсати бесамари иқтисодии ҳукумати ҳоким кишварро ба таваррум, касри буҷет ва беқурбшавии пули миллӣ овардааст. Иқтисодиёти Туркия дар он давра танҳо аз ҳисоби қарзҳои берунӣ ва дохилӣ вуҷуд дошт. Таназзули дарозмуддати иқтисодӣ боиси як қатор равандҳо, аз қабили коррупсия, коҳиши сармоягузорӣ, афзоиши назарраси бекорӣ ва рукуди бозор гардид. Илова бар вазъи ноустувори иқтисодии Туркия бо пешгӯии бӯҳрони амиқи сиёсӣ рӯбарӯ буд» [160]. Гузашта аз он, татбиқи маҷмӯи муайяни ислоҳот, ки амалӣ гардидани он метавонист заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсиро барои оғози музокироти расмӣ байни Ҷумҳурии Туркия ва Иттиҳоди Аврупо ҷиҳати воридшавии Туркия ба ин созмони байналмилалӣ фароҳам оварад, дар шароити онвақта бо мушкилот рӯ ба рӯ гардид. Маҳз равандҳои мураккаби иқтисодиву сиёсӣ, ки дар он давра фазои дохилии Туркияро фаро гирифта буданд, ба суръат ва самаранокии татбиқи ин ислоҳот таъсири назаррас расониданд. Дар натиҷа, ҳам дар сатҳи давлат ва ҳам дар муҳити сиёсӣ, саволҳои ҷиддӣ дар бораи омодагӣ ва имконияти воқеии пешбурди музокирот бо Иттиҳоди Аврупо матраҳ гардиданд.

Ислоҳоти мазкур, ки ба мутобиқсозии қонунгузорӣ ва меъёрҳои Туркия бо стандартҳои Иттиҳоди Аврупо равона шуда буданд, ислоҳоти сохторӣ дар соҳаҳои ҳуқуқ, иқтисод, демократия ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар бар мегирифтанд. Бо вуҷуди ин, омилҳои дохилӣ, аз қабили ноустувории иқтисодӣ, рақобатҳои сиёсӣ, ҳамчунин масъалаҳои марбут ба амнияти миллӣ, раванди қабули қарорҳо ва иҷрои амалии ин

барномаҳоро суст карданд. Аз ин рӯ, масъалаи ҳамгироии аврупоии Туркия ва имкони идомаи музокирот бо Иттиҳоди Аврупо дар муҳокимаву баҳсҳои дохилӣ ва байналмилалӣ мавқеи асосӣ пайдо намуд.

Эрдуғон зарурати ислоҳот, ҷунбиши сиёсии исломӣ дар Туркия ва имкони таҳкими мавқеи худро ҳамчун ҳизби исломӣ дар арсаи сиёсӣ ба таври қатъӣ муайян кард. Бо ин вай мехост, ки шубҳаро аз радикализм дур кунад ва ҳушёрии низомиёнро суст кунад. Барои расидан ба аҳдофи худ, ба ақидаи ӯ, лозим буд, ки аз шиорҳои густурдаи исломгароён даст кашид ва дар барномаи худ тезисҳои асосии камолистӣ бо арзишҳои исломӣ муттаҳид шаванд ва аз ин рӯ, бо истифода аз усулҳои исломӣ, пояҳои дунявии Туркия тағйир додани мавқеъҳои радикалӣ ба сӯи исломи нармтарро ба инобат гиранд. Сутуни дигари муҳимми системаи ҷаҳонӣ иқтисодиёт аст. Ба гуфтаи А. Довудоғлу, ислоҳоти тамоми дастгоҳи молии байналмилалӣ зарур аст. Дар баробари ин ба тамоми қисмҳои ин ислоҳот дахл кардан лозим аст. Дар баробари нав кардани низми хоҷагӣ муомилоти иқтисодиро байни минтақаҳо ва дар дохили минтақаҳо сода кардан, инчунин ба ҷустуҷӯйи мустақилияти минтақавӣ мусоидат кардан лозим аст. Ин талабот маънои онро надорад, ки минтақаҳо бояд барои ҷудошавӣ ё худмухторӣ кӯшиш кунанд. Онҳо бояд ягонагӣ бо минтақаҳои дигарро мустаҳкам карда, ба ҳамкории баҳамдигар судбахш мусоидат кунанд [44]. Сутуни навбати системаи ҷаҳонӣ фарҳанг аст. А. Довудоғлу назарияи С. Ҳантингтонро дар бораи ногузирии ихтилофҳои тамаддунӣ нодуруст мешуморад. Эҳёи густурдаи тамаддунро бояд ҳамчун пайдоиши имкониятҳои азим барои шаклҳои нави ҳамкориҳо ва муошırати инсоният арзёбӣ кард. Ҳамкории мутақобила фарҳангҳоро дубора қувват мебахшад ва ба пайдоиши фарҳанги воқеии ҷаҳонӣ, ки дар он конвергенсия ва гуногунандешии ҳамзистӣ ва мутақобила мавҷуд мебошад, мусоидат мекунад.

Дар сиёсати хориҷии Туркия зимни муносибат бо Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бар зарурати барқарории мувозинат

байни озодӣ ва амният асос меёбад. Қонуният ва пазируфта будани ҳар гуна режими сиёсӣ ба тавоноии он дар таъмин намудани амният ва озодии шаҳрвандон вобаста аст. Ҳамзамон, амният набояд бо маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин гардад. Аз соли 2002 инҷониб, Ҷумҳурии Туркия кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки озодиҳои шаҳрвандиро бидуни ба хатар гузоштани амнияти миллӣ тақвият диҳад. Ин ҳадаф гарчанде бузург аст, вале махсусан пас аз рӯйдодҳои 11 сентябр, ки сиёсати ҷаҳонӣ ба самти маҳдудсозии озодиҳо ба хотири таъмини амният тамоюл пайдо кард, муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Дар ин замина Туркия муносибатҳои худро бо кишварҳои хориҷӣ ба сатҳи нави ҳамкорӣ мерасонад. Ин раванд ба рушди вобастагии иқтисодии мутақобила байни Туркия ва ҳамсоягонаш мусоидат мекунад. Гузашта аз он Туркия дар муносибатҳои худ бо Тоҷикистон аз дипломатияи пешгиронаи осоишта истифода менамояд, ки ҳадафи он андешидани чораҳои саривақтӣ пеш аз он аст, ки вазъияти бӯҳронӣ ба марҳилаи шиддатнок нарасад.

Барои Тоҷикистон он иқдоми Туркия муҳим аст, ки дар фаъолияти бурунмарзии худ аз сиёсати хориҷии чандсамта истифода ба амал меоварад. Муносибатҳои Туркия бо бозингарони асосии ҷаҳонӣ бар он асос меёбанд, ки онҳо якдигарро пурра карда, дар рақобат набошанд. Ин равиш дар ҳамкориҳои стратегӣ бо ИМА, тавассути робитаҳои дуҷониба ва узвият дар САAШ, ҷараёни ҳамгироӣ ба Иттиҳоди Аврупо, сиёсати муштарак дар қаламрави Авруосиё, ҳамчунин муносибатҳои дӯстона бо Россия ва дигар кишварҳои минтақа инъикос меёбад. Ин нишон медиҳад, ки муносибатҳои нек бо кишварҳои ҳамсоя мухолифи ҳамкориҳо бо Иттиҳоди Аврупо нестанд ва ҳамкориҳо бо ИМА ба маънии радди равобит бо Россия низ нестанд.

Ба сифати ташаббуси дахлдор А. Довудоғлу Иттиҳодияи тамаддунҳои Созмони Милали Муттаҳидро (UNAOC), ки ба он Туркия ва Испания сарварӣ мекунанд, ёдовар мешавад, ки феълан 108 кишварро

дар бар мегирад. Кори UNAOC дар атрофи равобити Шарқ ва Ғарб, ислом ва масеҳият сохта шудааст. Илова ба кор дар сатҳи миллӣ ва фаромиллӣ, ин иттиҳод ҳадафи ҳамгирой кардани фарҳангҳои маҳаллӣ дар кори худ ва такмил додани раванди омӯзиши муштарак дар ҳамзистии бисёрфарҳангӣ мебошад. [49].

Ин дар ҳолест, ки дар миёни мушкилоти умдаи сиёсии дохилӣ монеаи таҷдиди сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Туркия набуди тавофуқ дар масъалаи курдҳо ва бархӯрдҳои ягона ба миллатгароии курдӣ вуҷуд дошт; тақсимоти ҷомеа дар робита ба таҳдид ба мероси инқилоби камолистӣ (ва мутаносибан ба асосҳои дунявии ҷумҳурӣ) ва пайваста тезу тунд шудани зиддият байни ҷонибдорони «исломиёни муътадил» якҷоя бо Ҳизби ҳокими Адолат ва Рушд (минбаъд ҲҲАР), аз як тараф, ва ҳамкасбони идеологии онҳо - ҳимоятгарони рассизм ва музаффариятҳои дунявии камолистии ҷамъият ва давлат, аз тарафи дигар вуҷуд дошт.

Яке аз тағйиротҳои умда дар сиёсати дохилӣ, ки дар замони ҳукмронии президенти феълии Туркия Раҷаб Эрдуғон сурат гирифт, раъйпурсии конститутсиониест, ки салоҳиятҳои президентро тавсеа медиҳад. Аз ҷумла, 16 апрели соли 2017 дар Туркия раъйпурсии Қонуни асосӣ баргузор шуд, ки дар он масъалаи тасдиқи 18 ислоҳ ба Қонуни асосии Туркия ба миён гузошта шуд. Тағйиру иловаҳо гузаштан ба ҷумҳурии президентӣ ва мувофиқан таҳкими қудрати президентӣ, ҳамчунин афзоиши шумори вакилони порлумон ва ислоҳоти Шурои олии додрасҳо ва додситонҳоро пешбинӣ мекунад [39, С.72].

Дар ҳамин росто, яке аз масъалаҳои аслии муколама бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи истирдоди созмондиҳандаи эҳтимолии табаддулот, воизи исломӣ Ф.Гюлен, талабҳои бастани мактабҳо ва донишгоҳҳои «Гулен» ба шумор меравад [107, С.143]. Гузашта аз он, падидаи ҷадиде, ки дар муносибат бо Тоҷикистон мушоҳида мешавад истифодаи «неруи нарм» дар муносибатҳои ҳарду кишвар ба ҳисоб меравад. Оиди ин масъала

пажуҳишгарон якдилона бар ин назаранд, ки «неруи нарм» яке аз василаҳои муҳимми пешбурди сиёсати хориҷии бомуваффақияти Туркия ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, зарурати таваҷҷуҳ ба таҷрубаи Туркия дар мавриди истифодаи «неруи нарм» дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон ба миён меояд.

Лозим ба тазаккур аст аст, ки шароити пайдоиши мафҳуми «неруи нарм» дар Туркия ва зарурати истифодаи он дар шароити Тоҷикистон ба он марбут аст, ки роҳбарияти сиёсии ин давлат дар ибтидои асри XXI ба хулосае омад, ки Туркия ба модели комилан дигари рушди иҷтимоӣ ниёз дорад, то ки дар оянда иқтидори пурраи худро дар арсаи минтақавию байналмилалӣ дарк карда тавонанд. Дар фаҳмиши туркӣ хусусияти системавии консепсия дар он аст, ки кишварҳо бояд барои ноил шудан ба ҳадафи пешбинишуда ҳама усулҳои гуногуни дипломатиро истифода баранд, аммо ба таври мушаххас. Туркия барои густариши нуфузи худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз вижагиҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, геополитикӣ ва мазҳабии худ бо тарз ва василаҳои мухталиф истифода мекунад. Ҳамин тариқ, ҲҲАТ меъёрҳои асосии зуҳури модели «неруи нарм» - ро дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар муносибат бо Тоҷикистон муайян кард. Яке аз самтҳои калидӣ ва дорои аҳаммияти фавқулода, бешубҳа, иқтисодиёт мебошад. Зеро рушди пайвастаи робитаҳои иқтисодӣ дар саросари минтақа на танҳо имкониятҳои нав барои тиҷорат ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд фароҳам меорад, балки метавонад ба Ҷумҳурии Туркия имкони ҷалби сармоягузориҳои калони хориҷиро барои рушди инфрасохторӣ дар соҳаҳои гуногун таъмин намояд. Дар ин раванд, давлат сиёсати ошкорбаёнӣ, ҳамкорӣ ва ҷалби фаъолонаи сармояи хориҷиро пайгирона амалӣ намуда, бо истифода аз механизмҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ заминаҳои устувори ҳамгироӣ ва пешрафтро фароҳам овардааст. Ин сиёсат, ки ба тавсеаи инфрасохтори нақлиётӣ, энергетикӣ, саноатӣ ва технологӣ равона шудааст, ба таҳкими мавқеи иқтисодии Туркия дар миқёси минтақавӣ ва байналмилалӣ

мусоидат мекунад. Бо таваҷҷуҳ ба мавқеи геостратегии кишвар, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ метавонад на танҳо ба рушди иқтисодии дохилӣ, балки ба афзоиши нақши Туркия ҳамчун маркази муҳимми тиҷорати байниминтақавӣ ва нуқтаи пайванди роҳҳои иқтисодӣ мусоидат намояд.

Саволе ба миён меояд, ки чаро Ҷумҳурии Туркия дар сиёсати берунии худ консепсияи «сиёсати нарм»-ро ин қадар бомуваффакият татбиқ мекунад? Пеш аз ҳама, ин мавқеи геополитикӣ аст. Туркия дар ҷорроҳаи Аврупо ва Осиё ҷойгир аст ва ин ба як бозингари калидӣ дар минтақа табдил ёфтааст. Истифодаи сиёсати «неруи нарм» ба он имкон медиҳад, ки бе истифодаи неруи ҳарбӣ нуфузи худро пурзӯр намуда, амниятро таъмин намояд ва пеши роҳи бархурди ҳарбӣ гирифта шаванд. Зиёда аз ин дар бораи иқтидори иқтисодии Туркия ва чӣ тавр тараққӣ кардани давлат нуктаи назарҳои гуногун вуҷуд дорад.

Чунон ки муҳаққиқи машҳур Н.Г. Киреев қайд мекунад «Аз ибтидои асри XXI ҳеҷ яке аз давлатҳои Аврупо ба мисли Туркия ин қадар ба таври динамикӣ, зуд ва васеъ тараққӣ накардааст. Имрӯзҳо бисёре аз кишварҳои ҷаҳон дар рушди сармоягузорӣ дар ин кишвар саҳми фаъол доранд. Ҳамзамон бо ин тиҷорати беруна ва индустрияи сайёҳӣ дар Туркия дар як муддати кӯтоҳ тавсеаи назаррас ва ғайричашмдошт кардааст» [39, С.75].

Яке аз василаҳои муҳимми зуҳур ва татбиқи амалии сиёсати «неруи нарм» дар таҷрибаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия, фазои расонаӣ ба шумор меравад. Дар марҳалаҳои аввал, роҳбарияти кишвар ба ин соҳа аҳаммияти афзалиятнок намедод ва он ҳамчун самти асосии амалисозии сиёсати мазкур баррасӣ намешуд. Аммо бо гузашти вақт ва бо дарки он, ки таваҷҷуҳи аҳолӣ ва кишварҳои дигар ба тамошои филмҳо, сериалҳо ва барномаҳои фарҳангӣ тавассути шабакаҳои телевизионӣ ва аз ҳама муҳимтар, шабакаҳои иҷтимоӣ рӯ ба афзоиш

дорад, ҳукумати Туркия ба зарурати истифодаи ин абзор ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи фарҳангӣ пай бурд.

Дар натиҷа, сиёсати давлатӣ ба таҳқиқ ва рушди амиқи ин соҳа равона гардид, бо мақсади табдил додани он ба як омили муассири ташаккули имиҷи мусбати кишвар дар сатҳи байналмилалӣ ва таҳкими мавқеи он дар муносибатҳои байнидавлатӣ. Ин иқдом, ки бо истифодаи инфрасохтори муосири иттилоотӣ ва воситаҳои пешрафтаи паҳнсозии муҳтаво амалӣ мешавад, имкон фароҳам меорад, то маҳсулоти фарҳангии Туркия ҳамчун абзори дипломатии нарм ба таъсиргузории афкори умумӣ ва густариши робитаҳои фарҳангиву сиёсӣ мусоидат намояд.

Дар ин маврид метавон ба ақидаи пажуҳишгари турк М. Ялчин розӣ шуд, ки «Имрӯзҳо сериалҳои туркӣ воқеан дар тамоми ҷаҳон машҳур гаштаанд ва доираи васеи аудиторияи мақсаднок доранд, зеро бисёриҳо ба руҳияи фарҳанги туркӣ, менталитети хосси онҳо, инчунин гуногунрангии хислатҳои динии онҳо наздиканд ё монанданд» [18, С.132].

Таҳлили таҷрибаи амалии солҳои охир нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Туркия дар самти пешбурди сиёсати «неруи нарм» ва густариши робитаҳои фарҳангиву иттилоотӣ, ба таъсис ва дастгирии форумҳои байналмилалӣ, марказҳои фарҳангӣ ва созмонҳои ҳамкории байналмилалӣ ба таври фаъолона иқдом менамояд. Ин фаъолиятҳо дар баробари ташкили семинарҳо, конфронсҳо ва чорабиниҳои байналмилалӣ, ки муҳтавои онҳо бо салиқа ва ниёзҳои иҷтимоию фарҳангии сокинони кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамоҳанг мебошад, амалӣ мегарданд.

Дастгирии пайвастаи чунин ташаббусҳо, аз ҷумла фароҳам овардани заминаҳои молиявӣ, ташкилӣ ва иттилоотӣ барои баргузории онҳо, дар муҳити ҷаҳони муосир на танҳо ҳамчун абзори таҳкими робитаҳои дипломатӣ, балки ҳамчун воситаи самараноки муаррифии

қудрати фарҳангӣ ва сиёсати хориҷии Туркия арзёбӣ мегардад. Татбиқи ин гуна барномаҳо ба кишварҳо имкон медиҳад, ки ҳамкориҳои худро дар сатҳҳои гуногун амиқтар намуда, дурнамои рушди минбаъдаро бо такя ба манфиатҳои мутақобила ва муносибатҳои устувор мушаххас намоянд.

Тавре, ки таҷрибаи муносибатҳои Туркия ва Тоҷикистон нишон медиҳад дин низ муҳимтарин унсури сиёсати «неруи нарм» маҳсуб мешавад. Ҳамин тариқ, «Раёсати корҳои динии Туркия дар танзим ва назорати расму оинҳои динӣ нақши калидӣ дорад. Ҳадафи аслии ин ниҳод таблиғи барномаҳои маърифати ва таъмини масоҷиду мадрасаҳои динӣ мебошад. Гузашта аз ин, арзишҳои муҳимми ин муассиса тарбияи таҳаммулпазирӣ, сулҳҷӯйи ва табиати нек мебошанд. Ин махсусан дар робита ба давлатҳои Осиёи Марказӣ равшан мегардад.» [92, С.9].

Дар доираи татбиқи ҳамкориҳо дар доираи «неруи нарм» дар ибтидои асри XXI созмоне ба мисли АТҲҲ таъсис дода мешавад, ки яке аз идораҳои асосии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст. Ин ташаббус бо ҳадафи рушди Ҷумҳурии Туркия ҳамчун як давлати дар ҳоли рушд ва таҳкимбахшии мақоми он дар арсаи байналмилалӣ, махсусан дар соҳаи туризм, ба вуҷуд оварда шудааст. Мақсади асосии он ташаккули симои мусбат ва «дуруст»-и кишвар барои ҷалби сайёҳон мебошад, ки метавонад ба рушди соҳаҳои дигар низ таъсири мусбат расонад. Дар доираи фаъолияти худ, созмони мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ салоҳиятҳои васеъ дошта, ба таҳияи ва татбиқи лоиҳаҳои гуногун машғул аст, ки ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ дахл мекунанд. Масалан, лоиҳаҳо метавонанд сохтмони беморхонаҳои муосир, такмили инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ, бунёди масҷидҳо, марказҳои савдо ва дигар иншооти иҷтимоӣ ва иқтисодиро фаро гиранд.

Дар давраи мавриди баррасӣ, ҳукумати Туркия бо пайгирӣ ва устуворӣ ҳадафҳои стратегии минтақавии худро амалӣ намуда, барои табдил додани кишвар ба яке аз бозигарони калидии минтақа ва таҳкими

мавқеи иқтисодии он талошҳои ҳамаҷониба ба харҷ медиҳад. Бо ин мақсад, як қатор ислоҳоти амиқи иқтисодӣ роҳандозӣ мегарданд, ки заминаи афзоиши қобилияти рақобатпазирии иқтисод ва расидан ба сатҳи яке аз бузургтарин иқтисодҳои минтақаро фароҳам меоранд.

Аз ин рӯ, тадриҷан як дидгоҳ шакл мегирад, ки иқтисоди пурқувват на танҳо омили асосии рушди дохилӣ, балки яке аз пояҳои калидии татбиқи самарабахши сиёсати «неруи нарм» аз ҷониби Туркия ба ҳисоб меравад. Ин раванд ба кишвар имкон медиҳад, ки нуфузи худро дар минтақа тавассути абзорҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ тақвият бахшида, мавқеи худро ҳамчун шарики боэътимод дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мустаҳкам намояд.

Аз ҷумла, дар бораи аҳаммияти Тоҷикистон дар фаъолияти «неруии нарм»-и Туркия пажуҳишгари шинохта О.А. Шамарина менависад: «…Тоҷикистон барои Туркия муҳимтарин давлат аст ва беҳуда нест, ки ин кишвар дар рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон, аз қабили кишоварзӣ, логистика ва сохтмон саҳми фаъол дорад. Имрӯз бисёре аз ширкатҳои бонуфузи Туркия бо Тоҷикистон дар заминаи рушди зерсохтор, бунёди роҳҳо, марказҳои нави ташхиси тиббӣ ва майдонҳои фарҳангиву фароғатӣ ҳамкорӣ доранд» [126, С.179].

Яке аз иқдомҳои муҳим дар таҳкими равобити идораҳои Суди конституционии ҳарду кишвар ба имзо расидани созишномаи табодули таҷриба байни мақомотҳои судҳои конститутсионии Тоҷикистону Туркия дар 16 январи соли 2018 мебошад, ки имконоти васеи ҳамкориҳои ин идораҳоро фароҳам сохт.

Дар шароити кунунӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар сатҳи ниҳодҳои давлатӣ муколамаи сиёсӣ ва ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи зичро ба роҳ мондаанд, ки ин раванд аз ҷониби иродаи қавии сиёсии роҳбарияти ҳар ду кишвар пайваста дастгирӣ ва тақвият мeёбад. Ин ҳамкории ниҳодӣ бо таъсиси Шурои ҳамкорӣ миёни ду давлат, ки дар ҷараёни сафари расмии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу

ваҳдати миллӣ – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Туркия дар соли 2012 сурат гирифт, ба сатҳи сифатан нав ва баланд бардошта шуд.

Таъсиси Шурои ҳамкорӣ ба ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои муштарак, рушди робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ мусоидат намуда, ҳамчун як механизми муассири ҳамкории стратегӣ амал мекунад. Дар доираи сафари қарибулвуқуи Президенти Ҷумҳурии Туркия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаи навбатии Шурои ҳамкорӣ баргузор гардида, гомҳои нав ва муҳим дар самти таҳкими робитаҳои дуҷониба гузошта шуданд. Ин иқдомҳо на танҳо ба амиқтар шудани ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ, балки ба рушди устувори равобити стратегӣ ва афзоиши нақши ҳар ду кишвар дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунанд.

Дар давраи оянда Туркия кӯшиш хоҳад кард, ки равобит бо Тоҷикистонро дар ҳама соҳаҳо инкишоф диҳад. Аз сӯйи дигар, талошҳои Туркия ба беҳбуди равобити фарҳангӣ бо Тоҷикистон нигаронида шудааст. Туркия бо Тоҷикистон мероси муштараки фарҳангӣ дорад. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ яке аз муҳимтарин унсурҳои ин мерос аст. Дар Душанбе симпозиуми бомуваффақият бахшида ба бузургдошти Мавлоно бо ширкати уламои Тоҷикистон, Туркия ва кишварҳои ҳамсоя ҷараён дорад [104].

Наздикии фарҳангӣ танҳо ба мустаҳкам шудани мавқеъҳои ҳарду ҷониб ёрӣ мерасонад. Дар ин замина, Туркия бо эҷоди дидгоҳи нави шарикӣ нақш ва нуфузи худро дар масъалаҳои муҳимми Тоҷикистон тақвият медиҳад. Гузашта аз ин метавон гуфт, ки сиёсати хориҷии Туркия то ба наздикӣ ба абзорҳои «нарм», яъне ба принсипҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва фарҳангию гуманитарӣ такя мекард ва дар робита ба таҳдидҳои муосир низ Туркия ҷузъи низомии сиёсати худро таҳким мебахшад. Манфиатҳои Туркия дар Осиёи Марказӣ аз рӯйи хоҳиши таҳкими нуфузи геоиқтисодӣ ва геофарҳангӣ ба конфигуратсияи сиёсии

минтақа ва эҷоди тавозуни нави қуввахо байни бозингарони асосии минтақа муайян карда мешавад.

Аммо бо дарназардошти принсипҳои пешбурди стратегияи сиёсати хориҷӣ чунин як омилро ба назар гирифтан бамаврид аст, ки омили Россия низ дар минтақа ширкат дошта, дар муносибатҳои байни Туркия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши муассир дошта, механизми эҳтимолии сиёсии чаҳорчӯби як тарҳро дар байни Туркия ва давлатҳои минтақа муайян мекунад.

Дар заминаи равандҳои муосири сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, тавсеа ва густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия, бо дарназардошти истифодаи ҳамаҷониба ва самараноки таҷрибаи ғании Туркия дар ҳалли масоили гуногун, аҳаммияти хосса ва ҷоигоҳии стратегӣ касб менамояд. Ин таҷриба, ки соҳаҳои мухталиф – аз идоракунии захираҳои табиӣ ва рушди иқтисодиёти муосир то истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва пешбурди дипломатияи минтақавӣ – ро дар бар мегирад, метавонад ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ ва рушди устувори Тоҷикистон мусоидат намояд.

Истифодаи чунин таҷриба, пеш аз ҳама, имкон медиҳад, ки дар соҳаҳои калидӣ, аз қабили энергетика, инфрасохтори нақлиётӣ, соҳаи маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин дар рушди туризм ва ҳамкориҳои фарҳангӣ, моделҳои муваффақ ва санҷидашудаи Туркия мутобиқ ба шароити миллии Тоҷикистон татбиқ гарданд. Дар натиҷа, ин раванд метавонад ба таҳкими равобити дуҷониба ва афзоиши нақши ҳар ду кишвар дар фазои ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ заминаи устувор фароҳам оварад.

Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия давлатҳои дунявӣ буда, аҳолии ҳарду давлат умдатан мусулмонанд. Аз ин рӯ, густариши ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия бо дарназардошти истифодаи таҷрибаи Туркия дар ҳалли бисёр масъалаҳо аҳаммият ва

муҳиммияти хосса пайдо мекунад. Дар ин замина, имконияти роҳандозӣ ва густариши равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар бахшҳои иқтисод ва тиҷорат, махсусан дар заминаи татбиқи тарҳҳои мухталифи сармоягузорӣ, ташкили корхонаҳо ва ширкатҳои муштараки истеҳсоливу хизматрасонӣ, аз аҳаммияти стратегӣ бархурдор мебошад. Ин самт на танҳо ба таҳкими асосҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ, балки ба рушди устувори зерсохторҳои саноатӣ ва афзоиши ҳаҷми гардиши молу хизматрасониҳо мусоидат мекунад.

Гузашта аз ин, ширкатҳои туркӣ аллакай таҷрибаи ғанӣ ва муваффақи ҳамкорӣ дар кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаҳои сохтмон, энергетика, нақлиёт ва саноати сабукро андӯхтаанд. Ин таҷриба метавонад ҳамчун заминаи боэътимод барои вуруди фаъолонаи онҳо ба бозори Тоҷикистон хизмат намояд, бо фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва интиқоли технологияҳои пешрафта. Дар маҷмӯъ, истифодаи ин имкониятҳо метавонад ба таҳкими нуфузи иқтисодии ду кишвар ва афзоиши ҳамкориҳои минтақавӣ дар чаҳорчӯби манфиатҳои мутақобила мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, аз мулоҳизаронии дар ин зербоб анҷом ёфта ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1.Дар ибтидои асри XXI вобаста ба рушду тавсеа равандҳои ҷаҳонишави ва шакл гирифтани низоми нав дар муносибатҳои байналмилали унсурҳои асосии стратегияи сиёсати хориҷии Туркия ба таҳаввулоти ҷидди дуҷор мегарданд:

2.Гузаштан аз самти яктарафаи ғарбии сиёсати хориҷӣ ба сиёсати бисёрсамта, ки ҳам робитаҳои аллакай барқароршуда ва ҳам ҷустуҷӯйи шарикони навро дар бар мегирад; афзалият дар сиёсати хориҷӣ ба ҳамкориҳои иқтисоди байнидавлатӣ;

3.Ҳалли масъалаҳои баҳснок ва рафъи мушкилоти муносибатҳо бо давлатҳои ҳамсоя дар ҷараёни татбиқи сиёсати «мушкилоти сифрӣ» бо ҳамсояҳо;

4.Расонидани хадамоти миёнаравӣ дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ бо мақсади баланд бардоштани обрӯи сулҳпарваронаи он ва таҳкими нуфузи он дар минтақа; таҳкими робитаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ дар заминаи ягонагии таърих, дин, мансубияти забон ва гайра.- ташаббусҳои назарияпардозони сиёссии ин кишвар доктринаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки хуб оид ба стратегияи сиёсати хориҷии Ҷумҳрии Туркия бо номи «Умқи стратегӣ...:

5. «Мавқеи байналмилалии Туркия» ҳамчун як мавзуи калидӣ таҳия мегардад, ки дар он мақом ва нақши ин кишвар дар низоми равобити байналмилалии муосир, аз ҷумла дар муносибат бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври куллӣ ва сифатан нав арзёбӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Туркия бо ташаккули сиёсати хориҷии муваффақ, ки дар пояи бисёрсамтӣ ва принсипҳои прагматизм асос ёфтааст, тавонист нуфуз ва обрӯи байналмилалии худро ба сатҳи нав бардорад.

Ин сиёсат, ки ҳамзамон ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, густариши ҳамкориҳои иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангӣ, инчунин тақвияти нақши кишвар дар минтақаҳои муҳимми геополитикӣ равона шудааст, Туркияро ба яке аз бозигарони калидии саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ табдил дод. Дар робита бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин мавқеи нав на танҳо ба амиқтар шудани ҳамкориҳои дуҷониба мусоидат менамояд, балки имкониятҳои навро барои рушди муносибатҳои стратегӣ дар самтҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва гуманитарӣ фароҳам меорад.

Дар маҷмӯъ, мавқеи байналмилалии Туркия имрӯз ба таври устувор бо қудрати дипломатӣ, иқтисодии рақобатпазир ва сиёсати мутавозини минтақавӣ пайванд ёфта, барои шарикони он, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳамчун намунаи самараноки ҳамкории муосир хизмат мекунад.

Ба таври мушаххас, дар робита ба кишварҳои тозаистиқлолшудаи Осиёи Марказӣ, Туркия тавонист бо чаҳор ҷумҳурии туркизабон формати нави ҳамкорӣ бо эҳдоси Шуроҳои ҳамкориҳои стратегиро таъсис диҳад, барои таҳкими иттифоқи низомӣ бо ин кишварҳо саъй мекунад. Дар робита ба Тоҷикистон бошад дар баробари тавсеаи ҳамаҷонибаи ҳамкориҳо Комиссияи муштараки иқтисодӣ ва Шурои ёрии ҳамдигарии иқтисодӣ меёбад,ки бомуваффақият ба кори худ шуруъ мекунанд.

## 1.2. Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Тоҷикистону Туркия дар формати дуҷониба ва бисёрҷониба

Баррасии паҳлуҳои гуногуни таҳаввулот дар равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Туркия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳадди зиёде ба он вобаста аст, ки дар охири асри XX ва оғози асри XXI давраи ба истилоҳ «кушодани» Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, оғоз ёфт. Ин марҳалаи нави таърихӣ, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ фаро расид, хусусиятҳои геополитикӣ ва геостратегии худро дошт ва бо тағйироти амиқ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳамроҳ гардид.

Таҷрибаи солҳои аввали истиқлол нишон дод, ки сиёсати қудратҳои алоҳида, ки бо халқҳои ин минтақа робитаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва динӣ доштанд, ба рақобати шадид барои нуфуз дар Осиёи Марказӣ мусоидат кард. Ин рақобат на танҳо ба самти робитаҳои берунии ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол таъсири амиқ гузошт, балки ба вазъи дохилии онҳо низ таъсир расонид. Оқибатҳои ин раванд дар баъзе мавридҳо ба мураккаб гардидани муносибатҳои сиёсӣ, афзоиши мушкилоти иқтисодӣ ва танишҳои иҷтимоӣ дар дохили кишварҳо оварда расонд.

Дар чунин шароит, нақши Туркия ҳамчун як кишвари дорои пайвандҳои таърихиву фарҳангӣ бо Осиёи Марказӣ ва қобилияти фаъолона иштирок кардан дар ташаккули равандҳои минтақавӣ

аҳаммияти хосса касб намуд. Ин кишвар кӯшиш ба харҷ дод, то бо истифода аз абзорҳои дипломатӣ ва иқтисодӣ мавқеи худро дар минтақа мустаҳкам намуда, бо Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои минтақа робитаҳои стратегӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монад.

Давлатҳои минтақа барои таъмини амният тавассути рушд ва модернизатсия шароит муҳайё мекунанд. Ақибмонӣ аз давлатҳои пешрафта ва давлатҳои дар ҳоли рушд омили муҳимтарини амният барои давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Инро дарк намуда, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, амалан тамоми давлатҳо роҳи рушду тараққии хешро муайян намуданд. Равишҳои рушди устувор, модернизатсия, инчунин муносибатҳо бо дигар кишварҳои ҷаҳон барои ҳар як давлат хос ва беназир мебошанд.

Ба вижа, муносибатҳои Тоҷикистону Туркия решаҳои таърихӣ ва амиқ доранд, ки тақозо мегардад дар чорчуби таърихи муносибатҳои байналмилалии муосир баъзе ҷанбаҳои он барраси гардад. Аммо бояд гуфт, ки Тоҷикистон дар арсаи сиёсӣ ҷузъе аз ҷаҳони турк набуда, аз сохтори умумӣ берун қарор дорад. Сарфи назар аз як ҳувияти динии байни кишварҳо, муносибатҳои байнидавлатӣ дар сатҳи шарикии иқтисодӣ боқӣ мемонанд. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки самтҳои сиёсати хориҷии Туркия на ба ангезаҳои мазҳабӣ, балки ба ангезаҳои таърихӣ ва геополитикӣ асос ёфтааст.

Мурочиат ба таърихи ин масъала нишон медиҳад, ки зимни ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид барои оғози ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Туркия фархам мегардад. «Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 гузоштааст. Ин аввалин санади қонунгузорӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва нуқтаи ибтидоӣ дар роҳи таҳкими давлати миллӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ буд. Дар ин замина ба Тоҷикистон имкон ба вуҷуд омад, ки муносибатҳои фаъоли байнидавлатиро ҳамчун субъекти

мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ ба роҳ монад, бо давлатҳои хориҷӣ муносибатҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар муносибатҳо барқарор намояд, бо онҳо мубодилаи намояндагони ваколатдор ва шартномаҳои байналмилалиро ба роҳ монад.

Дар ин раванд Туркия истиқлолияти Тоҷикистонро 16 декабри соли 1991 ба расмият шинохт ва аз 29 январи соли 1992 равобити дипломатӣ барқарор кард. Сафорати Туркия дар Душанбе 4 августи соли 1992 ва сафорати Тоҷикистон дар Анқара 16 октябри соли 1995 кушода шуданд» [143]. Шакл гирифтани форматҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар равобити Туркия бо Тоҷикистон бештар ба даҳсолаи дуюми асри XXI рост меояд ва ба он вобастаги дошт, ки Туркия аз нигоҳи геополитикӣ дар Тоҷикистон ба таври суннатӣ на танҳо аз Россия, Чин, балки ҳатто аз Эрон, ки Тоҷикистон бо он муштаракоти зиёди фарҳангӣ ва тамаддунӣ дорад, поинтар буд. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраҳои аввали истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва зарурати ба даст овардани фоидаҳои иқтисодӣ ба таври возеҳ шакл гирифта буд. Ин сиёсат бештар ба пешбурди ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва таҳкими нуфузи иқтисодии Туркия дар минтақа равона гардида, дар асоси принсипҳои прагматизм ва манфиатгароии мутақобила амалӣ мешуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати худ, аз солҳои 90-уми асри XX бо вазъи душвори сиёсию иҷтимоӣ ва буҳрони доимии молиявию иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он, кишвар ба зарурати ҷалби кумаку дастгирии молиявӣ аз манбаъҳои байналмилалӣ ва шарикони эҳтимолӣ дучор шуд. Дар чунин шароит, ҷустуҷӯи «донорҳои» хориҷӣ ва сармоягузорони стратегӣ ба яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва иқтисодии Тоҷикистон табдил ёфт. Дар ин замина, ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Туркия на танҳо ба эҳтиёҷоти фаврии иқтисодии Тоҷикистон посух медоданд, балки

заминаҳои дарозмуддат барои ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои стратегӣ миёни ду кишварро низ фароҳам меоварданд.

Дар чунин шароит «модели рушди Туркия», ки ташкили давлати дунявӣ дар кишвари мусалмониро дар назар дорад, ҷолибтар ба назар мерасид. То имрӯз, Туркия як кишвари бузургест, ки дар як минтақаи хеле васеъ мавқеи муҳимми геополитикиро ишғол мекунад. Дараҷаи суботи сиёсии дохилии кишварро маъмулан сатҳи зиндагӣ, ҳалли мушкилоти шуғл ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ тавсиф мекунад, аммо дар айни замон бархӯрд байни неруҳои дунявӣ ва исломӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Туркия равшан зоҳир гардид.

Ба андешаи пажуҳишгари маъруф А. Н. Григориадис, «Барои он ки Туркия ба як раҳбари минтақавӣ табдил ёбад ва нақши стратегии ҷаҳонӣ дошта бошад, бояд тарсу ҳаросро паси сар кунад ва бо тамоми ҳамсояҳояш равобити дӯстона барқарор кунад. Сиёсати хориҷии он бояд ба ҳалли тамоми баҳсҳои тӯлонии Туркия, ки дар натиҷаи беамалии дипломатии гузашта ба вуҷуд омадаанд, равона карда шавад, то ба нақши стратегии глобалии худ ноил шавад» [22]. Ҳамин тариқ, нуфузи Туркия дар ҷаҳон афзоиш ёфт. Туркия дар арсаи байналмилалӣ ба як давлати муассиртару бонуфузтар табдил ёфта, равобити худро бо бисёре аз кишварҳои ҷаҳон такмил медиҳад ва билохира ин кишвар метавонад ба қатори 10 иқтисоди бузурги ҷаҳон ворид шавад [90, С.36].

Яке аз форматҳои ҳамкории муҳим, ки ба он Туркия таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд пуркувват гардонидани ҳамкориҳо бо Тоҷикистон дар доираи Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ), ки қаблан Созмони конфронси исломӣ (СКИ) ном дошт, мебошад. Дар ҳудуди солҳои 2013, 2017 ва 2019 Туркия дар доираи ин 3 тафохумномаи ҳамкори ва консултативиро ба имзо мерасонад, ки характери муносибатҳои ҳарду кишварро сифатан тағйир медиҳад. Ҳамчунин Туркия ва Тоҷикистон соли 2018 дар формати бисёрҷониба “Конвенсияи мубориза алайҳи

терроризм” – ро дар ҷаласаи навбатии СҲИ дар Куала Лумпур (Малайзия) ба имзо мерасонанд [163].

Як бахши формати ҳамкориҳои чандҷониба Туркия бо Тоҷикистон дар радифи дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (минбаъд ЭКО) дар байни солҳои 2013 – 2015 инкишоф медиҳанд. Тавре, ки маълум аст Тоҷикистон дар радифи дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дастгирӣ ва ташаббуси фаъолонаи Туркия ба ин созмон шомил гардида буд (28 ноябри соли 1992). Падидаи наве, ки дар ин замина ба мушоҳида мерасад Туркия ин масъаларо ҷидди дарк намуд, кишварҳои узви ЭКО, аз ҷумла Тоҷикистон ба бозори изофӣ барои колоҳои Туркия ниёз дорад ва аз ин лиҳоз ҳамкорӣ бо Тоҷикистон хеле умедбахш ба назар мерасад. Гузашта аз он, Тоҷикистон, дар маҷмуъ Осиёи Марказӣ метавонад барои Туркия «Як долони транзити фоидаовар гардад, ки дастрасӣ ба бозорҳои навро фароҳам меоварад» [48]

Сарфи назар аз солҳое, ки аз шомил шудан ба ин созмон сипарӣ мешавад, кишварҳои минтақа то андозае ба ҳамкорӣ дар доираи ЭКО манфиатдор ҳастанд. Тоҷикистон дар фаъолияти созмон фаъолона ширкат карда метавонад дар якҷоягӣ бо Туркия дар лоиҳаҳои энергетикӣ ва нақлиётӣ амалан иштирок кунад [90, С.36].

Яке аз корҳои муҳиме, ки Туркия дар чаҳорчӯби ЭКО бо дигар кишварҳои узви ин созмон анҷом дода истодааст кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ба дар формати бисёрҷониба ба Тоҷикистон кумак кунанд. Аз ҷумла, Туркия дар соли 2018 дар масъалаи тавсеаи сармоягузории хориҷӣ ба Тоҷикистонро дар доираи ЭКО ба муҳокима гузошта тавонист ба ин кор кишвари Қатар ва Арабистони Саудиро ҷалб намояд ва дар ҳалли масъалаи Кипр каме ҳам бошад, кумаки онҳоро дарёфт кунад [31, С.69].

Ба динамикаи форматҳои ҳамкориҳои ҳарду кишвар ишора намуда метавон гуфт, ки Тоҷикистон дар якҷояги бо Туркия, бешубҳа, ҳанӯз

лоиҳаҳои азим барои рушди ҳамаҷониба надорад: барои он дар ҳудуди солҳои 2015-2017 вазифаи рафъи ноустувории дохилӣ дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, маориф, иттилоот, озуқаворӣ, фарҳангӣ ва ғайра бояд амали карда мешуданд. Бинобар ин, масъалаи инкишоф додани муносибатҳои сифатан нав бо Туркия дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мучаддан руи кор баромад.

Бо таваҷҷуҳ ба решаҳои таърихии равобити ду кишвар, бояд гуфт, ки Туркия аз лиҳози геополитикӣ дар Тоҷикистон на танҳо аз Россия, Чин, ҳатто аз Эрон, ки Тоҷикистон бо он робитаи муштараки асосии маданию тамаддунӣ дорад, ба таври анъанавӣ поинтар буд. Сиёсати хориҷии Туркия нисбат ба Тоҷикистон бо назардошти қобилиятҳои худ бодиққат ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ равона шудааст.

Самтҳои фаъолияти муштараки Туркия ва Тоҷикистон васеътар аз ончи мо тасаввур мекунем, мебошанд. Ба самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодии дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия метавон соҳаҳои гуногуни дорои аҳаммияти стратегиро мансуб донист, ки ҳар кадоми онҳо дорои потенсиали баланди рушд мебошанд. Аз ҷумла, инҳо саноати нассоҷӣ ва коркард, ки ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозори байналмилалӣ нигаронида шудааст; соҳаи сохтмон, ки на танҳо ба бунёди иншооти нав, балки ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва ашёи ороишӣ бо истифодаи технологияҳои муосир равона мегардад; сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ҳамчун манбаи муҳимми энергияи барқароршаванда, ки метавонад ба таъмини амнияти энергетикӣ мусоидат намояд.

Илова бар ин, ҳамкориҳо дар самти ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта барои истифодаи энергияи офтоб ва дигар манбаъҳои тозаи энергия, инчунин азхудкунии сарватҳои зеризаминӣ, ба рушди устувори иқтисодӣ замина фароҳам меоранд. Соҳаи сайёҳии тиҷоратӣ ва инфрасохтори марбут ба он, аз чумла бунёди меҳмонхонаҳо ва марказҳои хизматрасонӣ, метавонанд ба афзоиши ҷалби сармоя ва

воридоти асъори хориҷӣ мусоидат кунанд. Ғайр аз ин, ба вуҷуд овардани низоми муосири савдо, ки бо инфрасохтори логистикӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ пайваст аст, барои афзоиши ҳаҷми тиҷорат ва соддагардонии равандҳои иқтисодӣ аҳаммияти хоса дорад. Дар зербобҳои минбаъда, ҳар яке аз ин самтҳо ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

«Бо таҳлили ҷараёни ташаккули муносибатҳои дуҷониба миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркия пардохта бояд қайд намуд, ки барои ба роҳ мондан ва рушди онҳо вохӯриҳои чандинкарата ва сафарҳои расмии дар сатҳи сарони давлатҳо баргузоршуда мусоидати зиёд намуданд. Ҳамин тариқ, дар давраи аз солҳои 2012 то соли 2014 шаш мулоқоти раисиҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарони Ҷумҳурии Туркия дар форматҳои мухталиф сурат гирифтанд.» [34, С.89].

Аз ҷумла яке аз ҳуҷҷатҳое ки дараҷаи муносибатҳои баркамоли байни ду давлатро инъикос менамояд, қарордоде мебошад, ки «моҳи апрели соли 2013 тахти номи «Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар бораи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ» ба имзо расонида шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо раҳбарони Туркия изҳор дошт, ки ҷониби Тоҷикистон изҳори умедворӣ мекунад, ки баъди соли 2017 марҳалаи сифатан нави рушди муносибатҳои дӯстона ва судманди ду кишвар оғоз хоҳад гардид. Баъд аз ин 6 санади муштарак, аз ҷумла эъломияи сиёсӣ, созишномаҳо дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, стандартизатсия, рушди муносибатҳо бо иштироки Идораи ҳамоҳангсозӣ ва рушди Туркия ба имзо расонида мешавад. Дар музокирот дар ҳайати васеъ бо иштироки ҳайатҳои расмии ҷонибҳо дар охири соли 2017 баргузор мешавад, муҳокимаи масъалаҳои таҳким ва рушди минбаъдаи муносибатҳо сурат гирифта, таъкид ба амал меояд, ки дар формати бисёрҷониба ин вохуриҳо идома дода шаванд.» [143].

Дар байни солҳои 2017 – 2018 такроран «Эъломияҳои муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар бораи таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба дар сатҳи хукуматҳои ҳарду кишвар ба имзо мерасид. Дар ҳамин марҳила, ҳамчунин Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия тасхилот барои дорандагони шиносномаҳои расмӣ ва махсус, протоколҳо нав дар бораи ҳамкорӣ байни ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКХ-и Ҷумҳурии Туркия мавриди истифода қарор мегиранд» [5]. Ин созишномаҳо уфуқҳои васеи ҳамкориро дар байни ду давлат дар шароити рушди мустақилонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё мекунанд.

Вазъият ва дурнамои муносибатҳои ду кишвар, аз ҷумла дар соҳаи ҳамкориҳои иқтисоди мавриди назаррас мебошанд. Коршиноси тоҷик Х. Хуррамов муносибатҳои Тоҷикистону Туркияро мусбат баҳогузорӣ намуда, чунин қайд мекунад: «Душанбе ба инкишоф ва амиқ гардондани муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо Туркия хеле манфиатдор буда, кӯшиш мекунад, ки аз сиёсисозии ин муносибатҳо канора гирад.» [170].

Гузашта аз ин, таъсис ва рушди муносибатҳои иттифоқӣ дар соҳаҳои обу энергетика, нақлиёту коммуникатсия ва комплексҳои агросаноатӣ, фаъол гардонидани созишнома дар бораи Шӯрои байнидавлатии ҳамоҳангсозии сармоягузорӣ метавонад дастоварди асосии стратегии ҳарду кишвар дар шароити нав бошад.

Сиёсати ҷумҳурии Туркия нисбат ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши муколамаи сиёсӣ, рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва дастгирии фаъолияти созмонҳои ғайридавлатӣ нигаронида шудааст.

Зарур аст дар равобити ҳарду кишвар дар мавриди нақши усмонизм, пантуркизм ва панисломизм ишора намоем. Аввалин мушовири Раҷаб Тайиб Эрдуғон ва вазири корҳои хориҷии Туркия А. Довутоғлу ҷалби давлатҳои Осиёи Марказӣ дар майдони тамаддуни худ ба унвони яке аз вазифаҳои худ мегузорад. Воқеан, стратегияи геополитикии Туркия ва

доктринаи сиёсати хориҷии Туркия бар ин се рукн: усмонизм, пантуркизм ва панисломизм сохта шудааст[72, С.198]. Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи муносиби сиёсӣ ва ҳуқуқӣ лозим буд, ки стратегия ва тактикаи сиёсати хориҷиро бо назардошти тамоюли замон ва дигаргуниҳо дар арсаи байналмилалӣ муайян кунад ва дур аз масоили идеологӣ эҳтиёткорона тавсеа диҳад. Дар ин замина рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Туркия ба яке аз авлавиятҳои анъанавии сиёсати хориҷии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Раҳбарияти сиёсии Тоҷикистон новобаста аз тағйирёбии вазъи геополитикӣ ҳамеша сиёсати густариши ҳамкориҳо бо Туркияро пеш гирифта, онро муҳимтарин ва боэътимодтарин омили таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзи суботи сиёсиву иқтисодӣ медонад.

Тавре дар яке аз Паёмҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст, «миёни Тоҷикистону Туркия дар бисёр самтҳои ҳамкорӣ муносибатҳои хубе вуҷуд доранд, ки пур аз корҳои мушаххас мебошанд ва онҳо амалҳое мебошанд, ки аз моҳияти муносибатҳо, созишномаҳо ва робитаҳои мо дар сатҳҳои гуногун бармеоянд» [6]. Қобили зикр аст, ки фаъолияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия ба манфиатҳои миллии мо халал ворид намекунад. Тавре, ки дар Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ бо давлатҳои хориҷӣ муносибатҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар муносибатҳоро барқарор мекунад, бо онҳо намояндагони ваколатдор иваз мекунад ва шартномаҳои байналмилалӣ мебандад» [7].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи Ҷумҳурии Туркия оиди истифодаи «Дипломатияи рақамӣ» хеле ҷолиб аст. Дар ҳоли ҳозир дар Туркия қадамҳои ҷиддӣ дар соҳаи «Дипломатияи рақамӣ» гузошта мешавад. Бо мақсади истифодаи қудрати табдилдиҳандаи технология дар ҳамаи соҳаҳои сиёсати хориҷӣ, «Дипломатияи рақамӣ» барои баланд

бардоштани самаранокӣ ва кордонии тамоми соҳаҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои консулгарӣ, дипломатияи оммавӣ, инфрасохтори рақамӣ, пешбинии стратегӣ ва таҳлил равона шудааст. Ҳамчунин, Форумии дипломатӣ дар Анталия (DFE), ки ҳамчун иқдом барои мубодилаи назарҳо оид ба масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ ва пешниҳоди ҳалли эҷодии мушкилоти стратегии сиёсати хориҷӣ таъсис ёфтааст, ба зудӣ ба як бренди маъруфи дипломати ҷаҳонӣ табдил ёфт. Нахустин нишасти ФДА 18-20 июни соли 2021 ва дуюмин 11-13 марти соли 2022 таҳти мавзуи «Барқарорсозии дипломатия» бо иштироки васеъ баргузор гардид [111, С.119 ].

Сарварони шуъбаҳои дипломатии ду кишвар масъалаҳои ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисод, савдо, сармоягузорӣ, маориф, илм, фарҳанг, саломатӣ ва сайёҳиро баррасӣ карданд.

10 январи соли 2024 дар Душанбе, Тоҷикистон ва Туркия барномаи ҳамкорӣ барои се соли оянда миёни вазоратҳои хориҷаи ду кишвар ба имзо расид. Бино ба иттилои ВКХ-и Тоҷикистон, ин санад дар пайи мулоқоти Сироҷиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷа ва Ҳоқон Фидон, ҳамтои туркиаш, ки бо як сафари расмӣ вориди Душанбе шудааст, ба имзо расид. «Дар пайи мулоқоти дуҷониба вазирони хориҷа барномаи ҳамкорӣ миёни вазоратҳои хориҷаи Тоҷикистон ва Туркия барои солҳои 2024-2026-ро имзо карданд» [171].

Вазирон масъалаҳои ҳамкориро дар бахшҳои сиёсат, иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, маориф, илм, фарҳанг, тандурустӣ ва сайёҳӣ баррасӣ карданд. Илова бар ин, дар мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои таъмини амният, мубориза бо терроризм ва таҳкими заминаи ҳуқуқии ҳамкориро мавриди баррасӣ қарор доданд. Гуфта мешавад, ки ҳамкориҳои ду кишвар дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ баррасӣ шуд.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулоса омад, ки барои Ҷумҳурии Туркия, ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди дастовардҳои муайян

дар соҳаҳои тиҷорат ва иқтисод, на як самти алоҳидаи фаъолияти хориҷӣ, балки ҷузъи муҳимми стратегияи умумии сиёсати хориҷии он дар минтақа ба ҳисоб меравад. Ин ҳамкориҳо дар доираи ҳадафҳои васеи Туркия барои таҳкими нуфузи худ дар Осиёи Марказӣ ва густариши робитаҳои сиёсию иқтисодӣ бо кишварҳои минтақа амалӣ мегарданд.

Дар марҳалаи мавриди баррасӣ, мавқеъҳои Тоҷикистон ва Туркия дар масъалаҳои асосии байналмилалӣ ва минтақавӣ ба ҳам мухолифат надоранд, ки ин омил имконияти мусоиди тавсеаи робитаҳои дуҷонибаро фароҳам меорад. Воқеан, дар ҷараёни мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Туркия, Мавлуд Чавушоғлу, бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, масъалаҳои муҳимми ҳамкории сиёсӣ ва иқтисодӣ баррасӣ шуданд. Дар ин мулоқот, ҷонибҳо дар бораи сафари қарибулвуқуи Президенти Ҷумҳурии Туркия, Раҷаб Тайиб Эрдуғон, ба Тоҷикистон ва баргузории нахустин ҷаласаи Шурои ҳамкорӣ, ки бо ин сафар рост меояд, табодули афкор намуданд.

Вазир Чавушоғлу ҳамчунин изҳор дошт, ки мо аз ҳузури Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми дипломатӣ, ки дар шаҳри Анталияи Туркия баргузор мегардад, ифтихор хоҳем кард. Ба гуфтаи ӯ, муносибатҳои ду кишвар дар ҳамаи соҳаҳо таҳти роҳбарии шахсӣ ва иродаи сиёсӣ Президенти ҳар ду кишвар пайваста рушд ёфта, ба сатҳи сифатан нав мебароянд.

Чавушоғлу ҳамчунин бо Субраҳманям Ҷайшанкар, вазири умури хориҷаи Ҳинд мулоқот кард, ки дар он равобити дуҷониба ва таҳаввулоти минтақавии мо баррасӣ шуд ва изҳор дошт, ки равобити худро ба вижа дар арсаи иқтисод ва тиҷорат густариш хоҳем дод; дидори дигар бо Шоҳ Маҳмуд Қурайшӣ-вазири корҳои хориҷаи Покистон дар он ба равобити дуҷонибаи мо ва охирин таҳаввулоти марбут ба раванди сулҳ дар Афғонистон арзёбӣ карданд; ҳамчунин бо ҳамтои озарбойҷониаш Ҷейҳун Байрамов ва дигарон мулоқот доир намуданд. Вазир Чавушоғлу дар рӯзи охирини барномаи худ дар Душанбе дар

конфронси 9-уми вазирони «Қалби Осиё – Раванди Истамбул» 30 марти соли 2021 таҳти раёсати Тоҷикистон ва Афғонистон ширкат ва суханронӣ намуд. Вай таъкид кард, ки оташбаси ҳамаҷониба барои ҳалли сиёсӣ зарур аст ва бо назардошти ин ва бо дархости ҷонибҳои афғон, мо тасмим дорем дар Туркия як нишасти сатҳи баландро барои мукаммал ва фаъолгардонии раванди Доха баргузор кунем. Дар мулоқот бо Ашраф Ғанӣ, раиси ҷумҳури вақти Афғонистон, доир ба саҳми ҳадди аксари нишасти Истанбул ба музокироти сулҳ ва машваратҳои зич бо раҳбарияти Афғонистон табодули афкор сурат гирифт [111, с. 126-128].

Пайравӣ кардани як хатти сиёсати хориҷӣ ба Туркия ба ин кишвар имкон дод, ки эътимоди Ғарбро нигоҳ дорад ва ҳамзамон нуфузи худро дар Ховари Миёна барқарор кунад. Ҳамин тариқ, Туркия ба ҷомеаи ҷаҳонӣ собит кард, ки на танҳо аз рӯйи мавқеи ҷуғрофиёиаш, балки ба шарофати дипломатияи чандири худ як кишвари беназир аст, ки қодир ба пайвандгари Ғарбу Шарқ гардад. Туркия саъйю талош дорад, ки дар олами ислом мавқеи пешсафро ишғол намояд. Синтези ислом ва демократияро, ки Туркия ба унвони намунаи тақлид пешниҳод мекунад, кишварҳои ғарби ҳамчун муқовимат ба фундаментализми исломӣ тарғиб мекунанд.

Ба таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар форматҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ишора намуда, зарур аст таъкид кард, ки дар муносибатҳои Тоҷикистон бо Туркия як қатор нуқтаҳои муҳимми стратегӣ мавҷуданд, ки бояд бо ҷиддият ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Ин нуқтаҳо, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои геополитикӣ, манфиатҳои иқтисодӣ, равандҳои фарҳангӣ ва ҳамкориҳои амниятии ҳар ду кишвар марбутанд.

Аз лиҳози геополитикӣ, мавқеи ҳар ду давлат дар минтақаи васеи Осиё ва робитаҳои онҳо бо қудратҳои байналмилалӣ аҳаммияти вижа доранд. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, зарурати истифодаи потенсиали бузурги ҳамкориҳо дар бахшҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, энергетика ва

инфрасохтор мавҷуд аст. Дар соҳаи фарҳанг, таърихи муштарак ва арзишҳои ҳаммонанд метавонанд ҳамчун пояи таҳкими «нерӯи нарм» ва муаррифии байналмилалӣ хизмат кунанд.

Ғайр аз ин, ҳамкориҳои амниятӣ, аз ҷумла мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва таҳдидҳои трансмиллӣ, инчунин таъмини субот дар минтақа, бояд ҳамчун самтҳои афзалиятнок дар назар гирифта шаванд. Бо дарназардошти ин омилҳо, таҳкими ҳамкориҳои стратегӣ ва ҳамоҳангсозии саъю кӯшишҳо дар арсаҳои гуногун метавонад ба рушди устувор ва муваффақи муносибатҳои Тоҷикистону Туркия мусоидат кунад.

Ба мақсад мувофиқ аст агар ба таври фишурда онҳоро тазаккур намоем, зеро мутобиқи мантиқи равобити байнидавлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, дар ин замина мулоҳизаҳои амиқи илми дошта, бо назардошти он муносибати худро бо Ҷумҳурии Туркия рушду тавсия бахшад:

Аввалан, ин усули бархӯрд ба масоили минтақавӣ дар стратегияи сиёсати хориҷии Туркия мебошад. Таҳлилҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки бозингари нави минтақавӣ дар симои Эрон дар оянда метавонад мавқеи Туркияро дар равобит бо Тоҷикистон заъиф созад. Саволе дар ин маврид ба вуҷуд меояд, чаро ду маркази таърихии нуфуз дар Осиёи Марказӣ, ки аз Туркия ва Эрон иборат мебошанд, мехоҳанд тавони худро барои эҷоди фазои васеи ҳамкорӣ байни миллатҳо, фарҳангҳо ва мазҳабҳо дар амал пиёда намоянд.

Ин як воқеияти раднопазир аст, ки кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври комил ҳақ ва имконияти қонуниро доранд, то бо дарназардошти наздикии тамаддунӣ, таърихӣ ва арзишҳои фарҳангии худ, ба раванди наздикшавӣ ва ҳамгироии фарҳангӣ ва сиёсии давлатҳои мансуб ба ҷамоаҳои туркзабон ва эронитабор талош намоянд. Ин раванд на танҳо аз иртибототи таърихии тӯлонӣ ва решаҳои муштараки фарҳангӣ сарчашма мегирад,

балки ҳамчун як унсури муҳим дар ташаккули ҳамкориҳои муосир ва таҳкими суботи минтақавӣ низ хизмат мекунад.

Наздикӣ ва ҳамоҳангии фарҳангӣ метавонад ҳамчун омили мусоид барои рушди ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хизмат намояд. Дар ин замина, кишварҳои Осиёи Марказӣ, бо истифода аз механизмҳои ҳамкории бисёрҷониба ва дуҷониба, метавонанд мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам намуда, манфиатҳои миллии худро дар чаҳорчӯби ҳамгироии минтақавӣ таъмин кунанд.

Тоҷикистон, бо дарназардошти мавқеи геостратегӣ ва нақши таърихии худ, қодир аст дар ин раванди наздикшавӣ ҳамчун як шарики фаъол ва боэътимод амал намояд, ки ин метавонад ба густариши муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои ҳампаймон мусоидат кунад.

Воқеан, он далел, ки ду қудрати таърихии нуфуз дар минтақа - Туркия ва Эрон - натавонистанд зарфиятҳои худро дар эҷоди ҳамкориҳо ва равобити густурда миёни мардумони аз лиҳози қавмӣ ба ҳам монанд, дар Осиёи Марказӣ амалӣ кунанд. Ин маънои онро дорад, ки Тоҷикистон ва Туркия метавонанд ихтиёран ба раванди эҷоди фазои ҳамкориҳо бар пояи арзишҳои муштарак, равобити таълимӣ ва фарҳангӣ бо табодули таҷриба дар заминаи рушд ва танзими сиёсӣ иқдом кунанд. Тоҷикистон ва Туркия метавонанд байни худ равобити устувортар ва амиқтар барқарор кунанд ва ба рушду шукуфоии муштарак мусоидат кунанд. Аз ҷумла, мардуми Туркия ва Тоҷикистон ҳаққи таърихии баргузории анҷуманҳои гуногунро доранд ва дар рушди ҳамкориҳо ба хотири шукуфоии мутақобилаи кишварҳои мутааллиқ ба як ҷомеаи тамаддуни ягонаи дунявӣ саҳм гузоранд. Дар ҳоли ҳозир, зарурати воқеии таъсиси як механизми машваратӣ, коршиносӣ-машваратӣ барои ҳамкориҳо оиди фаъолияти динӣ дар доираи давлати дунявӣ ба хотири суботу шукуфоӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин бобат таҷрибаи Ҷумҳурии Туркия барои Тоҷикистон ибратбахш аст.

Самтҳои асосии ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби муносибатҳои стратегии Тоҷикистону Туркия метавонанд самтҳои мухталифро дар бар гиранд, ки ҳар яке аз онҳо дорои аҳаммияти назаррас барои рушди устувори ду кишвар мебошад. Пеш аз ҳама, муколамаи байнифарҳангӣ ҳамчун воситаи таҳкими эътимоди мутақобила ва тақвияти робитаҳои фарҳангӣ хизмат карда, заминаи мусоидро барои ҳамгироии ҷомеаҳо фароҳам меорад. Ин раванд, дар навбати худ, метавонад ба рушди ҷомеаи дунявӣ ва муосир, ки ба арзишҳои демократӣ ва принсипҳои ҳамзистии осоишта такя мекунад, мусоидат намояд.

Таъмини мубодилаи таҷрибаи сохтмони давлат дар Туркия, ки имрӯз ҳамчун яке аз кишварҳои босуръат рушдёбанда бо иқтисоди муосир ва сохтори пешрафтаи тиҷорат шинохта шудааст, барои Тоҷикистон аҳаммияти калидӣ дорад. Ин таҷриба метавонад дар татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, инкишофи соҳибкорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ истифода шавад.

Илова бар ин, ҳамкориҳо дар бахши гидроэнергетика, ки барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои манбаъҳои ғании обӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад, метавонад ба таъмини амнияти энергетикӣ ва таҳкими зерсохторҳои иқтисодӣ мусоидат кунад. Дар баробари ин, густариши сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори нақлиёт ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ аз ҷумлаи самтҳои умедбахши ҳамкорӣ мебошанд, ки метавонанд ба рушди устувори дуҷониба ва афзоиши нақши ҳар ду кишвар дар минтақа замина фароҳам оваранд.

Дуюм, Ҷумҳурии Туркия дар ибтидои асри XXI ба шарофати он, ки суръати афзоиши иқтисодиёташ паст намешавад ва таваллуд дар ин кишвар ба таври қатъӣ назорат карда мешавад, ба як кишвари дорои иқтисодиёти баланди замонави табдил ёфтааст. Маҷмуи маҳсулоти дохилии Туркия, новобаста аз усулҳои андозагирӣ, нисбат ба дигар номзадҳои Иттиҳоди Аврупо зиёдтар аст. Ин сатҳ Туркияро на танҳо дар

робита бо Аврупо, балки дар баробари дигар кишварҳои саноатии ҷаҳон низ дар мавқеи муҳим қарор медиҳад.

Туркия дар савдои берунӣ танҳо ба далели рақобатпазирии колоҳои худ, на бо манъи воридоти хориҷӣ, ба натиҷаҳои назаррас ноил шудааст. Аммо корхонаҳои давлатии Туркия воситаи асосие буданд, ки давлат ба танзими иқтисодиёт кумак мекард. Ба корхонаҳое, ки бояд хусусигардонӣ шаванд, талабҳои қатъӣ, аз қабили таъмини технологияи нав ва ҷалби инвеститсияҳои нав, қатъиян тараққӣ додани истеҳсолот гузошта мешуданд. Бо дарназардошти вижагиҳои дар боло зикршуда Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои худ бо Ҷумҳурии Туркия пеш аз ҳама аз он бармеояд, ки нишондиҳандаҳои муҳимтарини иқтидори миллии ин давлат, аҳолӣ, ҷуғрофиё, захираҳои иқтисодӣ, иқтидори ҳарбӣ ва иқтидори илмӣ мебошанд. Афзоиши заминҳои корам дар Туркия, асосан ба афзудани аҳолии он вобаста буд. Ҳол он ки дар зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода бурдани техникаи кишоварзӣ ҳам нақши калон мебозад. Аз ин рӯ, аҳолӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми қудрати миллат аст.

Ин омилҳо барои гулгулшукуфии давлатҳо аҳаммияти хосса дошт ба рушди робитаҳои иқтисодии Туркия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Бинобар ин, дар доираи нақшаи стратегии Ҷумҳурии Туркия, як қатор самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, ки ҳадафи онҳо таҳкими робитаҳои дуҷониба ва рушди устувори минтақавӣ мебошад. Аз ҷумла, ҳамкориҳои тиҷоратӣ ҳамчун яке аз пояҳои асосии ин муносибатҳо, ба тавсеаи мубодилаи молу хизматрасониҳо, ҷалби сармоягузорӣ ва афзоиши ҳаҷми савдо равона шудаанд.

Самти дигар, ки аҳаммияти хоса дорад, истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои обии минтақа мебошад. Бо дарназардошти нақши калидии Тоҷикистон ҳамчун яке аз кишварҳои дорои захираҳои фаровони обӣ, ҳамкориҳо дар ин самт метавонанд ба таъмини амнияти

энергетикӣ, рушди гидроэнергетика ва ҳифзи муҳити зист мусоидат намоянд. Дар баробари ин, масъалаи таъмини амнияти экологии минтақа низ дар маркази таваҷҷуҳи ин ҳамкориҳо қарор дошта, бо татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои муштарак, ки ба ҳифзи экосистемаҳо ва идоракунии устувори захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд, амалӣ мегардад. Ин самтҳо, дар маҷмӯъ, на танҳо барои тақвияти мавқеи стратегии ҳар ду кишвар, балки барои пешбурди ҳамгироии иқтисодӣ ва таъмини суботи дарозмуддати минтақа аҳаммияти калидӣ доранд.

Ташкили бозори ягонаи маҳсулоти кишоварзӣ; сарфакорона истифода бурдани захираҳои маъданӣ, ашёи хом ва сӯзишворию энергетикӣ; кооператсияи истеҳсолӣ ба мақсади истеҳсоли маҳсулоти рақобатноки бо дараҷаи баланди тайёрӣ; ташкили низоми ягонаи нақлиётию коммуникатсионӣ бо дастрасӣ ба бозорҳои хориҷӣ; рушди низоми бонкӣ; фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ; ҳамкории илмӣ-техникӣ; таълимӣ ва ғайра. Ин ҳама барои Тоҷикистон, ки роҳи тараққиёти мустақилро пеш гирифтааст, хеле ҷолиб мебошанд. Гузашта аз он Туркия як модели хосси рушди иҷтимоию иқтисодиро ба вуҷуд овардааст, ки ба ин васила ҷолибияти худро барои Тоҷикистон афзоиш бахшидааст [23, С.89].

Сеюм, бояд зикр кард, ки мушкилоти дохилии давлатҳои минтақа якҷоя мушкилоти умумиминтақавиро ташкил медиҳанд ва имрӯз шумораи онҳо хеле зиёд аст. Ин ба Тоҷикистон низ дахл дорад, зеро кишвар дар миёни таҳдидҳо, мушкилиҳо ва хатарҳои зиёд қарор дорад. Дар ин робита муҳаққиқони Россия В. Наумкин ва И. Звягелская таҳдидҳои ғайрианъанавӣ, тақозо ва хавфҳоро ба низом даровdefinitions, сарчашмаҳои пайдоиши онҳоро дар мисоли Осиёи Марказӣ ва Қафқоз - «Қатори Ҷануб» ном мебаранд (southern tier). Онҳо чунин меҳисобанд, ки аз самти «Қатори Ҷануб» барои Россия чунин мавридҳо аз қабили маводи мухаддир (drugs), ҷинояткории муташаккилона (organized crime) ва терроризм (terrorism), хатарҳои – вуруди дастаҷамъона ва гурезаҳо

(mass migrations and refugees) ва хавфҳои вайрон шудани муҳити силоҳ (degradation of the environment) таҳдид мекунад [110, С.118]. Ҷанбаи дигар коҳиш додани таъсири манфии бисёр мушкилот, ин рушди тадриҷан дар кишварҳои минтақа мебошад. Соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Туркия сафар карда буд, ки дар натиҷаи он роҳбарони ду кишвар Эъломия дар бораи таъсиси Шурои ҳамкори миёни Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба имзо расониданд. Ҳамин тариқ, муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар марҳалаи имрӯзӣ ба сатҳи сифатан нав баромада, хусусияти стратегӣ касб менамоянд. Дар баробари ин, бояд ба ин воқеият таваҷҷуҳ кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ дорои аҳаммияти махсуси стратегӣ мебошад. Ин аҳаммият на танҳо аз мавқеи ҷуғрофии он, балки аз сарватҳои фаровони табиӣ, аз ҷумла захираҳои бузурги обӣ ва энергетикӣ, инчунин имкониятҳои муҳимми коммуникатсионӣ сарчашма мегирад. Маҳз ин омилҳо Тоҷикистонро ба як объекти калидӣ дар низоми муосири муносибатҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ табдил додаанд.

Чорум, зарур аст таъкид шавад, ки Ҷумҳурии Туркия дар раванди рушди сиёсати хориҷии худ нисбат ба Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ такя менамояд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт расидан ба натиҷаҳои судманди мутақобила мебошад. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки сатҳи муносибатҳои байнидавлатӣ ва самаранокии ҳамкориҳои иқтисодӣ бевосита аз вазъи сиёсиву иҷтимоии дохилӣ ва субот ҳам дар дохили кишварҳо ва ҳам дар минтақаи Осиёи Марказӣ вобаста аст.

Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни ду кишвар, ба мақсад мувофиқ аст, ки бунёди корхонаҳои муштарак бо истифодаи технологияи муосири туркӣ ва бо дарназардошти иқтидори баланди содиротии Тоҷикистон, бахусус дар

бахши энергетика, роҳандозӣ гардад. Истифодаи шаклҳои алтернативии маблағгузории лоиҳаҳо, аз ҷумла ҷалби сармоягузориҳои мустақими туркӣ ва истифодаи имкониятҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ, метавонад ба суръат бахшидани рушди иқтисодии кишварҳо мусоидат кунад.

Илова бар ин, ҳамкорӣ дар самти ҷалби сармояи туркӣ барои истифодаи манбаъҳои ғайрианъанавии энергия, аз қабили энергияи офтобӣ дар минтақаҳои дурдаст ва камаҳолӣ, дорои аҳаммияти баланд мебошад ва метавонад ба таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ хизмат намояд.

Дар ин замина ба яке аз Эъломияҳои муҳимми байнидавлатӣ аз 19 январи соли 2018 муроҷиат кардан лозим аст, ки дар даҳаи сеюми асри XXI аҳаммияти худро гум накардааст [8]. Ба назари муаллиф рисола, дар айни замон нуқтаҳои асосии ин Эъломияро такмил додан лозим аст. Ин самт ба густариш ва тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ марбут мегардад, ки дорои аҳаммияти ҳаётан муҳим барои таъмини сатҳи баланди хизматрасониҳои тиббӣ ва беҳдошти аҳолӣ мебошад. Дар ин замина, тавассути Агентии ҳамкории байналмилалии Туркия дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор иқдомҳои мушаххас амалӣ гардидаанд. Аз ҷумла, ташкили семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ, курсҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани саҳми дониш ва малакаи мутахассисони соҳаи тиб, баргузор намудани намоишгоҳҳои таҷҳизоти муосири тиббӣ ва муаррифии доруҳои нав, ки ба беҳтар намудани имкониятҳои табобатӣ ва ташхисӣ мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, табодули таҷрибаи амалӣ миёни кормандони соҳаи тандурустии ҳар ду кишвар ҳамчун як самти калидӣ дар рушди қобилиятҳои касбӣ ва ворид намудани методҳои пешрафтаи тиббӣ ба назар гирифта мешавад. Дар баробари ин, ҳамкориҳо дар бахшҳои стандартизатсия, метрология ва аккредитатсия низ роҳандозӣ гардида,

бо ҳадафи мутобиқсозии меъёрҳо ва стандартҳои соҳаи тандурустӣ ба талаботи байналмилалӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо равона шудаанд. Ин иқдомҳо, дар маҷмӯъ, на танҳо ба рушди инфрасохтори тандурустӣ, балки ба таҳкими асосҳои ҳамкориҳои дуҷониба дар арсаи иҷтимоӣ ва гуманитарӣ низ замина мегузоранд.

Гуфтан мумкин аст, ки аз замони барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ то ба имрӯз, бо вуҷуди тағйироти даврагӣ, равобити иқтисодӣ миёни ду кишвар пайваста инкишоф ёфта истодааст. Иштироки фаъолонаи Туркия дар тамоми созмонҳои байналмилалӣ оид ба тамоми масъалаҳои глобалӣ ва байналмилалӣ ба як дипломатияи ритмикӣ асос ёфтааст, ки мехоҳад Туркияро дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун иштирокчии низоми навини ҷаҳонӣ аз ҷиҳати фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ таъмин намояд. Гузашта аз он, Ҷумҳурии Туркия дар даҳаи сеюми асри XXI давраи рушди босуръати иқтисодӣ, падидаи ба истилоҳ «муъҷизаи туркӣ»-ро аз сар мегузаронад, ки бо афзоиши нуфузи он дар минтақа ва дар маҷмуъ афзоиши аҳаммияти кишвар дар муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳамроҳ мешавад.

Панчум, тавре қаблан ба ин нукта дар қаринаи масоили дигар ишораи мухтасар гардид, мушкилоти идеологи асосан ба эҳё гаштани андешаҳои неоусмонизм, афкори пантуркистӣ ва ихтилофҳои геополитикӣ бо Эрон вобаста мебошад, ки метавонад ба муносибатҳои ҳарду кишвар дар форматҳои гуногуни ҳамкорӣ халал ворид намояд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки таҷрибаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия дар форматҳои гуногун нишон медиҳанд:

1. Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дорои решаҳои таърихии кафолатёфта ва бисёрқабата мебошанд, ки ба асрҳои пешин бармегарданд ва дар тӯли таърих зери таъсири омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд. Ин робитаҳо, бо вуҷуди тағйироти зиёде, ки дар низоми байналмилалӣ ва минтақа рух додааст, хусусияти устувор ва пайвастаи худро ҳифз

намудаанд. Бо дарназардошти аҳаммияти ин заминаи таърихӣ, зарур аст, ки дар чорчӯби таҳқиқоти муосир оид ба таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, ҷанбаҳои муҳимми ташаккули ин равобит мавриди таҳлили амиқ қарор гиранд. Баррасии чунин паҳлуҳо имкон медиҳад, ки на танҳо заминаҳои ҳамкориҳои кунунӣ беҳтар фаҳмида шаванд, балки дурнамои рушди онҳо низ бо такя ба таҷрибаи таърихӣ ва арзишҳои муштарак муайян гардад.

Ин таҳлилҳо метавонанд равшан созанд, ки чӣ гуна робитаҳои таърихӣ имрӯз дар шаклгирии сиёсати хориҷӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва робитаҳои фарҳангии ҳар ду кишвар нақш мебозанд ва чи тавр онҳо метавонанд ҳамчун асоси устувор барои таҳкими муносибатҳои стратегӣ дар оянда хизмат намоянд.

Аммо бояд гуфт, ки Тоҷикистон дар арсаи сиёсӣ ҷузъе аз ҷаҳони турк набуда, аз сохтори умумӣ берун рафта аст. Сарфи назар аз як ҳувияти динии байни кишварҳо, муносибатҳои байнидавлатӣ дар сатҳи шарикии иқтисодӣ боқӣ мемонданд. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки самтҳои сиёсати хориҷии Туркия на ба ангезаҳои мазҳабӣ, балки ба ангезаҳои таърихӣ ва геополитикӣ асос ёфтааст.

Бо дарназардошти ин омилҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ муносибатҳои фаъоли байнидавлатиро ҳамчун як субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ ба роҳ монад. Ин раванд имкон дод, ки кишвар дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро таҳким бахшида, бо давлатҳои хориҷӣ робитаҳои гуногунсамт, аз ҷумла муносибатҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар намудҳои ҳамкориро барқарор намояд.

Дар доираи ин ҳамкориҳо, мубодилаи намояндагони расмӣ ва ваколатдор ба роҳ монда шуда, замина барои рушди робитаҳои мутақобилан судманд фароҳам оварда шуд. Ҳамзамон, раванди имзои шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дар самтҳои мухталиф, ки ба таҳкими ҳамкорӣ, таъмини амният ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ

равона шудаанд, фаъолона роҳандозӣ гардид. Ин дастовардҳо барои Тоҷикистон на танҳо ҳамчун нишонаи қудрати ҳуқуқии як давлати мустақил, балки ҳамчун пояи устувори сиёсати хориҷии он хизмат карда, имкониятҳои нави ҳамкорӣ ва ҳамгироиро дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фароҳам оварданд.

2.Шакл гирифтани форматҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар равобити Туркия бо Тоҷикистон бештар ба даҳсолаи дуюми асри XXI рост меояд ва ба он вобастагӣ дошт, ки Туркия аз нигоҳи геополитикӣ дар Тоҷикистон ба таври суннатӣ на танҳо аз Россия, Чин, балки ҳатто аз Эрон, ки Тоҷикистон бо он муштаракоти зиёди фарҳангӣ ва тамаддунӣ дорад, поинтар буд. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон нисбат ба Туркия бо назардошти манфиатҳои милли барои ба даст овардани манфиатҳо сиёси-дипломати ва иқтисодӣ равона карда мешаванд;

3.Ба таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Тоҷикистону Туркия дар форматхи гногун ишора намуда зарур аст таъкид намоем, ки Тоҷикистон дар муносибат бо Туркия хеле бо мулоҳиза бархурд мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарки аҳаммияти рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд, муносибатҳои гуногунҷабҳа ва ҳамаҷонибаро бо Ҷумҳурии Туркия таҳким бахшида истодааст. Дар ин замина, на танҳо таҷрибаи муваффақи Туркия дар самти татбиқи «модели рушди иқтисодии давлатӣ» дар шароити хоси худ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, балки инчунин унсурҳои дигар, аз ҷумла принсипи ҷудо будани дин аз давлат, характери ҳуқуқбунёд ва дунявии ҷомеаи туркӣ, ҳамчун омилҳои мусоидаткунанда ба устувории низоми сиёсӣ ва рушди иқтисодӣ, мавриди омӯзиши амиқ қарор доранд.

Ҳамзамон, Тоҷикистон ба таври дақиқ ва воқеъбинона мақоми хоси баъзе ғояҳо ва андешаҳои дар сиёсати хориҷии Туркия мавҷудбуда, аз ҷумла равияҳои пантуркистӣ, ки дар бисёр ҳолатҳо таҳлилгарон онҳоро ҳамчун унсурҳои манфӣ арзёбӣ мекунанд, барои худ мушаххас сохтааст.

Ин таҳлилҳо ба Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки дар равобити худ бо Туркия, манфиатҳои миллиро бо ҳассосияти зарурӣ ҳифз намояд.

Бо дарназардошти зарфиятҳои иқтисодӣ ва нуфузи байналмилалӣ, Туркия имрӯз ҳамчун яке аз кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ ва севумин бозигари таъсиргузор дар минтақаи Осиёи Марказӣ пас аз Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин шинохта мешавад. Аз ин лиҳоз, пеш аз ҳама, Туркия барои Тоҷикистон ҳамчун шарики муҳимми иқтисодӣ арзёбӣ мегардад, ки ҳамкориҳо бо он метавонад ба рушди устувори иқтисоди миллӣ ва тавсеаи робитаҳои тиҷоратӣ мусоидат кунад.

Афзун бар он, авлавиятҳои равобити Тоҷикистону Туркия дар заминаи дунявияти комили ҷомеа ташаккул пайдо карда истодааст;

4.Туркия ҳамчун намуна аз кишварҳоест, ки дар сиёсати хориҷии худ мувозинатро нигоҳ медорад. Ба назари мо ин намунаи хубест, ки чӣ гуна як кишвари хеле пойбанд ба арзишҳои динӣ метавонад сиёсати дохилии дунявӣ анҷом диҳад ва ҳамзамон кишвари дар фаъолияти байнидавлатии худ ғайриисломӣ боқӣ монад. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки Туркия дар Осиёи Марказӣ бо эълони сиёсати муттаҳид кардани давлатҳои туркзабон,

Ба таври мушаххас, дар солҳои охир як қатор ташаббусҳои муҳим, аз ҷумла таъсиси нишастҳои сарони кишварҳои туркзабон, таъсиси Шурои ҳамкории кишварҳои туркзабон, Идораи байналмилалии фарҳанги туркӣ – «Турксой», Ассамблеяи парлумонии давлатҳои туркзабон – ТуркПА ва дигар сохторҳои ҳамгироӣ, расман ба роҳ монда шуданд. Ин ниҳодҳо, ки дорои самтгирии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошанд, ба густариш ва таҳкими робитаҳои байни кишварҳои туркзабон мусоидат мекунанд.

Фаъолияти онҳо на танҳо дар сатҳи баландсиёсӣ, балки дар рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ, илмӣ ва маориф низ аҳаммияти назаррас дорад. Мисли «Турксой», ки ҳадафаш ҳифз ва тарғиби мероси фарҳангии муштарак мебошад, ё ТуркПА, ки ҳамчун платформаи ҳамкории

парлумонӣ хизмат мекунад, ин ниҳодҳо барои ташаккули як муҳити ҳамгироии бисёрсамтӣ замина фароҳам меоранд. Ҳузури фаъоли ин созмонҳо дар фазои байналмилалӣ ва иштироки мунтазами кишварҳои узв дар чорабиниҳои онҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, метавонад ба таври мустақим ба таҳкими нуфузи дипломатӣ ва иқтисодӣ дар минтақаи васеътар мусоидат намояд.

# БОБИ 2. ДИНАМИКАИ РОБИТАҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ ВА ТАКОМУЛИ АСОСҲОИ СИЁСИЮ ХУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲО МИЁНИ ТОҶИКИСТОН ВА ТУРКИЯ ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI

## 2.1. Самтҳои афзалиятноки тавсеаи муносибатҳо байни Тоҷикистону Туркия: тарҳҳои муштараки ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ.

Тавсеа ва густариши самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия дар ибтидои асри XXI дар шароите амалӣ гардид, ки бо таҳаввулоти амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва геостратегии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҳамзамон буд. Ин равандҳо, ки хусусияти тағйирдиҳандаи низоми муносибатҳои байналмилалиро доштанд, ба шаклгирии муҳити нави ҳамкориҳои дуҷониба замина гузоштанд.

Дар ин марҳала, бо вуҷуди рақобатҳои геополитикӣ ва таҳаввулоти динамикӣ дар фазои Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон ва Туркия тавонистанд мавқеи устувори худро дар равобити байнидавлатӣ ҳифз ва таҳким бахшанд. Самтҳои ҳамкорӣ, ки ҳамчун афзалиятнок муайян шуданд, на танҳо ба эҳтиёҷоти фаврии ҳар ду кишвар, балки ба дурнамои дарозмуддати рушди ҳамкориҳои стратегӣ ҷавобгӯ буданд.

Ин ҳамкориҳо, ки бахшҳои калидии иқтисод, савдо, сармоягузорӣ, фарҳанг, маориф, технология ва энергетикаро фаро мегиранд, дар шароити мавҷудияти таҳаввулоти глобалӣ аҳаммияти бештар пайдо карданд. Маҳз дар ин замина, робитаҳои Тоҷикистону Туркия тавонистанд ба сатҳи сифатан нав бароянд ва ҳамчун унсури устувори сиёсати хориҷии ҳар ду давлат нақш бозанд.

Ҳамин буд, ки Туркия дар сиёсати берунии худ нисбат ба бисёр мамлакатҳои ҷаҳон дигаргуниҳои бомуваффақияти сиёсӣ ва иқтисодиро нишон медиҳад, ки раванди мазкурро дар робита бо Тоҷикистон низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар робита ба афзоиши иқтисодиёт мо ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки баъзе нишондиҳандаҳои тараққиёти иқтисодиёти

Туркияро нишон диҳем, ки иқтидори бузурги иқтисодии ин давлатро нишон медиҳанд. Мо нишондиҳандаҳои зеринро ба асос гирифтем: тараққиёт ва дурнамоҳои иқтисодӣ; савдои хориҷӣ; сармоягузории мустақими хориҷӣ; раванди хусусигардонӣ; хизматрасонии пудратӣ дар хориҷа; туризм; сиёсати пулию қарзӣ, дурнамои иқтисодӣ ва зоҳираҳо [48, С.57].

Рушди иқтисодӣ бар асоси гузориши Бонки Ҷаҳонӣ «Дар бораи дурнамои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ», ки дар моҳи апрели соли 2017 нашр шуд, иқтисоди Туркия дар соли 2016 аз лиҳози тавоноии харидорӣ дар ҷаҳон ҷойи 13-ум ва дар Аврупо ҷойи 5-умро ишғол кардааст. Суръати умумии рушди иқтисодӣ дар соли 2017 ба 6,5 - 7 фоиз мерасад. Туркия аз рӯйи рушди умумии иқтисодӣ дар байни кишварҳои OECD ва G20 ҷойи аввалро ишғол мекунад. Туркия аз имтиҳони демократия бомуваффақият гузашт ва дар мубориза бо кӯшиши табаддулоти соли 2016 пирӯз шуд. Бо вуҷуди ин раванди душвор иқтисоди Туркия тавонист қудрати худро нигоҳ дорад. Бахусус, пас аз соли 2017 Агентиҳои рейтингии байналмилалӣ маҷбур шуданд, ки тахминҳои худро дар бораи суръати рушди иқтисоди Туркия бознигарӣ кунанд **[37, С. 82]**.

Савдои хориҷии Туркия дар соли 2016 ҳаҷми умумии савдои 342 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод, ки 143 миллиард долларашро содирот ва 199 миллиард долларашро воридот ташкил медиҳад. Дар тӯли солҳои 2005-2016 суръати миёнаи афзоиши содироти Туркия 6,4% ва дар саросари ҷаҳон 4,3 % буд. Содироти Туркия дар соли 2017 153,3 миллиард доллар, дар соли 2018 170 миллиард доллар ва дар соли 2019 193,1 миллиард долларро ташкил дод **[37, С. 134]**

Ҳаҷми тиҷорати Туркия бо Иттиҳодияи Аврупо тақрибан 160 миллиард долларро ташкил медиҳад. Туркия яке аз шарикони чашмраси тиҷории Иттиҳодияи Аврупо аст, дар ҳоле ки Иттиҳодияи Аврупо нахустин шарики тиҷоратии Туркия аст. Иттиҳодияи гумрукӣ бо

Иттиҳоди Аврупо танҳо маҳсулоти истеҳсолшуда ва маҳсулоти кишоварзии коркардшударо дар бар мегирад.

**Ҷадвали№ 1. Савдои хориҷии Туркия (млрд доллари амрикоӣ)**

| Солҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|
| Содирот | 152,6 | 151,8 | 157,6 | 143,9 | 143 |
| Воридот | 236,5 | 251,7 | 242,1 | 207,2 | 199 |
| Ҳаҷми савдо | 389,1 | 403,5 | 399,7 | 351,1 | 342 |

**Манбаъ: Турк Омор (Институти Омори Туркия), Анқара, 2017 (ба забони англисӣ, С. 34-35)**

Ҳамчунин партали Турк Омор (Институти Омори Туркия, Анқара, 2017, ба забони англисӣ, С. 69 -71) дар асоси маълумоти Master Card Global Destinations Cities Index хабар медиҳад, ки Туркия дар байни шаҳрҳои сердаромадтарини Аврупо ҷойи 3-юмро ишғол намуд. Туризм инфрасохтори пешрафта ҳисобида мешавад. Туркия дар ҷойи 6-уми макони сайёҳии ҷаҳон мебошад, ки ҳамасола беш аз 30 миллион сайёҳро ҷалб мекунад ва сол то сол рушди мусбӣ нишон медиҳад. Бо шарофати афзояндаи пайвастагии глобалӣ, на камтар аз он, ки аз сабаби ҷойгиршавии мусоиди ҷуғрофии он. Истанбул дар маркази таваҷҷуҳ аст. Сиёсати пулию қарзӣ мутобиқи рушди устувори иқтисоди Туркия дар соҳаи молияи давлатӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Дар байни солҳои 2012 ва 2016, қарзи умумии аз ҷониби ИА муайяншуда аз 72,1% то 28,3% коҳиш ёфт. Аз соли 2004 инҷониб, Туркия ба меъёри «ҳадди аксар 60% қарзи давлатӣ» ҷавобгӯ аст, ки яке аз меъёрҳои Маастрихт мебошад. Ҳамин тариқ, таносуби касри буҷет ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар давраи солҳои 2003-2016 аз 10 фоиз то 2 фоиз кам шуд ва ин меъёр ба Туркия мутобиқат мекунад [148].

Дурнамои иқтисодии Туркия аз рӯйи маълумоти соли 2017 нишон медиҳад, ки иқтисодиёти Туркия натиҷаҳои барҷаста ба даст оварда, афзоиши устуворро нишон медиҳад. Стратегияҳои солимии макроиқтисодӣ, сиёсати оқилонаи молӣ ва пулию қарзӣ ва ислоҳоти сохторӣ, ки дар тӯли ин давра анҷом дода шудаанд, боиси суръати баланди рушд ва афзоиши эътимод ба иқтисоди Туркия шуданд. Туркия дорои бозори бузурги дохилӣ, бахши хусусии рақобатпазир ва динамикӣ ва инфрасохтори технологӣ дар бахшҳои нақлиёт, телекоммуникатсия ва энергетика мебошад. Захираҳои кишвар ба санаи 15 декабри соли 2017, захираҳои байналмилалии Бонки марказӣ ба 113 миллиарду 582 миллион доллар расидааст. Ҳукумати Туркия барои ҳавасманд кардани сармоягузории хориҷӣ мувофиқи ниёзҳои ҳар як лоиҳа аз Маҷлиси бузурги миллии Туркия иҷозати зарурӣ гирифтааст. Бо дархост ҳукумати Туркия омода аст, бо сармоягузорони хориҷӣ мулоқот кунад ва масъалаҳои ҳавасмандгардонии сармоягузориро, ки ниёзҳои онҳоро қонеъ гардонад, баррасӣ кунад, ин ҳама факт ва далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ибтидои асри XXI ба қудрат расидани Ҳизби Адолат ва Рушд (ҲАР) тасодуфӣ набудааст. Таҳкурсии он дар солҳои 90-уми асри XX гузошта шуда буд, ки Ҳизби неъматҳои исломӣ дар қатори аҳзоби дунявӣ дар роҳбарияти кишвар мақоми аввалро ишғол намуда, бори нахуст аксари курсиҳои парлумонро соҳиб шуд

Дар ин росто,рушду инкишофи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии ҳарду кишвар заминаи ҳамкориҳои сифатан навро барои тавсеа пайдо кардани нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия бозҳам бештар мегардонад. Якум, Туркия аз солҳои аввали пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба кишварҳои нави Осиёи Марказӣ барои шомил шуданашон ба иқтисоди ҷаҳонӣ, барқарор кардани робитаҳои тиҷоратӣ бо Ғарб кумаки ҳамаҷониба расонида, барои ҷорӣ намудани принсипҳо ва институтҳои он: иқтисоди бозаргонӣ, муҳайё кардани шароити зарурӣ барои инкишофи соҳибкории ҳозиразамон кӯшишҳои зиёд ба харҷ

медиҳад. Гузашта аз он, дар Осиёи Марказӣ ҳузури фаъол пайдо карда, дар даҳаи дуюми асри XXI кишвар мавқеи худро дар минтақа тақвият медиҳад ва ба рақиби асосии бозингарони калон ва анъанавии хориҷӣ – Россия, Чин ва Ғарб кишварашро табдил додан мехоҳад. Ин дар ҳолате аст, ки «Дар ин давра дар бахши иқтисодӣ, Туркия дар қатори панҷ шарики асосии тиҷоратии кишварҳои Осиёи Марказӣ қарор дорад. Бар асоси натиҷагирии соли 2023 гардиши мол байни Туркия ва Қазоқистон рекорди— 6,4 миллиард долларро ташкил дод, дар ҳоле ки бо Узбекистон 3 миллиард доллар буд ва дурнамои расидан ба 5 миллиард доллар дар чанд соли оянда вуҷуд дорад» [159].

Дар соҳаи низомӣ ҳамкории Анқара бо кишварҳои Осиёи Марказӣ тавсеа ёфтааст. Масалан, Туркманистон яке аз харидорони калонтарини силоҳи туркӣ шуд ва ҳар сол низомиёни бархе кишварҳои минтақа дар Туркия омӯзиш мегузаронанд.

Туркия ҳамзамон ба сифати вакили сулҳ дар минтақа фаъолият мекунад ва дар музокирот байни Қирғизистон ва Тоҷикистон оид ба делимитатсия ва демаркатсияи марзҳои давлатӣ саҳми муайяни худро гузоштааст. Чунин мавқеъгирии фаъоли Туркия дар Осиёи Марказӣ саволеро ба вуҷуд меоварад, ки оё ин кишвар барои кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад мақоми Россия ва Чинро иваз намояд.

Дуюм, масъалаи дигар ба он вобаста аст, ки оё Созмони давлатҳои туркӣ (минбаъд СДТ), ки Туркия дар садри он қарор дорад, ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон чи гуна таъсиргузор аст. Маҳз дар ҳамин давра Туркия равобити бисёрҷонибаро бо кишварҳои минтақа дар шакли СДТ амалӣ мекунад. Кишвар ҳадаф дорад, ки як модели туркзабони Иттиҳоди Аврупоро эҷод намояд ва барномаи «Турони бузург»-ро амалӣ созад. Аз иқдомҳои охирини ин созмон татбиқи барномаи «Тавсеаи ҷаҳони туркӣ: ҳамгироии иқтисодӣ, рушди устувор, ояндаи рақамӣ ва амният барои ҳама» мебошад, ки аз соли 2018 руи кор аст. Ба раванди татбиқи он Тоҷикистон таваҷҷуҳи хос

аз худ нишон дода истдааст. «Танҳо дар байни солҳои 2018 - 2023 бо ташаббуси Туркия оинномаи ҷаҳони туркӣ, парчами нави СДТ, меморандум дар бораи таъсиси Шӯрои бонкҳои марказии туркӣ ва ғайра қабул гардиданд. Дар маҷмуъ Туркия намехоҳад Осиёи Марказӣ- ро аз даст диҳад ва имкониятҳои онро пурра мехоҳад истифода барад» [159].

Падидаи наве, ки мушоҳида мешавад дар раванди таҳаввулоти худ Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркзабон ба Созмони давлатҳои туркӣ СДТ ивази ном шуд, то тасаввурот аз Туркия ҳамчун раҳбари ҷаҳони туркӣ камтар шавад. Тағйири ном ба СДТ асосаш ба хотири тавсеаи робитаҳои фарҳангӣ ва забонӣ сурат гирифта аст.

Раванди ташаккули робитаҳои Тоҷикистону Туркияро ёдрас шуда, гуфтан мумкин аст, ки ташаккули «Туркияи нав» ҳанӯз аз аввали асри мо бо сари қудрат омадани «Ҳизби Адолат ва Тараққиёт» дар Анқара бо раҳбарии Раҷаб Тайиб Эрдуғон ва интихоб шудани ӯ ба мақоми сарвазири кишвар оғоз ёфт. Ин раванд пас аз соли 2013 шадидтар гашта, таъсири он дар равобити дуҷонибаи Туркия бо Тоҷикистон бараъло мушоҳида мегардад.

Туркия аз муносибатҳои байналмилалӣ то иқтисод, аз санъат то ҷомеашиносӣ, яъне дар ҳама самтҳое, ки он кор мекунад, самаранокии баланд нишон медиҳад. Бо қабули қарорҳои прагматикӣ ва гузоштани қадамҳои дуруст дар роҳи таҷрибаи рушд, барои дигар давлатҳо намуна аст. Вазни турки фаъолияти Агентии Туркия оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ (минбаъд АТҲҲ) дар бисёр самтҳо рушд мекунад. Ҳамин тариқ, дар соли 2013 дар чаҳорчӯбаи барномаҳои АТҲҲ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон кумакҳои қобили назар дар соҳаи маориф, 9,5 млн. доллари амрикоӣ, дар рушди инфрасохтори шаҳрвандӣ ва маъмурӣ 3,6 млн. доллари амрикоӣ ва ҳамчунин дар соҳаи тандурустӣ кумакҳои бебозгашт расонида мешавад. [90, С.120].

Агар дар ҳамин давра зарфиятҳои ҳамкориҳои Тоҷикистонро дар доираи АТҲҲ бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври муқоисавӣ

дида бароем, чунин натиҷа мегирем: аз маблағе, ки барои татбиқи барномаҳои АТҲҲ дар Қирғизистон ҷудо шудааст, 36,83% ба рушди маориф, 27,56% ба соҳаи тандурустӣ, 20% ба рушди инфрасохтори маъмурӣ ва шаҳрвандӣ равона карда шудааст. Туркманистон барои инкишофи маориф 55,08 фоиз, барои инкишофи инфрасохтори маъмурию гражданӣ 10,19% гирифт. Қисми боқимондаи кумакҳо байни бахшҳои истеҳсолӣ 21,09% ва кумакҳои гуногуни иҷтимоӣ 13,63% тақсим карда шудааст. Кумак ба Узбекистон бо таваҷҷӯҳи худ фарқ мекунад. Кумаки асосии молиявӣ ба соҳаи тандурустӣ расонида шуд, ки барои он 86,42 ба соҳаи маориф 0,88% ва инфрасохтори маъмурӣ ва шаҳрвандӣ 1,18% ҷудо карда шудааст. Дар Тоҷикистон бошад кумаки асосӣ ба рушди бахши иқтисодӣ ва тиҷорат- 69,18%, ба соҳаи маориф- 5,11% рост омада, 12 %- и маблағи умумӣ барои дастгирии инфрасохтори маъмурӣ ва гражданӣ ҷудо карда шудааст [36, С.93].

«Таҳлили маълумотҳои омори нишон медиҳанд, ки яке аз қадамҳои аввал ин буд, ки маркази тиҷоратии «Кайнак» дар Душанбе бо ширкати сармояи Туркия ба маблағи 10-11 миллион доллар бунёд шуд. Дар солҳои 2013-2015 ширкатҳои туркӣ пудратчиёни тарҳҳои бузурги сохтмонӣ, аз ҷумла маҷмааи меҳмонхонаи Hyatt Regency ва шоҳроҳи стратегии Душанбе-Кӯлоб-Қулма-Қароқурум, ки Тоҷикистонро бо Чин мепайвандад, ба ҳисоб мераванд» [89, С.119].

«Илова бар ин, ҳанӯз дар соли 2013 ширкати туркии Bursel Holding қасд дошт, барои бунёди як корхонаи бузурги нассоҷӣ дар Душанбе ҳудуди 75 миллион доллар сармоягузорӣ кунад. Аммо баъдтар вай бо сабаби мушкилоти молиявӣ аз лоиҳа даст кашид. Гузашта аз он дар солҳои 2013-2014 ҳам содироти Туркия ба Тоҷикистон ва ҳам воридот аз Тоҷикистон ба Туркия беш аз 3 маротиба афзуда, гардиши мол бо Туркия дар соли 2013 ба ҳисоби миёна 656,0 миллион доллар ё 12,4%-и ҳаҷми умумии содироти хориҷии кишварро ташкил додааст. Дар соли 2013 Туркия ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 473,4 миллион доллар маҳсулот

ворид кардааст, ки 40,7%-и ҳаҷми умумии колоҳои содиршударо ташкил дода, тавозуни мусбии муътадилро нигоҳ доштааст. Воридот ба 182,6 миллион доллар ё 4,4%-и ҳаҷми умумии воридот ба кишвар расид. Дар ҳамин давра ҳаҷми содирот аз воридот 2,5 маротиба зиёд шуда, дар маҷмуъ 290,8 миллион долларро ташкил дод. Воридоти коло ва маводи ғизоӣ аз Туркия ба Тоҷикистон дар ин давра аз инҳо иборат буд: гӯшти мурғ, гӯшти гов, меваҷот, маводи шустушӯй, қолин ва фарши нассоҷӣ, маснуоти пластикӣ ва резинӣ, маснуоти металлҳои сиёҳ, таҷҳизот ва мошинҳо» [128, С.12].

«Тибқи маълумотҳо то соли 2014, саҳми Туркия дар бахши сохтмони Тоҷикистон 500 миллион долларро ташкил додааст. Бо ин маблағ 37 лоиҳаи муштарак дар иқтисоди миллии кишвар амалӣ карда шудаанд. Ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷии Туркия дар Тоҷикистон 130 миллион долларро ташкил медиҳад» [4].

Қабули як қатор созишномаҳои муҳим дар давраи солҳои 2013–2015 заминаи мусоидро барои афзоиши ҳаҷми сармоягузории Туркия дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овард. Дар натиҷаи ин раванд, шумораи зиёда аз 60 ширкати туркӣ дар қаламрави Тоҷикистон фаъолият доштанд, ки самтҳои гуногуни иқтисодиро дар бар мегирифт. Дар баробари ин, ширкатҳои муштараки тоҷикиву туркӣ низ таъсис ёфта, фаъолият менамуданд, ки маблағгузории асосии онҳо аз ҷониби Туркия анҷом мегирифт.

Аз ҷумла, метавон ширкатҳои муштараки маъруфро номбар кард, ба монанди «Сера-Тоҷ», ҶСК «Тоҷикистон-Туркия», «Шариф-Турк», «Абдуламон», «UR-AK», «Азизбек», «Дустлик», «Нӯшокиҳои Тоҷикистон Лтд» ва намояндагии ширкати «Чагри Лтд». Самти асосии фаъолияти онҳо ба сохтмони корхонаҳои нассоҷӣ, рушди инфрасохтори саноатӣ ва пешбурди фаъолиятҳои савдо ва тиҷорат равона шуда буд.

Илова бар ин, дар Тоҷикистон як қатор корхонаҳое амал мекарданд, ки пурра ба сармоягузорони туркӣ тааллуқ доштанд. Ба ин гуна

корхонаҳо, аз ҷумла, «Азия-Трейдинг Шипинг Со», «Аге-Текар», «Комбинед-Аге-Текар», «Миск Интернейшнл Лтд», «Дольфин ДТ. ЛТД ШТИ», «Фарах», «Ахат-Тек», «Тунахан», «Атланта», «Мерве», «Текмаксан», «Центр Азия Дистрибоушн», «Осмони соф» ва «Шалола» дохил мешуданд. Ин корхонаҳо асосан дар соҳаҳои истеҳсолот, содирот ва воридот, ҳамчунин хизматрасониҳои марбут ба логистика ва савдои байналмилалӣ фаъолият мекарданд.

Ҳамкориҳои мазкур дар доираи сармоягузории туркӣ ба иқтисоди Тоҷикистон на танҳо ба баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ мусоидат карданд, балки ба таҳкими робитаҳои иқтисодиву тиҷоратии ду кишвар низ таъсири мусбат расониданд.

«Дар ин давра ширкатҳои туркӣ дар соҳаи роҳсозӣ ҳарчи бештар фармоиш мегиранд. Фаъолияти ширкати туркии «Oyak Insaa», ки аз ҷониби ҳукуматҳои Кувайт, Арабистони Саудӣ ва Тоҷикистон барои сохтмони роҳи Шикев-Зиғар маблағгузорӣ мешуд, мисол шуда метавонад. Ширкати дигари туркии «Сеяс» ба бунёди роҳе, ки Тоҷикистону Чинро мепайвандад, машғул буд» [120, С.36].

Ширкати энергетикии «Areva» лоиҳаи сохтмони хатҳои энергетикиро, ки Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда, амалӣ менамояд. «Gilaksi Insaat» сохтмони Қасри Миллат ва таҷдиди толори «VIP» дар фурудгоҳи Душанберо анҷом медиҳад. Коршиносон бар ин назаранд, ки сармояи туркӣ дар баробари мутахассисон дар рушди иқтисоди Тоҷикистон ба таври васеъ ширкат доштанд ва ин ба ҳалли лоиҳаҳои изофӣ дар масъалаи ҳамлу нақли коло аз Туркия ба Тоҷикистон ва баръакси он, ки тавассути кишварҳои сеюм амалӣ мешуданд, шароити мусоид ба вуҷуд оварданд.

Дар баробари ин, имкониятҳои васеи ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки яке аз самтҳои калидӣ ва манбаи асосии даромади иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, мавҷуд аст. Ин соҳа дорои

зарфияти бузург барои рушди устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ дар бозори ҷаҳонӣ мебошад.

Ҳамкориҳои эҳтимолӣ метавонанд тамоми занҷираи арзиши иловашудаи истеҳсолотро дар бар гиранд — аз парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва чорводорӣ то коркард, бастабандӣ ва ба роҳ мондани содироти маҳсулот ба бозорҳои хориҷӣ. Дар ин раванд, ворид намудани таҷриба ва технологияи пешрафтаи Туркия метавонад ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ, беҳтар кардани сифати маҳсулот ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат кунад. Илова бар ин, ҷалби сармоягузории муштарак барои таъсиси корхонаҳои коркард ва марказҳои логистикӣ метавонад на танҳо ба рушди иқтисодии деҳот, балки ба афзоиши ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардидани шароити иҷтимоӣ дар минтақаҳои кишоварзии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Дар ин ҷо махсусан кори якҷояро дар соҳаи пахтакорӣ, гӯшту шир ва маҳсулоти нави хоҷагии қишлоқ ёдрас шудан мумкин аст. Илова бар ин, имкониятҳои васеъ барои татбиқ ва густариши лоиҳаҳои ҳамкориҳои дуҷониба дар самти нигоҳдорӣ, коркард ва арзиши иловагузории маҳсулоти кишоварзӣ мавҷуд аст. Ин самт, ки дар шароити муосири иқтисодӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо кардааст, на танҳо ба беҳтар намудани сифати маҳсулот, балки ба дароз кардани мӯҳлати истифода ва афзоиши рақобатпазирии он дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Барои татбиқи пурра ва самараноки чунин лоиҳаҳо, ворид намудани таҷҳизоти муосир ва технологияҳои навин зарур мебошад. Ин таҷҳизот имкон медиҳад, ки равандҳои коркард ва нигоҳдории маҳсулот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шуда, талафоти пас аз ҷамъоварии ҳосил ба ҳадди ақал расонда шавад. Густариши чунин ҳамкориҳо, бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва истифодаи таҷрибаи пешрафтаи Туркия дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, метавонад ба

афзоиши содирот, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва рушди инфрасохтори деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Қобили зикр аст, ки лоиҳаҳои муштараки ҳарду кишвар дар заминаи рушди ҳамлу нақли коло ба густариши равобити тиҷорӣ ва иқтисодӣ таъсири мусбат гузоштаанд. Инчунин, илова кардан лозим аст, ки дар давраи баррасишаванда Туркия ба рушди созандаи муносибатҳо бо Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои иқтисод ва тиҷорат таваҷҷӯҳи амиқ зоҳир намуд. Барои Туркия тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо Тоҷикистон як ҷузъи стратегияи сиёсати хориҷии он дар минтақа мегардад. Ин дар ҳолест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду ташаккули равобити тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо Туркия манфиатдор будани худро зоҳир менамояд.

Таҷрибаи татбиқи лоиҳаҳои муштараки Тоҷикистон ва Туркия нишон медиҳад, ки дар ин давра талошҳои дипломатияи Туркия барои барқарор кардани робитаҳои зичи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Равобити зич бо давлатҳои тозаистиқлоли минтақа ба Анқара шонси муайяне дод, то тавоноии Россияро барои таҳкими мавқеъаш дар Осиёи Марказӣ маҳдуд кунад ва ҳамчунин аз густариши нуфузи Эрон пешгирӣ кунад. Собиқ вазири корҳои хориҷии Туркия И.Ҷем дар яке аз мақолаҳои худ қайд карда буд: «Пас аз фурупошии Шуравӣ, Туркия нақши бозингари муҳимми геополитикиро дар маркази як минтақаи бузурге, ки аз Аврупо то Осиёи Марказро фаро гирифтааст, ба ӯҳда гирифт аст» [84, С.74].

Қобили зикр аст, ки дар ҳудуди солҳои 2014- 2016 нишондиҳандаи номутаносибе дар ҳамкориҳои ҳарду кишвар мушоҳида мешавад, ки коҳиши ҳаҷми муомилоти мол миёни Тоҷикистон ва Туркия дар пасманзари коҳиши ҳаҷми умумии гардиши тиҷорати хориҷии Тоҷикистон ба вукуъ мепайвандад. Аз ҷумла, дар ҳудуди солҳои 2014 – 2016 ҳаҷми содироти коло 1,9% ё 11,7 миллион доллар ва воридот 9,1% ё 196,6 миллион доллар коҳиш ёфтааст, ки ин равандро коршиносон дар

дохили кишвар ба коҳиши ҳаҷми воридоти чӯб, воситаҳои нақлиёт, маъдан марбут медонанд. Маҳсулот ва озуқавории тайёр, инчунин кам шудани ҳаҷми содироти нахи пахта, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо металлҳо, ҳайвоноти зинда ва маҳсулоти чорвою растанӣ вобаста медонанд [158].

Аз моҳи феврали соли 2017 равобити иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Туркия ба марҳалаи нави рушд ворид гардид. 16 феврали ҳамон сол дар Душанбе ҳамоиши муҳимми тиҷоратӣ баргузор шуд, ки дорои аҳаммияти стратегӣ барои таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ буд. Дар он ҳайатҳои расмӣ ва доираҳои тиҷоратии ҳар ду кишвар, аз ҷумла муовини Сарвазири Туркия Туғрул Туркеш, намояндагони баландпояи ҳукуматӣ, роҳбарони Палатаҳои савдо ва саноат, ҳамчунин намояндагони беш аз 50 ширкати туркӣ ва зиёда аз 400 соҳибкори тоҷик ширкат варзиданд. Чорабинӣ, ки ба 25-умин солгарди баркарории муносибатҳои дипломатӣ бахшида шуда буд, ҳамчун заминаи муассир барои мубодилаи таҷриба ва таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ хизмат кард.

Форуми мазкур на танҳо ҳамчун платформаи муваққатӣ барои мулоқот ва музокирот хизмат намуд, балки имкониятҳои навро барои амиқтар кардани ҳамкориҳои стратегӣ фароҳам овард. Ба гуфтаи Неъматулло Ҳикматуллозода, сафари муовини нахуствазири Туркия ва баргузории чунин ҳамоиши калонмиқёс, бешубҳа, ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодии ду кишвар ва афзоиши ҳаҷми сармоягузории туркӣ дар иқтисоди Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

«Тоҷикистон аз ҳамкорӣ бо Туркия барои таъсиси корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои коркарди нахи пахта, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва матоъи кашфбофт, истеҳсоли маводи шустушӯй, коғаз, сохтмон, масолеҳ, қисмҳои эҳтиётии автомобилҳо ва амсоли инҳо манфиатдор мебошад. Туркия бошад, дар бахши сайёҳӣ, саноати кӯҳӣ ва

истеҳсоли кишоварзӣ таҷрибаи бой дорад: маҳз дар ин соҳаҳо ҳамкории мо метавонад натиҷаҳои назарраси мусбат бидиҳад» [149].

Ба гуфтаи сарвазири Ҷумҳурии Туркия Туғрул Туркеш, равобити тиҷоратию иқтисодӣ бо Тоҷикистон барои Туркия хеле муҳим аст: «Туркия воридкунандаи аслии маҳсулоти Тоҷикистон аст. Соли 2017 аз Тоҷикистон ба Туркия ба маблағи беш аз 200 миллион доллар ва маҳсулоти туркӣ ба Тоҷикистон беш аз 115 миллион доллар содирот шудааст. Тайи чанд соли охир ҳаҷми сармоягузории Туркия ба иқтисоди Тоҷикистон дар бахшҳои мухталиф, аз қабили тавлиди маҳсулоти пластикӣ, маҳсулоти ғизоӣ, рангубор, қолин ва мебел афзоиш меёбад. Бузургтарин сармоягузорӣ дар чанд соли охир ифтитоҳи корхонаи шишабандии Coca-Cola дар шаҳри Душанбе аз ҷониби ширкати Coca-Cola İçecek ва Anadolu Group сурат гирифтааст» [149]. Дар робита ба динамикаи ин муносибатҳо дар суханронии раиси ПССҶТ Шариф Саид дар ин ҳамоиш дақиқтар гуфта шуд: «Аз замони барқарории муносибатҳои дипломатӣ байни ду кишвар зиёда аз 60 созишнома, аз ҷумла, эъломияи ҳамфикрӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба имзо расид [149].

Тоҷикистон ҷонибдори фаъоли густариши муносибатҳои дарозмуддати тиҷоратию иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Туркия мебошад. Хусусияти пурсамари муносибатҳои байнидавлатӣ ба ташаккули заминаи устувори ҳуқуқии муносибатҳо дар тамоми самтҳои ҳамкорӣ мусоидат намуд, ки асоси онро Протоколи иловагӣ ба Созишнома дар бораи Принсипҳои асосии муносибатҳои дӯстона байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия аз соли 2015 ташкил медиҳад.

Тавре сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Алӣ Рифат Кёксал қайд кард: «Рушди муносибатҳо бо Тоҷикистон яке аз унсурҳои асосии сиёсати хориҷии Туркия дар Осиёи Марказӣ мебошад»[87, с.12]

9 октябри соли 2020 Ҷумҳурии Туркия 95-умин солгарди таъсисёбии худро, ки дар арсаи байналмилалӣ бо нуфузи афзоянда шинохта

шудааст, бо тантана ҷашн гирифт. Ин сана барои мардуми Туркия рамзи ваҳдат ва пешрафти миллӣ буда, барои кишварҳои шарик низ дорои аҳаммияти рамзӣ мебошад. Бояд зикр кард, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркия яке аз аввалин давлатҳое буд, ки истиқлоли Тоҷикистонро расман эътироф намуд. Ин иқдом оғози марҳалаи нави ҳамкориҳои дипломатӣ ва заминаи устувори рушди робитаҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ гардид. Эътирофи саривақтӣ ва пуштибонии Туркия дар солҳои аввали истиқлолият ҳамчун рамзи дӯстӣ ва шарикии стратегӣ арзёбӣ мешавад.

Алӣ Рифат Кёксал дар мусоҳиба бо маҷаллаи «Иқтисодчӣ» иброз дошт, ки густариши равобити Тоҷикистону Туркия, имконоти сайёҳӣ ва дурнамоҳои ҳамкорӣ дорои аҳаммияти стратегӣ мебошанд. Муносибатҳои дипломатии ду кишвар, ки 27 сол пеш расман барқарор гардиданд, решаҳои амиқи таърихӣ ва фарҳангӣ доранд. Ин иртиботот, ки бар асоси арзишҳои муштарак ва робитаҳои бисёрасра шакл гирифтааст, пас аз истиқлоли Тоҷикистон ба сатҳи сифатан нав расид. Ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ босуръат рушд карда, имрӯз ба унвони ҷузъи муҳимми сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар амал мекунанд ва ба таҳкими робитаҳои стратегӣ мусоидат менамоянд. «Ниҳодофарии ин муносибатҳо бо таъсиси Шурои ҳамкорӣ дар ҷараёни сафарҳои расмии баъдии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Туркия ба сатҳи олӣ расонида шуд» [4].

Ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия яке аз самтҳои муҳимми равобити дуҷониба ба шумор меравад. Туркия дар низоми муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон мавқеи стратегӣ дошта, тибқи омор, чаҳорумин шарики асосии тиҷоратӣ ва панҷумин сармоягузори бузург мебошад. Нақши бахши хусусии Туркия дар иқтисоди Тоҷикистон назаррас буда, тавассути содироти маҳсулот, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва иҷрои тарҳҳои бузурги сохтмонӣ, аз

ҷумла инфрасохтори саноатӣ ва иҷтимоӣ, ҳузури худро дар бозори кишвар тақвият медиҳад.

Ин раванд боиси афзоиши шумора ва гуногунии корхонаҳои туркӣ мегардад, ки бо сифати баланди маҳсулот ва хизматрасонии худ дар Тоҷикистон шинохта ва эътироф шудаанд [162]. Таҳлили омори содирот ва воридоти ду кишвар далели амиқи ҳамкории иқтисодӣ мебошад. Аз нигоҳи ҳаҷми содирот, Туркия дуюмин шарики бузурги Тоҷикистон ба шумор меравад. Соли 2017 гардиши умумии мол миёни Туркия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соли 2016 тақрибан 13 фоиз афзуда, ба 354 миллион доллари ИМА баробар гардид. Аз ин ҳаҷм, содироти Тоҷикистон ба Туркия 156 миллион доллар ва воридоти молу маҳсулот аз Туркия 198 миллион долларро ташкил додааст.

Соли минбаъда, яъне дар соли 2018, нишондиҳандаҳои содирот ва воридот афзоиши устувор ёфтанд: содироти Туркия ба Тоҷикистон ба 117 миллион доллар расид, дар ҳоле ки ҳаҷми воридоти мол аз Тоҷикистон ба Туркия 145 миллион долларро ташкил дод, ки ин рақам нисбат ба соли қаблӣ 20 фоиз зиёдтар мебошад. Ин тамоюл далели равшани афзоиши мутақобилаи талабот ба маҳсулот ва хизматрасониҳои ду кишвар буда, заминаи мусоид барои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузориро фароҳам меорад.Рақамҳое, ки оварда шудаанд, назар ба он рақамҳое, ки тарафҳо мехостанд нишон диҳанд, хеле паст мушоҳида мешаванд. Дар ин замина, фикр мекунам, муҳим аст, «ки мо аз як тараф кӯшиш кунем, ки ширкатҳои худро ҳавасманд кунем ва аз тарафи дигар барои беҳтар кардани робитаҳои логистикӣ ва нақлиётӣ талош кунем» [85].

Рушди равобит миёни манотиқи гуногуни Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгари он аст, ки густариши робитаҳо ва ҳамкориҳои байниминтақавӣ на танҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми муносибатҳои дуҷониба хизмат мекунад, балки дар таҳкими робитаҳои мустақим миёни ҷомеаҳо ва бахшҳои гуногуни иқтисодӣ,

иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши назаррас мебозад. Дар доираи чунин ҳамкорӣ, имкониятҳои васеъ барои табодули таҷриба, гузаронидани барномаҳои муштараки илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳамоишҳои фарҳангӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ фароҳам мегарданд, ки ин ба таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва эътимоди сиёсӣ мусоидат мекунад.

Дар заминаи ҳамкориҳои иқтисодӣ, Ҷумҳурии Туркия ба таҳкими робитаҳои стратегӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Ин раванд бо татбиқи лоиҳаҳои калони зерсохторӣ, афзоиши гардиши савдо, таъсиси корхонаҳои муштарак ва ташкили шарикиҳои нав ифода меёбад. Таҷрибаи Туркия дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва энергияи барқароршаванда метавонад барои Тоҷикистон омили муҳим дар гуногунсозии иқтисодӣ ва рушди тарафайн мусоидат кунад. Бо вуҷуди он ки Туркия дар масъалаи иҷозати кор барои шаҳрвандони хориҷӣ маҳдудиятҳои сахт дорад, шумораи тоҷиконе, ки барои кори мавсимӣ мераванд, рӯ ба афзоиш аст. Аксари онҳо дар бозори ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд. Дар оянда, имзои созишнома оид ба муҳоҷирати муташаккили корӣ метавонад заминаи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои беҳтар фароҳам оварад.

Туркия дарҳои худро ба рӯйи қувваҳои корӣ аз Тоҷикистон мувофиқи талаботи соҳаҳо боз кардааст. Мушоҳида мегардад, ки дар чанд соли охир бисёре аз шаҳрвандони Тоҷикистон бо дарёфти раводиди кории Туркия ва муҷаввизи кор дар бархе аз манотиқ комилан қонунӣ кор мекунанд. Масалан, танҳо дар соли 2020 дар мавсими тобистон сафорати Туркия ба 150 шаҳрванди Тоҷикистон раводиди корӣ барои кор дар бахши сайёҳӣ пешниҳод намудааст. Мо аз он хушнудем, ки шаҳрвандони тоҷик ҳамчун қувваи кории соҳибихтисос дар иқтисодиёти мо саҳм мегузоранд. Ин афрод бо фиристодани даромади худ ба Тоҷикистон дар иқтисоди кишвар саҳм мегузоранд. [104].

Ҷумҳури Тоҷикистон дар равобити иқтисоди ва тиҷоратии худ бо Ҷумҳурии Туркия чунин як вижагиҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии ин

кишварро ба назар мегирад, ки маъмулан ширкатҳои туркӣ дар фаъолияти худ дар заминаи ироаи хидматрасонии паймонкорӣ хеле пешсаф буда, дар манотиқи мухталифи ҷаҳон тарҳҳои бузургро амалӣ менамоянд. Паймонкорони туркӣ дар 120 кишвари 5 қитъаи ҷаҳон аз сабаби сифати баланд ва нархҳои дастрас барои хидматҳо бомуваффақият рақобат мекунанд. Ширкатҳои туркӣ, ки дар раддабандии 250 ширкати бузурги байналмилалии паймонкории ҷаҳон пас аз Чин дар ҷойи дуюм қарор доранд, то имрӯз лоиҳаҳоро ба маблағи беш аз 360 миллиард доллар дар хориҷ анҷом додаанд [91].

Тибқи маълумоти мавҷуда, ширкатҳои паймонкори Ҷумҳурии Туркия дар Тоҷикистон то имрӯз 50 тарҳро амалӣ намудаанд, ки арзиши умумии онҳо тақрибан 600 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Ин рақам нишондиҳандаи сатҳи баланди эътимод ва ҳамкориҳои судманди ду кишвар мебошад. Соли 2019 беш аз 20 ҳазор сайёҳи тоҷик ба Туркия сафар карданд, ки нисбат ба соли 2018 22 фоиз бештар аст. Ин афзоиш асосан бо густариши парвозҳои мунтазам миёни ду кишвар тавассути хатсайрҳои Turkish Airlines ва «Сомон Эйр», ҳамчунин воридшавии ширкатҳои нави ҳавопаймоӣ ба бозори хизматрасониҳои авиатсионӣ вобаста мебошад, ки дар оянда низ метавонад ба таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва сайёҳӣ мусоидат намояд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки механизми асосии дастгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҷумҳурии Туркия татбиқи лоиҳаҳои муштарак тавассути Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ АТҲҲ ба ҳисоб меравад.

Ин лоиҳаҳо бо дарназардошти афзалиятҳои стратегӣ, ниёзҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳадафҳои дарозмуддати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ ва амалӣ карда мешаванд. То соли 2020 зиёда аз 300 лоиҳаи муштарак бо маблағи умумии беш аз 21 миллион доллар амалӣ шудааст. Аз ҷумла, метавон чунин тарҳҳои муҳимро номбар кард, мисли азнавсозии шуъбаи кӯдаконаи беморхонаи касалиҳои сироятии

шаҳри Турсунзода, азнавсозӣ ва муҷаҳҳаз намудани боғчаи кӯдаконаи № 2 дар ноҳияи Данғара, сохтмони бинои ёрирасон барои амбулатория дар ноҳияи Рӯдакӣ (ҷамоати деҳоти Арбобхатун), таъсис ва таҷҳизонидани меҳмонхона дар Маркази таълими калонсолони шаҳри Душанбе, инчунин барқарор ва таҷҳизонидани коргоҳи кафшергарии омӯзишгоҳи касбию техникии ноҳияи Мастчоҳ. Ҳар яке аз ин лоиҳаҳо дорои аҳаммияти баланди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буда, ба беҳбудии инфрасохтор ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ дар кишвар мусоидат менамояд [4].

Марҳилаи нави ҳамкориҳо аз анҷумани тиҷоратии Туркия ва Тоҷикистон дар моҳи феврали соли 2017 дар чаҳорчӯби нуҳумин ҷаласаи комиссияи байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодӣ дар Душанбе оғоз шуд. Ин ҳамоиш як минбари муассир барои тавсеаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва беҳбуди равобити иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва тиҷоратии ду кишвар шудааст. Дар форум натоиҷи ҳамкориҳои ду кишвар дар тули 25 сол баррасӣ шуд, ки «прагматикӣ ва таъсирбахш» номида шуданд. Дар Тоҷикистон беш аз 80 ширкати туркӣ дар бахшҳои тиҷорат, нассоҷӣ, сохтмони маҷмааҳои маскунӣ, марказҳои тиҷоратӣ, обу корезӣ ва инфрасохтор сабти ном шудаанд [98, С.42].

«Бешубха тавсеаи ҳамкориҳои Туркия бо Тоҷикистонро бояд дар заминаи равобит бо кишварҳои нави мустақили Осиёи Марказӣ баррасӣ кард, ки суоли ҳадафҳои стратегии Туркияро дар ин минтақа ба миён меорад. Метавон гуфт, ки дар қарни XXI Муносибати Туркия ба ин минтақа ба куллӣ дигар шудааст. Осиёи Марказӣ боз ҳамчун минтақаи манфиатҳои ҳаётан муҳим, доираи табиии таъсир қабул шудан гирифт. Бинобар ин, чунон ки пажуҳишгари рус И. Звягелский таъкид мекунад, ҳама гуна иқдоми ҳамоҳангнашудаи Туркия ва Маскав дар робита ба Осиёи Марказӣ ҳамчун мушкилоти геополитикӣ ва таҳдид ба манфиатҳои Россия арзёбӣ мешавад» [98, С.42].

Дар соҳаи ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ Туркия ба қувваҳои мусаллаҳи ин давлатҳо ба таври якҷониба кумак мерасонад, ки ҳам барои таҳкими омодагии ҷисмонӣ ва тарбияи кадрҳои низомӣ ва ҳам муҷаҳҳаз кардани артиши ин давлатҳо бо аслиҳа ва таҷҳизоти муосири СААШ мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти зарурат дар Тоҷикистон бо қарори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш литсеи собиқи тоҷикӣ-туркӣ мақоми нав гирифтанд [153].

Солҳои охир Туркия ба Тоҷикистон таваҷҷуҳи равшан зоҳир кардааст. Дар тӯли 30 сол АТҲҲ дар Тоҷикистон 500 лоиҳаро амалӣ кардааст, ҳарчанд бо будҷаи ночиз [106].

Ҳангоми таҳлили лоиҳаҳое, ки тавассути АТҲҲ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд, метавон гуфт, ки онҳо доираи ҷиддии таваҷҷуҳро дар бар мегиранд. Ин муассиса бештар ба он ташаббусҳое афзалият медиҳад, ки дорои аҳаммияти баланди иҷтимоӣ мебошанд ва иқтидори рушди иқтисодиро дар оянда доро ҳастанд. Чунончи дар дигар кишварҳо, АТҲҲ дар Тоҷикистон низ таваҷҷуҳи хосса ба дастгирии лоиҳаҳо ва барномаҳое дорад, ки ба пешрафти соҳаҳои маориф ва тандурустии миллӣ нигаронида шудаанд.

Самти дигари муҳимми фаъолияти Агентии Туркия дастгирии системаи тандурустӣ мебошад. Ин созмон кадрҳои тибро омода мекунад ва инфрасохтори кишварро дар ин соҳа беҳтар мекунад. Табиист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тадбиқи сиёсат дар соҳаи тиббӣ барноиаҳои гуногунро пиёда намуда, ба натиҷаҳои муайян ноил гаштааст. Вазъи имруза аз Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки талаботҳои хешро дар муносибат бо субъектони дигар қонеъ гардонад, ки ин ҳама дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври аён ба назар мерасанд. Профессионализм, механизми сиёсати кишвар, ва сиёсати прогматикии он гувоҳи медиҳад, ки дар робита бо Туркия низ ин ҳолат хуб ба назар мерасад.

Яке аз лоиҳаҳои ҷолиб баркарорсозии шӯъбаи мардонаи беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ дар наздикии пойтахт, дар ноҳияи Рӯдакӣ буд. Шӯъбаи гемодиализи Беморхонаи клиникии шаҳрии рақами 1-и вилояти Суғд низ аз ҷониби ширкатҳои туркӣ таъмир ва муҷаҳҳаз гардонида шуд. Ин беморхона ҳар рӯз қариб ба 20 нафар беморон хизмат мерасонад [106].

Дар баробари ин, зарфиятҳои ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки ҳамчун яке аз самтҳои асосӣ ва манбаи муҳимми даромади иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад, ниҳоят назаррас мебошанд. Бо дарназардошти иқтидори табиӣ, иқлимӣ ва захираҳои бойи заминҳои кишоварзии кишвар, ин ҳамкорӣ на танҳо метавонад истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро фаро гирад, балки раванди коркарди амиқ, бастабандии муосир ва мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ, ҳамчунин рушди инфрасохтори логистикиро низ дар бар мегирад. Илова бар ин, таваҷҷуҳи хос ба созмони занҷираи пурраи арзиши маҳсулот, аз марҳилаи парвариш то содирот имкон медиҳад, ки маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон бо сифати баланд ва рақобатпазирӣ дар бозорҳои хориҷӣ пешбарӣ шаванд. Дар доираи чунин ҳамкорӣ, инчунин ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, воридоти технологияҳои инноватсионӣ ва таҷрибаи пешқадам, таъсиси корхонаҳои муштараки коркард ва марказҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони соҳа аҳаммияти калидӣ хоҳанд дошт [118].

«Ҳамкории ду кишвар дар соҳаи нақлиёт ва иртиботот ба рушди равобити тиҷоратӣ ва иқтисодӣ таъсири мусбат расонида, илова бар ин, бунёди ширкатҳои муштараки нақлиётӣ дар назар аст. Метавон гуфт, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимми муносибатҳои дуҷониба маҳсуб мешаванд. Ҷумҳурии Туркия чаҳорумин шарики тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва панҷумин сармоягузори бузургтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 8 соли охир (2015-2023) мебошад» [5].

«Туркия ҳамкориро бо Тоҷикистон дар соҳаи гидроэнергетика, ки дар он мамлакат иқтидори калони истеҳсолӣ дорад, вусъат медиҳад. Воқеан, ширкатҳои туркӣ бо ширкат дар тарҳҳои энергетикии Тоҷикистон ба унвони паймонкор асосӣ ё зерпаймонкор дар ин самт саҳм гузоштаанд. Дар ин замина, Туркия то соли 2020 дар амали гаштании беш аз 10 лоиҳа ширкат кардааст. Лоиҳаи таҷдиди неругоҳи Норак, ки дар он ширкати «Текар» иштирок дошт, лоиҳаҳои барқарорсозии хатҳои интиқоли барқ, ки консорсиуми «Ояк-Генсер» ва ширкати «Алстом» амалӣ мекунанд, инчунин лоиҳаи барқарорсозии НБО Головная, ки дар он «Генсер» иштирок мекунад, танҳо чанд мисоли ҳамкорӣ дар ин самт мебошанд. Илова бар ин, ширкатҳои хусусии туркӣ, ки дар ин замина таҷрибаи ғанӣ доранд, омодаанд дар иҷрои тарҳҳои нави энергетикии дар Тоҷикистон буда, саҳм бигиранд» [168].

«Дар соли 2018 дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаи истеҳсолии «Арча мебель» ба фаъолият шурӯъ кард, ки он низ бо иштироки соҳибкорони тоҷику турк бо харҷи 9 миллион сомонӣ бо истифода аз фанновариҳои муосир бунёд шудааст. Корхона барои хона, идора, боғчаи бачагон, муассисаҳои таълимӣ ва амсоли инҳо бо навъҳои гуногуни мебел истеҳсол мекунад» [162].

Ҳарчанд АТҲҲ дар Осиёи Марказӣ тарҳҳои муштараки минтақавӣ, аз қабили Агентии ИМА оид ба рушди байналмиллалӣ (USAID) ва Дафтари рушди хориҷӣ ва байналмилалии Британияи Кабир (FCDO) надорад. Аммо АТҲҲ имкони ҳамкорӣ дар ин шаклро рад намекунад ва тасмим гирифтааст, ки лоиҳаи истеҳсолии бо иштироки Тоҷикистону Узбекистонро дар шакли ҳамкориҳои Ҷануб дастгирӣ кунад. Табиист, ки дастгирии Анқара барои рушди саноати сабуки Тоҷикистону Узбекистон зарур аст.

Бояд гуфт, ки АТҲҲ дар рушди неруи инсонӣ ва беҳбуди вазъи иҷтимоию иқтисодии мардуми Тоҷикистон саҳми муайян мегузорад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки ин созмон ҳамчунин сиёсати хориҷии

Анқараро дар хориҷ бо ҳадафи иҷрои тарҳҳои дарозмуддат таблиғ мекунад ва Туркия аз ин созмон ҳамчун василаи аслии пешбурди неруи нарм истифода мекунад.

28 ноябри соли 2021, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳошияи Ҷаласаи Созмони ҳамкории Шанхай, ки дар шаҳри Ашқободи Туркманистон баргузор гардид, бо Президенти Ҷумҳурии Туркия, муҳтарам Раҷаб Тайиб Эрдуғон мулоқоти расмӣ анҷом доданд. Ин вохӯрӣ дар фазои ҳамдигарфаҳмии комил ва эҳтироми тарафайн сурат гирифта, дар ҷараёни он доираи васеи масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба мавриди баррасии амиқ қарор гирифт. Аз ҷумла, ҷонибҳо ба ҳолати ҳозира ва дурнамои ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Ҳамзамон, дар мулоқот таъкид гардид, ки густариши робитаҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои илму маориф, сайёҳӣ ва тандурустӣ метавонад ба таҳкими пояҳои дӯстӣ ва шарикии стратегӣ миёни Тоҷикистону Туркия заминаи устувор фароҳам оварад. Дар канори ин, ҷонибҳо оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла вазъи амниятӣ дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон, зарурати таҳкими ҳамкориҳои мутақобила дар мубориза бо таҳдидҳои замонавӣ, аз қабили терроризм, экстремизм ва қочоқи ғайриқонунии маводи мухаддир, мубодилаи назар намуданд. Мулоқоти мазкур нишондиҳандаи иродаи сиёсӣ ва ҳавасмандии ҳарду ҷониб барои рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстона ва стратегӣ арзёбӣ мегардад.

Вазъи кунунӣ ва равандҳои рушди ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар давраи солҳои 2012 - 2023 нишон медиҳад, ки миёни ин ду кишвар муносибатҳои мутақобилан судманд ва муколамаи муассир дар сатҳи сохторӣ ба роҳ монда шудааст. Ин равобити расмии муассир бар пояи иродаи устувори сиёсӣ аз ҳарду ҷониб дастгирӣ меёбанд. Таъсиси Шӯрои ҳамкорӣ, ки зимни сафари

расмии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ва Президенти муҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Туркия дар соли 2012 сурат гирифт, марҳилаи сифатан нав дар раванди рушди муносибатҳои дуҷониба ба ҳисоб меравад. Ин иқдом на танҳо ҷанбаҳои ҳамгироии сиёсиву иқтисодиро ба сатҳи олӣ бардошт, балки заминаи мустаҳкам барои тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун - аз тиҷорату сармоягузорӣ то фарҳанг ва маорифро фароҳам овард.

Баъдан, дар доираи сафари ҷавобии Президенти Ҷумҳурии Туркия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаи Шӯрои ҳамкорӣ баргузор гардид, ки дар он на танҳо барномаҳои ҳамкории мавҷуда бозбинӣ шуданд, балки як қатор иқдомҳои нави стратегӣ роҳандозӣ гардиданд. Ин иқдомҳо, ки ба рушди устувори ҳамкорӣ дар заминаҳои иқтисодӣ, технология, энергетика ва робитаҳои фарҳангӣ равона шудаанд, имкон доданд то муносибатҳои ду кишвар бо такя ба манфиатҳои мутақобил ва дастовардҳои мавҷуда ба сатҳи сифатан баландтар бардошта шаванд.

Дар маҷмӯъ, таъсиси чунин механизми ҳамоҳангсоз имконият дод, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия на танҳо дар доираи созишномаҳои дуҷониба, балки бо дарназардошти вазъи минтақа ва ҷаҳон, самти рушду тавсеаи мутамаддин пайдо намоянд. Дар даҳаи сеюми асри XXI муносибатҳои ду кишвар бо роҳи дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд қариб дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа рушд меёбанд. Агар фаъолияти ҳамкориро таҳлил намоем, метавон зикр кард, ки бахши иқтисод ва тиҷорат аз муҳимтарин самтҳои равобити дуҷониба ба шумор меравад. Ҷумҳурии Туркия айни замон яке аз шарикони муҳимми тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар радифи кишварҳои пешсаф аз рӯи ҳаҷми сармоягузории мустақим қарор дорад. Танҳо дар ҳашт соли охир (солҳои 2015–2023) Туркия ҳамчун панҷумин сармоягузори калидӣ дар Тоҷикистон шинохта шудааст [165].

Сектори хусусии Ҷумҳурии Туркия тавассути содироти маҳсулот, амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва сохтмонӣ мавқеи худро дар

бозори Тоҷикистон муаррифӣ намудааст. Дар ин давра мушоҳида мегардад, ки шумора ва навъи ширкатҳои туркӣ, ки дар Тоҷикистон мавқеи устувор пайдо намудаанд, босуръат афзоиш меёбанд. Ҳаҷми умумии сармоягузориҳои Туркия ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай аз 200 миллион доллари ИМА гузаштааст [164].

Таҳлили амиқи хусусият ва тамоюлҳои равобити иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия нишон медиҳад, ки дар сохтори умумии гардиши мол миёни ду кишвар, саҳми асосиро соҳаҳои калидии хоҷагии халқи Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, пахта ва алюминий ҳамчун маҳсулоти стратегӣ ва дорои аҳаммияти баланди содиротӣ, ҷойгоҳи устуворро ишғол менамоянд. Ин маҳсулотҳо на танҳо дар ташаккули тавозуни савдои хориҷӣ нақши муҳим мебозанд, балки ҳамчун манбаи асосии даромади содиротӣ барои иқтисоди миллӣ хидмат мекунанд.

Аз ҷониби дигар, таҳлили сохтори содироти Ҷумҳурии Туркия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бахшҳои муҳимми содиротии Туркия ба бозори Тоҷикистон бештар аз маҳсулоти хӯрокворӣ, ашёи зарурии рӯзгор ва молҳои саноатии тайёр иборатанд. Дар ин радиф, маҳсулоти косметикӣ, воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ (аз ҷумла автобусҳо), маҳсулоти пластикӣ, инчунин масолеҳи гуногуни сохтмонӣ ҷойгоҳи намоён доранд. Ин раванд гувоҳи он аст, ки иқтисодҳои ду кишвар ба таври мутақобил иловагардонӣ шуда, ҳар кадом дар бахшҳои алоҳидаи истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ бартариҳои рақобатии худро доро мебошанд.

Бо такя ба оморҳои расмии марбут ба содирот ва воридоти байнидавлатӣ, метавон хулоса кард, ки Ҷумҳурии Туркия дар раддабандии шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зинаи чорум қарор дорад. Дар айни замон, агар ҳаҷми содироти Тоҷикистон ба Туркияро ба назар гирем, Туркия дуюмин шарики муҳимми содиротии кишвар ба ҳисоб меравад. Ин нишондиҳандаҳо

далели сатҳи баланди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ буда, дурнамои васеи густариши минбаъдаро инъикос менамоянд.

Яке аз ҷиҳатҳои хос ва фарққунандаи фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Туркия дар он ифода меёбад, ки ин кишвар дар арсаи хизматрасониҳои пудратӣ дар ҷаҳон ба сифати давлати пешсаф шинохта мешавад. Ширкатҳои сохтмонии туркӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон лоиҳаҳои бузургу муҳимми инфрасохториро ба иҷро мерасонанд.

То соли 2017 шумораи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби ширкатҳои пудратии туркӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ шудаанд, ба 50 адад расидааст. Арзиши умумии ин лоиҳаҳо ба 600 миллион доллари ИМА баробар гардид, ки нишондиҳандаи сатҳи баланди фаъолият ва эътимоди ҳамкории дуҷонибаро ифода мекунад [107 С. 67.].

Таҷрибаи ҳамкориҳои дуҷониба нишон медиҳад, ки Туркия тавассути татбиқи лоиҳаҳо бо иштироки АТҲҲ ба Тоҷикистон дастгирии худро мерасонад. Пас аз таъсиси Барномаи ҳамоҳангсозии АТҲҲ дар шаҳри Душанбе, як қатор лоиҳаҳо ба роҳ монда шуданд, ки бо дарназардошти афзалиятҳо, ниёзҳо ва ҳадафҳои рушди Тоҷикистон равона шудаанд. Ин ташаббусҳо асосан бахшҳои маориф, тандурустӣ, омӯзиши касбӣ ва дигар самтҳоро дар бар мегиранд.

Ҳамзамон, ҳамкории Ҷумҳурии Туркия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши гидроэнергетика тамоюли рӯ ба густариш дорад, зеро Тоҷикистон яке аз давлатҳои дорои иқтидори бузурги истеҳсолии нерӯи барқ аз манбаъҳои обӣ маҳсуб меёбад. Ин иқтидор, ки аз ҳисоби дарёҳо ва захираҳои фаровони обии кишвар таъмин мегардад, имкон медиҳад, ки кишвар на танҳо эҳтиёҷоти дохилии худро қонеъ созад, балки ба содироти нерӯи барқ ба бозорҳои минтақавӣ ва берун аз он низ иқдом намояд. Дар чанд соли охир, ширкатҳои туркӣ дар як қатор лоиҳаҳои муҳимми энергетикӣ, ҳам дар сатҳи пудратчиёни асосӣ ва ҳам ҳамчун зерпудратчиён, фаъолона ширкат варзиданд.

Аз ҷумла, беш аз даҳ лоиҳаи калон дар соҳаи сохтмон ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқӣ, шабакаҳои интиқоли нерӯи барқ ва инфрасохтори марбут ба он бо иштироки сармоя ва таҷрибаи техникии Туркия амалӣ гардидааст. Ин ҳамкориҳо на танҳо ба рушди бахши энергетика, балки ба тавсеаи робитаҳои иқтисодии дуҷониба ва тақвияти амнияти энергетикии минтақа мусоидат менамоянд. Яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба, ки дорои арзиши стратегӣ мебошад, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Сармояи туркӣ, бо дарназардошти таҷрибаи пешрафтаи идоракунӣ ва технологияҳои муосир, метавонад ба таҳкими пойгоҳи саноатии кишвар, эҷоди ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ саҳми назаррас гузорад. Бо ин мақсад, зарур аст, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии ҷалби сармоягузориҳои мустақим такмил дода шуда, механизмҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорон, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ ва дастгирии инфрасохторӣ, ба таври муассир амалӣ гарданд. Ба сармоягузориҳои назарраси Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон як қатор лоиҳаҳои муҳимми саноатиро мансуб донист, аз ҷумла таъсиси корхонаи истеҳсоли нӯшокиҳои Coca-Cola İçecek A.Ş. дар шаҳри Душанбе, фаъолиятҳои истеҳсолии ширкатҳои Ak-Pa Alüminyum ва Silcoat Boya дар шаҳри Хуҷанд, ҳамчунин воридшавии сармояи брендҳои маъруфи байналмилалӣ, ба монанди L.C. Waikiki.

Илова бар ин, тибқи барномаҳои ҳамкории иқтисодию саноатии миёни ду кишвар, дарояндаи наздик ба нақша гирифта шудааст, ки бо ба кор даровардани корхонаи нави муштараки истеҳсолии «AKIA-Avesto» дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷараёни пурраи истеҳсол ва васлкунии автобусҳои мусофирбар, ки барои истифода дар хатсайрҳои дохилишаҳрӣ ва эҳтимолан байнишаҳрӣ пешбинӣ шудаанд, ба таври муназзам ба роҳ монда шавад [105]. Ин иқдом на танҳо имкони коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти нақлиёти мусофирбарро фароҳам меорад,

балки ба рушди бахши нақлиёт, эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии истеҳсол дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Вусъат ёфтани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Туркия бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, дар чаҳорчӯби сиёсати умумии Туркия нисбат ба кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ баррасӣ намуд. Зеро дар ин замина, масъалаи ташаккули ҳадафҳои стратегии Анқара дар минтақа аҳаммияти хос пайдо мекунад. Бояд таъкид намуд, ки дар ибтидои асри XXI муносибати Туркия нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, нисбат ба давраҳои қаблӣ тағйироти куллӣ пайдо намуда, шакли муосир ва ҳамаҷонибаи ҳамгироиро фаро гирифтааст. Ин тағйирот дар афзалият додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, тарҳҳои зерсохторӣ, робитаҳои фарҳангӣ ва таълимӣ, инчунин густариши ҳамкориҳои сиёсӣ ва дипломатӣ ифода меёбад, ки дар маҷмуъ ба таҳкими мавқеи ҳар ду кишвар дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Осиёи Марказӣ аз нав ба унвони минтақаи дорои аҳаммияти ҳаётӣ ва майдони манфиатҳои табиии Туркия ба ҳисоб гирифта мешавад.

Тибқи назари муҳаққиқи рус И. Звягельский, ҳар гуна иқдоми Туркия дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки бидуни ҳамоҳангӣ бо Маскав анҷом дода мешавад, метавонад ҳамчун чолиши геополитикӣ ва хатари эҳтимолӣ ба манфиатҳои стратегии Россия арзёбӣ гардад [94. С. 106].

Яке аз самтҳои муҳимми ҳамкории Тоҷикистону Туркия ба рушди равобити байниминтақавии ду кишвар марбут аст. Маҳз густариши робитаҳо ва ташаббусҳои ҳамкорӣ миёни минтақаҳои алоҳида дар баланд бардоштани гуногунҷанба будани муносибатҳои дуҷониба ва ҷалби ҷомеа ба равандҳои ҳамкорӣ нақши назаррас дорад. Дар ин замина, ҷониби Туркия ба густариши равобити фарҳангӣ ва иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Айни замон, муносибатҳои бародаршаҳрӣ байни шаҳрҳои Душанбе ва Анқара, инчунин байни шаҳрдориҳои Кӯлоб ва шаҳри Коня - макони охирини оромгоҳи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ барқарор гардидаанд. Илова бар пойтахт, сармоягузории ширкатҳои туркӣ дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон низ густариш ёфтааст. Ин раванд боз ҳам имкони вусъат бахшидани ҳамкориҳоро фароҳам оварда, самти умедбахши ҳамкорҳои тарафайнро тақвият мебахшад.

Таҳлили муфассали таҷрибаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия нишон медиҳад, ки сиёсати хориҷии Туркия бар пояи усулҳои муътабар ва санҷидашудаи муносибатҳои байнидавлатӣ бунёд ёфта, ҳадафи он ҳифзи суботи минтақавӣ ва тавсеаи равобити мутақобилан судманд мебошад. Тоҷикистон, дар ҳамоҳангӣ бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, мавқеи устувор ва афзалиятноки худро дар сиёсати хориҷии Анқара нигоҳ доштааст, ки идомаи мантиқии тамоюлҳои ташаккулёфтаи қаблиро инъикос менамояд.

Сиёсати умумии Туркия нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, тибқи таҳлилҳои муосир, дар бар мегирад: дастгирии бечуну чарои истиқлолият ва суботи сиёсиву иқтисодии давлатҳои минтақа; ҳавасмандсозии ҳамкориҳои бисёрҷонибаи дохилиминтақавӣ; инчунин рушди муносибатҳои дуҷониба ва ҳамаҷониба бо ҳар як кишвар дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва амниятӣ. Ин равиш имкон медиҳад, ки Туркия на танҳо ҳамчун шарики тиҷоративу сармоягузорӣ, балки ҳамчун ҳамкори стратегии дарозмуддат дар зеҳни кишварҳои Осиёи Марказӣ муаррифӣ гардад.

Бояд иброз намуд, ки аз 28 ноябр то 2 декабри соли 2022 сафари ҳайати сатҳи баланди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Туркия баргузор гардид. Ҳадафи асосии ин сафар таҳкими ҳамкориҳои амалии ду кишвар ва табодули таҷрибаи муассир дар масъалаҳои марбут ба маблағгузории бахши тандурустӣ, такмили механизмҳои идоракунӣ ва пешбурди низоми ёрии аввалияи тиббӣ буд. Дар ҷараёни гуфтушунидҳо,

ҷонибҳо изҳори омодагӣ намуданд, ки ҳамкориҳои зичро дар соҳаи тандурустӣ идома дода, раванди ислоҳоти амиқ ва мутобиқсозии меъёрҳои байналмилалиро дар низоми тандурустии Тоҷикистон дастгирӣ хоҳанд кард [111].

Ояндаи дурнамои муносибатҳои дуҷониба аз ҷониби собиқ сафири Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаноби Али Рыфат Кёксал, чунин арзёбӣ шудааст: рушди пайвастаи ҳамкорӣ дар заминаи баробарӣ ва эҳтироми манфиатҳои миллии тарафайн, густариши равобити тиҷоративу сармоягузорӣ ва афзоиши ҳамкориҳои фарҳангӣ метавонад ба таҳкими минбаъдаи заминаи ҳамкории стратегӣ мусоидат намояд.«Мо тасмим дорем дар давраи оянда рушди муносибатҳои байни кишварҳоямонро дар тамоми самтҳо идома диҳем. Робитаҳои сиёсӣ миёни ду кишвар бо суръати хуб пеш меравад. Ҳамзамон, мо дар доираи ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ низ иртиботи зич дорем. Сатҳи кунунии ҳамкориҳои иқтисодӣ, ба назари мо, ҳанӯз ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ нест. Аз ин рӯ, дар марҳилаи баъдӣ мо бояд ба таҳкими равобит дар соҳаи иқтисод аҳаммияти аввалиндараҷа диҳем. Дар ин самт ният дорем, ки аз механизмҳои машваратии мавҷуда то ҳадди аксар истифода барем» [87].

Дар заминаи рушди ҳамкориҳои стратегии дуҷониба, то имрӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳашт маротиба бо сафарҳои расмӣ ба Ҷумҳурии Туркия ташриф овардаанд, ки ҳар кадоме аз онҳо нақши назаррас дар таҳкими заминаи ҳуқуқӣ ва амалии ҳамкориҳо доштааст. Дар навбати худ, ҷониби Туркия низ панҷ маротиба бо сафарҳои расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додааст, ки дар ҷараёни онҳо самтҳои муҳимми ҳамкорӣ боз ҳам густариш ёфтанд. Илова бар ин, дар сатҳи вазорату идораҳои марбута ва ниҳодҳои соҳавӣ вохӯриҳои сершумори дуҷониба баргузор гардида, дар маҷмӯъ, зиёда аз

70 санади ҳамкорӣ дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амниятӣ ба имзо расидааст.

Ҳаҷми муомилоти тиҷоратии дуҷониба дар соли 2021 ба 390,5 миллион доллари ИМА расид, ки ин нишондод нисбат ба соли 2020 афзоиши назаррасро инъикос мекунад. Дар давраи солҳои охир, ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Туркия дар самтҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ, низоми бонкдорӣ, кишоварзӣ, энергетика, саноат, сохтмон ва меъморӣ, нақлиёт, авиатсияи граждани, иртиботот, туризм, ҳифзи муҳити зист, тандурустӣ, маориф ва илм, фарҳанг, меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ, варзиш ва сиёсати ҷавонон бо суръати устувор рушд меёбанд.

Дар ҷараёни баррасии дурнамои густариши минбаъдаи ҳамкорӣ байни ду кишвар, зарур аст, ки ба имкониятҳои воқеии иқтисодию истеҳсолии ҳар ду ҷониб таваҷҷуҳ карда шавад. Аз ҷумла, таъсиси корхонаҳои муштарак дар бахши коркарди наххҳои пахта, аз истеҳсоли ришта то матоъ бо истифода аз технологияи пешрафтаи туркӣ, рушди саноати дӯзандагӣ ва трикотаж, коркарди ашёи пӯст ва истеҳсоли маҳсулоти чармӣ, маводи шӯянда, коғази рӯзгор, қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ ва масолеҳи сохтмонӣ метавонад самтҳои муҳимми ҳамкории иқтисодиро ташкил диҳад.

Бо дарназардошти иқтидори баланди Тоҷикистон дар бахши энергетика, татбиқи лоиҳаҳои муштараки сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ бо истифода аз манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ — аз ҷумла сармояи мустақими туркӣ ва маблағҳои институтҳои байналмилалӣ — дорои аҳаммияти калидӣ мебошад. Яке аз роҳҳои алтернативии маблағгузорӣ метавонад ҳисоббаробаркунии мутақобила бо шакли интиқоли мол ва хидматҳо бо арзиши мутаносиби лоиҳа бошад. Илова бар ин, тавсеаи фаъолияти Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ АТҲҲ дар қаламрави Тоҷикистон, бахусус дар самти кумакҳои техникӣ барои рушди бахши кишоварзӣ, аз ҷумла барқарорсозии лабораторияҳои химиявию технологии муайянкунандаи

сифати махсулот ва ворид намудани навъҳои нави зироатҳо, метавонад ба ҳар ду кишвар манфиатҳои назаррас расонад ва ба таҳкими заминаҳои ҳамкории дарозмуддат мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, метавон чунин хулосабардорӣ кард:

1.Рушду инкишофи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии ҳарду кишвар ҳамзамон бо тавсеа пайдо кардани нақши Туркия дар пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ворид шудани кишварҳои нави Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ, барқарор кардани робитаҳои тиҷоратӣ, ҷорӣ гардидани принсипҳо ва институтҳои иқтисоди бозаргонӣ, муҳайё кардани шароити зарурӣ барои инкишофи соҳибкории ҳозиразамон оғоз мегардад. Гузашта аз он, Туркия дар Осиёи Марказӣ ҳузури фаъол пайдо карда, дар даҳаи дуюми асри XXI мавқеъи худро дар минтақа тақвият медиҳад ва ба яке аз рақибони асосии бозингарони калон ва анъанавии дар ин минтақа – Россия ва Чин табдил меёбад;

2.Самтҳои афзалиятноки тавсеаи муносибатҳо байни Тоҷикистону Туркия пеш аз ҳама дар ба имзо расидани як теъдод созишномаҳо ва протоколҳои ҳамкорӣ ва амали гаштани тарҳҳои муштараки ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, қабули як қатор созишномаҳо дар ҳудуди солҳои 2013 – 2015 ба афзоиши сармоягузорони Туркия дар Тоҷикистон мусоидат кард. Дар ин давра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 60 ширкати туркӣ фаъолият мекарданд. Теъдоди корхонаҳои муштарак ба даҳҳо адад мерасиданд, ки пурра ба сармоягузорони давлати Туркия амал мекарданд.

3. Махсусан тавсеаи ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистон бо Туркия, аз ҷумла дар бахши иқтисоду тиҷорат ба фаъолияти Дафтари Агентии Туркия оиди ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар назди Дастгоҳи Сарвазири Туркия тақвият ёфтанд. Агар динамикаи рушди ин ниҳодро дар тавсеи ҳамкриҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ мушоҳида намоем, маълум мешавад, ки баъд аз таъсиси худ дар соли 2006 ва 2009 ба сари кудрати

смёсии Туркия омадани Раҷаб Тайиб Эрдуғон, танҳо соли 2013 эҳёи муҷаддади фаъолияти пуршукуҳии ин ниҳод ба назар мерасад. Ба назари мо, АТҲҲ маҳз дар ҳамин давра ба иқдомҳои сифатан нави тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон даст мезанад. Ин раванд метавонад дар субот ва рушди устувори иқтисодии тарафайн мусоидат намояд.

Тавре, ки дар ин маврид зикр шудааст: «АТҲҲ воситаи асосии татбиқи сиёсати хориҷии пешгирикардаи ҳукумати Туркия мебошад. АТҲҲ ҳамкорӣ бо ҷомеа ва созмонҳои ғайриҳукуматии Туркияро ба роҳ монда, дар татбиқи лоиҳаҳо дар кишварҳои дигар иштирок мекунад ва тавонмандиҳои институтсионалии худро ба давлатҳои хориҷи интиқол медиҳад. Лоиҳаҳои АТҲҲ соҳаҳои гуногун, аз қабили бахши иқтисод, тиҷорат, маориф ва илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, кишоварзӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Афзалиятҳои АТҲҲ мусоидат ба дигаргуниҳои сохторӣ ва бозорӣ, суръат бахшидан ба ҳамгироии босуръати давлатҳои шарик ба иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад» [90, С.120].

Дар соли 2022, ҳаҷми умумии муомилоти молӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия ба 351,2 миллион доллари ИМА расид, ки ин нишондод идомаи тамоюли афзоиши ҳамкориҳои иқтисодии ду кишварро инъикос менамояд. Ин рақам на танҳо аҳаммияти робитаҳои тиҷоратии мавҷударо тасдиқ мекунад, балки нишон медиҳад, ки иқтидори ҳамкории иқтисодӣ миёни ҷонибҳо ҳанӯз пурра истифода нашудааст.

Яке аз намунаҳои барҷастаи ҳамкориҳои самараноки иқтисодии Тоҷикистону Туркия таъсиси корхонаи муштараки истеҳсоли автобусҳои «AKIA AVESTO AUTOMOTIVE INDUSTRY» мебошад. Ин корхона, ки бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе расман ба фаъолият оғоз намуд, дорои аҳаммияти стратегӣ барои иқтисоди миллӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ

мебошад. Истеҳсоли автобусҳо дар ин корхона тибқи меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ анҷом дода шуда, маҳсулоти он дорои сатҳи баландтари бехатарӣ ва сифати техникист.

Автобусҳои истеҳсолшуда аллакай дар хатсайрҳои байнишаҳрӣ ва дохилишаҳрии кишвар васеъ мавриди истифода қарор гирифта, ба беҳтар гардидани хизматрасониҳои нақлиётӣ ва коҳиши вобастагӣ аз воридоти воситаҳои нақлиёти хориҷӣ мусоидат менамоянд. Татбиқи чунин лоиҳаҳои муштарак на танҳо ба рушди бахши нақлиёт ва саноати мошинсозӣ, балки ба ҷалби сармояи хориҷӣ, афзоиши ҷойҳои нави корӣ ва интиқоли технологияҳои пешрафтаи туркӣ ба Тоҷикистон саҳми назаррас мегузорад. Дар оянда, густариши истеҳсолот ва эҳтимоли содироти маҳсулоти корхона ба бозорҳои кишварҳои ҳамсоя метавонад ба таҳкими мавқеи содиротии Тоҷикистон ва боло бурдани рақобатпазирии он дар минтақа мусоидат кунад.

Ифтитоҳи як корхонаи оби газдори Coca-Cola дар Тоҷикистон низ натиҷаи ҳамкориҳои ду кишвар аст [162].

## 2.2. Ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия оид ба амнияти минтақавӣ

Дар ин зербоб масъалахи амнияти минтақавӣ, мубориза алайҳи терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ки нигоҳи мо дар ҳамкориҳои Точиикистону Туркия дар оғози асри XXI мақоми хос ба худ гирифтааст тахлилу барраси қарор хохад гирифт.

Бояд гуфт, ки дар ҳалли мушкилоти минтақавӣ Туркия принсипи мансубияти минтақавиро дастгирӣ намуда, ҳалли мушкилотро аз сӯи худи давлатҳои минтақа ҷонибдорӣ мекунад. Туркия узви муассис ва ҷонибдори як қатор созмонҳои минтақавӣ ва ташаббусҳо, мисли Созмони Ҳамкории Иқтисодии баҳри Сиёҳ (ОЧЕС), Раванди Ҳамкорӣ дар Балкани Ҷанубу Шарқӣ (ПСЮВЕ) ва Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ОЭС) мебошад. Ҳамзамон Туркия шарики стратегӣ ва муттаҳиди ИМА.

Туркия узви фаъол ва пурқудрати СААШ буда саҳми муҳим дар принсипи асосии созмон — «ноҷудоии амният» дорад ва дар катори панҷ кишвари пешбари ин созмони низоми дар амалиётҳои СААШ фаъолона иштирок мекунад ва яке аз ҳашт кишвари пешсаф дар таъмини молиявии СААШ ба хисоб меравад [78, С. 16–19].

Барои Тоҷикистон муҳим он аст, ки «дар доираи ташаббуси «Осиё ба тарзи нав», ки соли 2019 эълон шуд, Туркия имконият пайдо кард, ки дар ҳалли масоили сиёси-амниятии минтақаи Осиё, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, ки қудратҳои рӯ ба афзоишро дар қарни XXI дорад, ба даст оварад. Дар ин замина, Туркия дар асоси аз якчанд воситаҳои пурракунандаи сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ ва амниятии ҳамкорӣ, ки солҳои 2014 -2015 кор карда баромада шудаанд, истифода мекунад ва механизми дипломатияи глобалиро оиди ҳалли маъалаҳои амнияти минтақави татбиқ мекунад» [31]. Туркия, инчунин узви Созмони Ҳамкории Исломӣ (ОИС), Ҳаштгонаи Исломӣ (D-8), СДТ, Мусоҳибаи Ҳамкорӣ дар Осиё (МҲО) ва МИКТА (Мексика, Индонезия, Корея, Туркия ва Австралия) буда дар давраҳои раисиаш ба ин ниҳодхо тағйироти ҷидди ворид кард. Аз ҷумла, Туркия, ки узви фаъоли G20 мебошад, афзоиши ҳамаҷонибаи иқтисодӣ ва тақсими одилонаи манбаъҳоро барои ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод намуд ва консепсияи «Сулҳ беҳтар аз ҷанг» - ро ба миён гузошт.

Туркия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаи Афғонистон фаъолона ширкат доранд. Туркия дар Афғонистон контингенти муайян дорад ва бо чанд чеҳраи элитаи сиёсии Афғонистон, аз ҷумла генерал Абдулрашид Дӯстум робита дорад. Дӯстум зуд-зуд аз Анқара боздид мекунад ва ҳизби Ҳаракати миллии исломии Афғонистон дар шаҳрҳои мухталифи Туркия бахшҳои худро дорад. Бархе аз андешаву амалҳои ӯ дар Туркия тавассути Анҷумани ҳамбастагии Афғонистону Туркия таблиғ мешавад. Илова бар ин, Анқара мизбони нишастҳои сеҷонибаи Туркия-Покистон-Афғонистон ва Раванди Истамбул аст, ки кишварҳои

Осиёи Марказиро низ дар бар мегирад. Аввалин чунин ҷаласаи бошукуҳ «Раванди Истамбул» соли 2013 дар Алмаато баргузор мешавад [52].

Аз сӯйи дигар, Туркия низ дар ибтикори «Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим» ширкат дорад ва иҷрои ин тарҳ, ки Чинро бо Туркия мепайвандад, метавонад ба равобити Туркия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ такони нав бахшад. Монеаҳои густариши равобити тиҷорӣ ва иқтисодии Туркия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ масофаҳо, набуди инфрасохтори мувофиқ ва хароҷоти баланди нақлиётро дар бар мегирифт. Барои рафъи ин монеаҳо ташаббуси нав ба миён гузошта шудааст. Илова бар ин, Туркия ба баланд бардоштани самаранокии роҳи оҳани Боку-Тбилиси-Карс ва аз ин рӯ ба пайвастани Қазоқистон ва Туркманистон ба он манфиатдор аст[103, С.102].

Яке аз қадамҳои ҷиддии Туркия дар равобити байналмилалии худ барои рушди ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи низомӣ бо бисёр кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Ба ин мақсад дар моҳи январи соли 2013 Ассотсиатсияи Авруосиёии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дорои мақоми ҳарбӣ (минбаъд – ТАКМ) таъсис дода шуд, ки вазифаҳои он мубориза бо ҷинояткорӣ ва фаъолияти террористӣ дар минтақаро дар бар мегирад. Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия дар доираи ҳамкориҳо аз тариқи ТАКМ 18-уми июни соли 2017 созишномаи байнидавлатиеро ба имзо расонид, ки то соли 2027 амал менамояд. Илова бар ин, намояндагони ҳарду кишвар дар дар чаҳорчӯби ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои ҳамкориҳои низомӣ табодули таҷриба солҳои 2015, 2017 созишномаҳои тарафайнро ба имзо мерасонанд. [126, С.180].

Дар ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия оиди амнияти минтақавӣ ҳалли масъалаи Афғонистон ва вобаста ба он мубориза алайҳи терроризм, тундравии дини ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҷойи муаянро ишғол мекунад.

Инҷо қабл аз таххлили масъала лозим медонем дидгоҳҳои Туркияро, ки дар тавсеаи ҳамкориҳои амниятӣ бо Тоҷикистон нақши муҳим бозидаанд, иброз намоем.

Бояд тазаккур дод, ки ҷанг дар Афғонистон ҷараёни равобити Туркияро бо дигар кишварҳо тағйир дод. Аз ҳамон вақт сар карда, роҳбарияти Туркия мавқеи худро мушаххас кард. Бо таъйин шудани А. Довудоғлу ба мақоми вазири хориҷаи Туркия дар моҳи январи соли 2009 масъалаи ҳалли казияи Афғонистон боз ҳам шиддат гирифт ва аз гуфтор ба амал гузашт. Ин ба шарофати ислоҳоти қонунгузорӣ дар Туркия имконпазир гардид, ки таъсири низомиёнро ба сиёсати кишвар хеле заиф кард. Бо роҳбарии Довудоғлу ва бо ширкати шахсии ӯ талошҳои дипломатии Анқара барои ҳалли мушкилоти минтақавӣ ба як самти алоҳидаи сиёсати хориҷии кишвар табдил ёфт. Ҳамзамон, Туркия ҷонибдори бархӯрди системавӣ ба ҳалли низоъҳо дар асоси принсипҳои муштарак барои ҳалли мушкилоти пайдошуда, ҳам дар Осиёи Марказӣ ва ҳам дар Қафқоз, Балкан ва Ховари Миёна мебошад. Бо ҷонибдорӣ аз форматҳои байналмилалӣ Туркия ҷонибории худро аз арзишҳои ғарбӣ эълон медорад. Муносибатҳои институтсионалии Туркия бо бархе аз созмонҳои бонуфузи байналмиллалӣ ва минтақавӣ бахшҳои мухталифи фаъолият ва вазифаҳое, аз қабили узвият дар созмонҳо, мақоми нозир, муколамаи шарикиро дар бар мегиранд, ки беҳтарин далели ҳамаҷонибаи сиёсати хориҷии Туркия мебошанд.

Туркия узви Созмони Милали Муттаҳид, СААШ, Шӯрои Аврупо, САҲА, ОЭСР, СҶТ, ОЧЭ, ЭКО, G20, ҳаштгонаи навбаромад ва Конфронси ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё мебошад. Туркия ҳамчун мушоҳидагари доимӣ ба фаъолияти Ташкилоти Давлатҳои Америка, Ассотсиатсияи давлатҳои баҳри Кариб ва Иттифоқи Африқо мароқи калон зоҳир менамояд. Туркия ҳамкориҳои худро тавассути таъсиси Форуми ҳамкории Туркия ва давлатҳои Араб дар чаҳорчӯбаи Созишномае, ки бо Лигаи давлатҳои Араб дар соли 2007 баста шуда буд,

ташкил карда, соли 2008 Муколамаи стратегии худро бо Шурои Ҳамкории Халиҷи Форс ба чаҳорчӯбаи сохторӣ гузаронд. Туркия мавқеи худро дар созмони бонуфузи байналмилалӣ- СҲИ фаъолона мустаҳкам мекунад. Сиёсати ҳукумати ҲҲАР барои таҳкими равобит бо ҷаҳони Ислом ба он пирӯзии бузург овард [76, С.13].

Дар маҷмӯъ, сиёсати минтақавии Туркия тағйироти ҷиддиро паси сар кард. Туркия, ки қаблан ба равобит бо кишварҳои атроф беэътиноӣ мекард, таҳти раҳбарии Довудоғлу нахуст ба ҳайси мушовири сиёсати хориҷӣ ва баъдан ба ҳайси вазири хориҷа, ба афзоиши ҳамкориҳои минтақавӣ аҳаммияти хосса дод. Туркия бо роҳандозии сиёсати «мушкилоти сифр» бо ҳамсоягонаш тавонист робитаҳои наздики сатҳи баланд ба роҳ монад, механизмҳои танзими ҳамкориҳои дуҷониба эҷод кунад, тарҳҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ ва энергетикиро амалӣ созад, режими раводидро сабук ё комилан лағв кунад ва ҳамкориҳои низомиро ба роҳ монад, махсусан дар мубориза ба муқобили терроризм ва тақвияти муносибатҳои маданӣ. Нуфузи Туркия дар минтақа, ба хусус дар ҷаҳони араб, бо интиқоди шадид аз амалкарди таҷовузкоронаи Исроил, ки раҳбарони Туркия дар платформаҳои байналмилалӣ иброз доштанд, афзоиш ёфт. Чунин интиқод ба кишварҳои мусалмонӣ дар бораи авлавиятҳои сиёсати Туркия ва талош барои раҳбарӣ дар ҷаҳони мусалмонон як сигнал шуд.

Иштироки фаъолонаи Туркия дар ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба пешбурди хизматрасониҳои миёнаравӣ, аз қабили Иттиҳоди тамаддунҳо, миёнаравӣ барои сулҳ, гурӯҳи дӯстони миёнаравӣ ва ғайра, инчунин кӯшишҳои дипломатии Туркия барои ҳалли масъалаҳои минтақавӣ, онро ҳамчун як кишвари амалкунанда бо неруи нарм ва мустаҳкам намудани мавқеи байналмилалии худ муаррифӣ карданд.

Метавон гуфт, ки тавсияҳои назариявии А. Довудоғлу, ки аз ҷониби ҲҲАР дар татбиқи курси нави сиёсати хориҷӣ истифода шудааст, ба Ҷумҳурии Туркия имкон дод, ки симои давлати боэътимоду

масъулиятнокро эҷод кунад, ки тавассути неруи нарм ва ба кори шукуфоии сулҳу субот чи дар минтақа ва чи дар сатҳи ҷаҳонӣ саҳм мегузоранд.

Бо афзоиши таҳдиди неруҳои «Давлати исломӣ» аз Афғонистон, масоили геополитикӣ низ вазъи марзии Туркияро фишор овардааст. Ва ҷангҷӯёни хориҷӣ, аз ҷумла аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки ба ғояҳои радикалии ДИИШ ҷалб шудаанд, аз қаламрави Туркия убур карда, ба Сурия мерасанд.

Дар ин замина, яке аз мушкилоти аввалин дар арсаи амният ва мубориза бо терроризм ба низоми бидуни раводид миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Туркия марбут буд, ки ба воруди ҷангҷӯёни эҳтимолӣ ба Сурия мусоидат кардааст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ низ аз хатари ДИИШ садо баланд мекунанд [105, С.71].

Ҳамкорӣ дар ҳудуди солҳои 2013 то соли 2022 шакли васеътарро ба худ гирифтанд.

Дар ин давра, низоъ хусусияти мураккаби геополитикӣ ва низомӣ дошт, ки асосан миёни Неруҳои байналмилалии кумаки амният (ISAF) — сохтори ҳарбӣ, ки ибтидоан таҳти роҳбарии Эътилофи Шимолӣ амал мекард ва баъдан аз ҷониби ҳукумати нави қонунии Афғонистон пуштибонӣ мешуд — ва созмони исломии тундрави «Ҷунбиши Толибон» ба вуқуъ пайваст. Ин ҷунбиш, ки қаблан ҳудуди зиёда аз се ду ҳиссаи қаламрави Афғонистонро таҳти назорат гирифта буд, кӯшиш дошт мавқеи худро пас аз суқути ҳукумати расмии худ барқарор намояд. Муқовимати Толибон дар баробари ҳукумати нав ва неруҳои байналмилалӣ на танҳо ба задухӯрдҳои мусаллаҳона, балки ба ташаннуҷи вазъи амниятӣ, афзоиши ҳамлаҳои террористӣ ва душвор гардидани равандҳои барқарорсозии иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар оварда расонд. Ҳамзамон, ин муноқиша хусусияти дарозмуддат касб намуда, дар он омилҳои динӣ, қавмӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба таври зич дар ҳам омехта буданд, ки он вазъро боз ҳам печидатар месохт.

Аз солҳои 2012 -2014 созмони туркии АТҲҲ барои бунёди мактабҳо дар Афғонистон талошҳои зиёде кардааст. Литсейҳои туркӣ-афғонӣ, ки аз ҷониби Анқара маблағгузорӣ мешаванд ва пурра таҳти назорати мақомоти Туркия қарор доранд, аз муассисаҳои таълимии бонуфуз дар Афғонистон маҳсуб мешаванд. Онҳо ҳар сол шогирдони баландихтисос тайёр мекунанд ва дар муваффақияти Афғонистон дар конкурсҳои байналмилалии илмӣ низ фаъолона ҳисса мегузоранд.

Дар ду музокироте, ки моҳи феврал ва сентябри соли 2014 дар доираи вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистону Туркияв мегузарад тарафҳо таъкид ба амал меоваранд, ки буҳрони Афғонистон воқеан ба амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳар як давлати алоҳидаи он таъсири ҷиддӣ дорад. Зеро ин минтақаро қудратҳои ҳастаӣ ва дорои аҳаммияти геополитикӣ дошта, ба мисли Хитой ва Покистон комилан иҳота кардаанд. Ин ҳамкории неруҳои иқтисодӣ ва геополитикӣ ба минтақа аҳаммияти хосса медиҳад.

Туркия дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои худ бо Тоҷикистон дар ҳалли буҳрони Афғонистон фаъол аст. Ташаббуси гурӯҳи тамоси «6+3», ки дар он Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хосса дошт дар охири соли 2014 аз нав ба миён омад. Дар доираи ин ибтикор ҳарду кишвар ба чунин мавқеъгирӣ расиданд, ки асоси он бар пояи чунин принсип устувор аст, ки мушкилоти Афғонистонро бояд афғонҳо бо дастгирии тамоми ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла кишварҳои ҳамсоя ҳал кунанд. Муҳим аст, ки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор барои таъмини сулҳи пойдор дар Афғонистон ва дар маҷмуъ дар минтақа ҳамкорӣ кунанд. Ин барои аз байн бурдани потенсиали низоъ ва мусоидат ба рушди субот, амният ва пешрафт мусоидат мекунад.

Яке аз асноди асосие, ки дар шарикии Тоҷикистону Туркия дар самти Афғонистон нақши муҳим дошт, Эъломияи Тошканд, ки дар соли 2009 қабул шуда буд ва баъдан иҷрои он аз тарафи кишварҳои манфиатдор аз соли 2013 мубрам мегардид. Барои Тоҷикистону Туркия

чунин нуқтаҳои усулии ин Эъломия муҳим буданд: аввалан, раванди сулҳ бояд аз ҷониби худи афғонҳо ва таҳти роҳбарии худи афғонҳо тибқи қатъномаҳо ва қарорҳои СММ амалӣ карда шавад. Сониян, омили муҳимми муваффақияти раванди сулҳ, ин ҳамгироии мухолифини мусаллаҳ ба ҳаёти сиёсии Афғонистон ва эътирофи онҳо ҳамчун як неруи қонунии сиёсӣ мебошад. Сеюм, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври возеҳ ба ҳама гуна шаклҳои терроризм муқобилият мекунад ва таҳдидҳои марбут ба терроризми фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккилро ҳамчун чолишҳои муштарак ба суботу рушди устувори Афғонистон ва дар тамоми минтақа эътироф мекунад, ки дар заминаи он низомиён ҳамкории сиёсии Тоҷикистон ва Туркия вусъат меёбад. Чунон ки муҳаққиқи тоҷик Султонов М. қайд мекунад: «Бояд гуфт, ки мавқеъ ва равишҳои консептуалии ҳар ду мамлакат дар баҳодиҳии воқеаҳои байналмилалӣ ва вазъияти сиёсии минтақаҳои гуногун асосан ба ҳам мувофиқат мекунанд. Ба ҳам наздик ва воқеии ҳамбастагии назари расмии ҷонибҳо нисбат ба мушкилиҳо ва таҳдидҳои асри XXI – терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ ва мубориза бо қочоқи маводи мухаддир заминаи хубе барои ҳамкории фаъол дар ин ва дигар соҳаҳо мебошад» [78, С.65].

Аз инҷо буд, ки Туркия ҳузури ширкатҳои сармоягузории худро дар ин кишвар бо ширкати кишварҳои Осиёи Марказӣ тадриҷан афзоиш медиҳад. Ҷониби Туркия ҳамчунин бар зарурати барқарории иқтисоди Афғонистон таъкид мекунад. Ин кишвар ба тарҳи «Долони Лазурит», ки интиқоли коло ва манобеи энергетикӣ ба Аврупо тавассути кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва Озарбойҷонро пешбинӣ мекунад, таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Туркия ин масирро имкони густариши равобити худ бо минтақаи Осиёи Марказӣ медонад. Дар чаҳорчӯби ин талошҳо соли 2018 дар Кобул миёни вазорати энергетика ва обтаъминкунии Афғонистон ва ширкати туркии «Сохтмонсозӣ 77» барои тавсеаи сарбанди Каҷаки қарордод ба имзо расид. Туркия ба он таваҷҷуҳ

дошт, ки бисёре аз масъалаҳои фаннии ин қарордод метавонад бо ширкати ҷониби Тоҷикистон ҳал шавад [113].

Ин ҳамкориҳо ва сармоягузориҳои афзоянда аз таваҷҷуҳи афзояндаи Туркия ба Афғонистон ва минтақа ва зарфияти онҳо барои рушди равобити иқтисодӣ шаҳодат медиҳанд. Аммо Туркия тавони мустақилона назорат кардани вазъ дар Афғонистонро надорад. Иштирок дар лоиҳаҳои сиёсиву иқтисодии Тоҷикистон метавонад боиси таҳкими мавқеи Туркия дар муносибатҳои байналмилалӣ. Аз инҷост, ки Туркия худро ҳамчун як «қутби» мустақили геополитикӣ ва макроқудрати минтақавӣ бо манофеи стратегии худ мувофиқ мешуморад.

1 марти соли 2016, ки бо иштироки Тоҷикистону Туркия 95-умин солгарди барқарории равобити дипломатӣ миёни Афғонистон бо Туркия таҷлил шуд. Дар давоми таърихи дуру дарози муносибатҳои ин ду кишвар бо роҳҳои гуногун роҳро тай кардаанд. Дар Туркияи муосир изҳори дастгирӣ ва омодагӣ ба гирифтани нақши иттифоқчии «мардуми бародар» барои мусоидат ба барқарорсозии кишвар ва ноил шудан ба субот афзоиш меёбад [107, С.76]. Туркия инчунин дар чаҳорчӯби «Миссияи дастгирии қатъи» Афғонистонро фаъолона дастгирӣ намуда, кумаки иқтисодиро ҳам дар шакли дуҷониба ва ҳам дар шакли бисёрҷониба идома медиҳад.

Дар ин марҳила барои Тоҷикистон бисёр буд, ки Туркия ба фаъолиятҳои башардӯстона дар Афғонистон, бахусус дар соҳаи маориф (дар назар буд бо иштироки мутахассисони Тоҷикистон) таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Метавон гуфт «Ба шарофати иштироки Туркия, то соли 2019 дар Афғонистон 68 мактаби ибтидоӣ ва миёна, аз ҷумла мактабҳои духтарона аз нав барқарор ё сохта шуданд. Аз соли 2013 инҷониб барномаҳои ҳукумати Туркия барои донишҷӯёни афғон беш аз 1200 бурсия ҷудо кардаанд, ки 208-тоаш барои таҳсили теологӣ буд» [113].

Шуруъ аз соли 2016 то 2018, ҳар сол Туркия ба Афғонистон беш аз 250 тонна кумаки башардӯстона мефиристад.

Илова бар ин, Ҷумҳурии Туркия дар доираи ҳамкориҳои башардӯстона ва рушди инфрасохторӣ, талошҳои густурдаеро ба роҳ мемонад, ки ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва таъмини дастрасии бештари аҳолӣ ба хизматрасониҳои зарурӣ мебошад. Аз ҷумла, ин кишвар дар сохтмон, таҷдид ва муҷаҳҳазсозии муассисаҳои тиббӣ, марказҳои истироҳатӣ, масҷидҳо, ҳамчунин бунёди иншооти муҳимми зерсохторӣ, ба мисли роҳҳо, пулҳо ва шабакаҳои муосири обтаъминкунӣ саҳми назаррас мегузорад. Ин иқдомҳо на танҳо барои беҳбудии шароити зиндагии аҳолӣ, балки барои тақвияти заминаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва устувории минтақа аҳаммияти калидӣ доранд. Дар баробари ин, дар клиникаҳо ва муассисаҳои тиббии туркӣ, ки ҳам дар ҳудуди Афғонистон ва ҳам дар қаламрави худи Туркия фаъолият мекунанд, на танҳо низомиёни афғон, балки табақаҳои гуногуни ғайринизомии ҷомеа низ ёрии тиббӣ ва табобати босифат мегиранд, ки ин худ далели муносибати фарогир ва инсондӯсти ин кишвар дар самти дастгирии башардӯстона мебошад [113].

Дар ин заминаи равобити баландпояи Тоҷикистону Туркия, аз ҷумла мулоқоту дидорҳои сарони Туркия, Тоҷикистон ва Афғонистон дар густариши муколама ва ҳамкориҳои сеҷонибаи кишварҳо нақши муҳим пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, «Раванди Анқара» як минбари муҳимми чунин ҳамкориҳои сеҷониба буда, аз соли 2014 дар шаҳрҳои мухталифи Туркия бомуваффақият баргузор мешавад. Иштироки раҳбарон, вазирони корҳои хориҷӣ, порлумон ва раҳбарони низомии Туркия, Тоҷикистон ва Афғонистон аҳаммияти ин муколамаро таъкид мекунад. Илова бар ин, Туркия мизбони конфронсу ҳамоишҳои мухталифи байналмилалӣ ба масоили Афғонистон ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ мебошад. Ин рӯйдодҳо як минбари муҳим барои баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои марбут ба тавофуқи вазъи Афғонистон ва ҳамкориҳои байни кишварҳо мебошанд.

Ҳамоиши сеюми минтақавии дӯстӣ ва ҳамкорӣ «Дар қалби Осиё», ки моҳи январи соли 2013 дар Истамбул баргузор шуд, ба ҳалли қазияи Афғонистон бахшида шуда буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии фаъол дар ин чорабинӣ иштирок намуд. Ин иштироки васеи кишвари моро дар ҳалли масъалаҳои Афғонистон ва дар ҷустуҷӯйи роҳҳои бо роҳи осоишта ҳал кардани ҷанҷол таъмин намуд.

«Дар Конфронси ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ оид ба Афғонистон соли 2014 бо иштироки ҳайатҳои 27 кишвар ва 14 созмони байналмилалӣ баргузор мегардид. Дар ин конфронс Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркия дар бораи масъалаҳои ҳамкорҳо дар самти Афғонистон оиди истиқрори сулҳ ва рушди иқтисодӣ дар Афғонистон ба мувофиқаи нав мерасанд» [163].

Дар нишасти вижае, ки дар моҳи декабри соли 2015 дар Истамбул баргузор шуд, ба суботу амният ва мубориза бо терроризм ва қочоқи маводи мухаддир бахшида шуда буд. Дар ин нишаст тасмим дар бораи баргузории тамринҳои муштараки низомӣ бо ширкати Тоҷикистону Туркия гирифта шуд, ки ҳамкориҳои рӯзафзуни ду кишварро дар заминаи таъмини амният дар Афғонистон нишон дода, ба таҳкими равобити дӯстона шароити мусоид ба вуҷуд меоварад. Аммо, тавре мебинем, воқеаҳои Афғонистон аз рӯйи сенарияи дигар ривоҷ меёбанд, ки натичаи ниҳоии ин ҳамоҳангиҳо ва мувофиқаҳоро барҳам мезананд.

Дар оянда ҳамкориҳо байни Туркия ва Афғонистон дар ҳалли масоили Афғонистон бештар ба воситаи координатори махсуси Туркия оид ба Афғонистон А. Эрман сурат мегирад. Анқара ҷонибдори хотима додани хунрезӣ дар Афғонистон аст ва аз талошҳои СММ барои таъсиси ҳукумати эътимод дар заминаи намояндагӣ бо иштироки ҳамаи гурӯҳҳои асосии этникӣ дастгирӣ меёбад. Ин як қадами муҳим дар роҳи ҳалли осоиштаи низоъ ва барқарории субот дар минтақа аст.

Ба маврид аст, ки дар ин масъала ақидаи пажуҳишгари тоҷик Э. У. Шарофов ки ҳануз соли 2012 баён доштааст, руй оварем. «Тоҷикистон ва

Туркия авлавиятҳои байналмилалӣ ва миллию минтақавии мушобеҳ доранд, аз ҷумла дар масъалаҳои: таҳкими истиқлол ва якпорчагии худ, ваҳдати дохилӣ, сулҳу субот, мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии динӣ» [81, С.18].

Бо вуҷуди ин, бо гузашти вақт ва бо тақвияти талошҳои байналмилалӣ барои субот дар Афғонистон, Туркия мавқеи худро ислоҳ кард. Он ба амалиёти низомӣ дар Афғонистон ҳамроҳ шуда, қувваҳои хориҷиро бо фазои ҳавоӣ ва фурудгоҳҳои низомии худ барои иҷрои фаъолиятҳои низомӣ дар Афғонистон таъмин мекунад. Давлати Туркия ҳамчунин тасмим гирифт, ки як воҳиди вижаи туркро ба эътилофи зиддитеррористӣ шомил кунад, то дар тамрини ҷангҷӯёни Эътилофи Шимолӣ ва назорати интиқоли кумакҳои башардӯстона кумак кунад.

Чунон ки муҳаққиқи тоҷик Р. Собиров менависад: «Нақши фаъол ва хоҳиши Анқараро барои ноил шудан ба ҳалли мусолиматомези низоъҳо ва дастгирии талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ инъикос мекунад. Ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ин замина масъалаи калидӣ маҳсуб мешавад» [166, С.87].

Аз ҷумла, дар ҷорчӯби ҳамкориҳои Туркия ва Тоҷикистон дар Афғонистон самтҳои асосии фаъолият ширкат дар Миссияи дастгирии қатъӣ муайян карда шудаанд. Сафири Туркия дар Кобул дар пайи ифтитоҳи ин миссия сарнамояндагии ғайринизомии САAШ дар Афғонистон таъйин мешавад. Туркия як қатор кормандони тиббии низомии худро аз тариқи Тоҷикистон ба бемористони низомии Кобул ва як қисми низомӣ ба фармондеҳии минтақавии шимолӣ мефиристад [127, с. 115].

Соли 2017 сарони вазоратҳои дифоии Тоҷикистон ва Туркия Созишномаи чаҳорчӯбавии ҳамкориҳои низомиро ба имзо мерасонанд. Ин созишнома ба Туркия имкон медиҳад, ки имконоти ҳамкорӣ бо Тоҷикистон дар самти Афғонистон ва дар масоили амнияти минтақа, густариш диҳад. Аз ин тариқ, Туркия ба ҳифзи ваҳдату якпорчагии

Афғонистон, таъмини амнияту суботи он, таҳкими сохтори сиёсӣ, ки ҷавобгӯи ниёзҳои мардум ва ширкат дар ҳаёти кишварро таъмин менамояд, кушиш ба харҷ медиҳад. Дар баробари ин, Туркия барои озод кардани Афғонистон аз терроризм ва таъмини сулҳу шукуфоии мардуми он талош карда, ба нақши Тоҷикистон дар ин раванд диққати махсус медиҳад. Дар робита ба тағйироти сиёсӣ дар Афғонистон дар моҳи августи соли 2021, неруҳои ҳавоии Туркия миссияи ихроҷро (эвакуатсия) аз Афғонистон иҷро карданд. Дар амалиёти интиқоли шаҳрвандони Туркия аз Кобул ба фурудгоҳи шаҳри Кӯлоби Тоҷикистон чаҳор ҳавопаймои борбари неруҳои ҳавоии Туркия ширкат доштанд. Ин банақшагирии ҳарбӣ ва истифодаи ҳавопаймоҳои Туркия ҷузъи муҳимми дастгирии амалиёти ихроҷшавӣ аз Афғонистон буд [145].

Қадами навбатӣ дар самти шарикӣ сафари ҳайати Тоҷикистон ба Анқара дар 20 апрели соли 2022 буд. Шералӣ Мирзо, вазири дифои Тоҷикистон ва Ҳулусӣ Акар, вазири дифои Туркия, дигар Созишномаи чаҳорчӯбавии ҳамкориҳои низомии ду кишварро имзо карданд. Сардори вазорати дифои Туркия Акар қайд кард, ки миёни Туркия ва Тоҷикистон робитаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ вуҷуд доранд. Вай омодагии Анқараро барои табодули таҷриба дар заминаи ҳифзи марз, мубориза бо терроризм ва омӯзиши низомӣ бо Душанбе таъкид кард. [145].

Дар ин маврид, Туркия дар Тоҷикистон метавонад дар ҳалли авзоъ дар Афғонистон нақши калидӣ дошта бошад. Тоҷикистон муътақид аст, ки роҳҳои ҳалли мушкилот дар Афғонистон бояд таҳти раҳбарии афғонҳо пайдо шавад ва барои таъмини субот дар ин кишвар иқдомоти қобили мулоҳиза мебошад. Ҳадафи ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия ба даст овардани субот, амният ва шукуфоӣ дар Афғонистон ва ҳамчунин ҳимоят аз ниёзҳои мардуми ин кишвар дар арсаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Бо дарназардошти мавқеи геостратегии Афғонистон ва нақши он дар амнияти минтақавӣ, Ҷумҳурии Туркия таваҷҷуҳи хоссаи худро ба

таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими пояҳои рушди иқтисодӣ ва расонидани кумакҳои башардӯстона ба ин кишвар равона намудааст. Ин иқдомҳо на танҳо барои беҳбудии вазъи дохилии Афғонистон аҳаммияти назаррас доранд, балки барои коҳиш додани хатари паҳншавии таҳдидҳои амниятӣ дар саросари минтақа низ нақши калидӣ мебозанд. Дар ин раванд, ҳамкории стратегӣ ва шарикӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Афғонистон марзи тӯлонӣ ва робитаҳои таърихию фарҳангии амиқ дорад, ҳамчун унсури асосии татбиқи ҳадафҳои муштараки сулҳу субот, рушди устувор ва ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ арзёбӣ мегардад.

Туркия инчунин шарики дарозмуддат ва боэътимоди иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Дар заминаи рушду таҳкими равобити иқтисодӣ Шӯрои равобити иқтисодии хориҷӣ (DEİK) ва Палатаи савдои Истанбул бо Тоҷикистон ҳамкории фаъол доранд. Дар давоми солҳои 2019-2021 онҳо ҳайатҳои соҳибкорони туркро аз бахшҳои гуногун ба Тоҷикистон фиристоданд. Пандемияи COVID-19 ин равандро суст кард, аммо дар охири моҳи сентябри соли 2022 як ҳайати соҳибкорони турк мулоқот ва ҳамкорӣ ва кумакҳои башардӯстона ба мардуми Афғонистонро баррасӣ карданд.

Дар заминаи густариши ҳамкориҳо ҳарду кишвар дар пайи муайян кардани самтҳо ва роҳҳои нави шарикии муштарак дар самти Афғонистон ҳастанд. Дар расидан ба ин ҳадафҳо баргузории ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии иқтисодӣ василаи муҳимми таҳкими равобити иқтисодӣ ва дарёфти имкониятҳои нави ҳамкориҳои Туркия ва Тоҷикистон мебошад.

Ин иқдом на танҳо ҳамчун омили таҳкимбахши равобити мавҷудаи байни ду кишвар амал мекунад, балки заминаи устувор ва шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилотиро барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ фароҳам меорад. Дар доираи чунин иқдом, имкониятҳои нав барои татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ, густариши савдои дуҷониба ва табодули таҷрибаи пешқадам дар

бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ ба миён меоянд. Ҳамчунин, он метавонад ҳамчун платформаи муассир барои муколамаи пайвастаи байни соҳибкорон, коршиносон ва ниҳодҳои марбутаи ҳар ду кишвар хидмат намояд, ки дар натиҷа на танҳо ҳаҷми муомилоти тиҷоратӣ афзоиш меёбад, балки сифати ҳамкорӣ низ баланд мегардад.

Сохтори кунунии геополитикии Осиёи Марказӣ ба гунае аст, ки бидуни назорат бар Афғонистон мавқеи судмандеро дар минтақа ишғол кардан ғайриимкон аст. Роҳбарияти Туркия инро дарк накарда наметавонад, вале аз ҳузури худ дар Афғонистон хавотир аст.

Туркия Афғонистонро комилан мустақилона назорат карда наметавонад ва ширкат дар лоиҳаи сиёсии ИМА метавонад боиси аз даст додани мавқеъҳои Туркия дар минтақаҳои дохилии Авруосиё гардад. Дар ҳамин ҳол, ин мавқеъи Туркия нишонаи он аст, ки танҳо аз мақоми шарики авлавиятноки Иёлоти Муттаҳида қаноатманд нест. Туркия худро ҳамчун як қутби геополитикии мустақил, макроқудрати минтақавӣ бо манфиатҳои стратегии худ мешуморад, ки метавонад аз манофеи Иёлоти Муттаҳида фарқ кунад ва дар баъзе мавридҳо ҳатто ба манфиатҳои Амрико мухолиф бошад.

Сарбозон ва шаҳрвандони афғон дар клиникаҳои туркӣ дар Афғонистон ва Туркия табобат мегиранд. Солҳои охир робитаҳои сатҳи баланди Туркияву Афғонистон, аз ҷумла мулоқотҳои сарони давлатҳои Туркия, Покистон ва Афғонистон, ки ҳадафи он фароҳам овардани замина барои рушди муколамаи сеҷониба ва ҳамкориҳои густурда мебошад, афзоиш ёфтааст.

Дар тӯли беш аз се даҳсолаи муқовимати низомӣ байни гурӯҳҳои рақиб дар Афғонистон, Туркия кӯшиш кардааст, ки нақши бозингари барҷаста дар раванди ҳалли вазъ дар ин кишварро бозад.

Анқара бо изҳори нигаронӣ аз ноором шудани вазъ дар Афғонистон ва табдили воқеии он ба маркази паҳншавии терроризм ва қоҷоқи маводи мухаддир, саъйю талош кард, ки ба шартҳои байналмилалии

ҳалли Афғонистон ҳамроҳ шавад, аз ҷумла, ба ширкати мустақим дар ин кор изҳори ҳавасмандӣ кард, аз ҷониби давлатҳои «Гурӯҳи 6+2» (шаш кишвари ҳаммарз бо Афғонистон), Россия ва ИМА).

Туркия қасд дорад ироаи кумакҳои башардӯстона ба Афғонистонро идома диҳад. Дар соли 2015 ҳаҷми чунин кумак аз Туркия тақрибан 1,6 миллион долларро ташкил дод). Қарор аст, ки дарояндаи наздик ба таври иловагӣ беморхонаи кӯдаконаи шаҳри Кобул бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ ва доруворӣ таъмин карда, беморхонаи Талиқон барқарор карда, дармонгоҳи Хоҷа Баҳоудин навсозӣ карда шавад [160].

Идораҳои истихборотии Амрико тахмин мезананд, ки бо аз байн рафтани Эътилофи шимолӣ ва бесамарии амалиёти зиддитеррористии Амрико, раҳбарони Толибон метавонанд ҳама кортҳоро дар даст дошта, ба тасарруфи «қаламрави мусулмон»-и ҳамсояи Тоҷикистон, Узбекистон ва Туркманистон, Чеченистон ва Вилояти Мухтори Шинҷон-Уйғури Чин шуруъ кунанд [5].

Сафари вазири дифои Тоҷикистон ба Туркия тақрибан як сол баъд аз боздиди Ҳулусӣ Акар аз Тоҷикистон дар моҳи июли соли 2021, ду моҳи даргирии мусаллаҳона дар марзи Тоҷикистону Қирғизистон сурат гирифт. Сипас, вазири дифои Туркия аввалин шуда ба Қирғизистон сафар кард ва дар он тавофуқоти ҳамкориҳои низомиро, ки дар натиҷаи сафари раисиҷумҳури Қирғизистон Содир Жапаров ба Туркия дар моҳи июни соли 2021 ҳосил шуда буд, баррасӣ кард. Татбиқи созишномаҳои байни Бишкек ва Анқара боис шуд, ки Қирғизистон ҳавопаймоҳои бесарнишини Bayraktar TB2-ро ба даст овард. Аз ин лиҳоз, ҷумҳурӣ аввалин шуда дар миёни кишварҳои узви СПАД соҳиби ҳавопаймоҳои бесарнишини низомии Туркия шуд ва дар моҳи марти соли 2022 аз истифодаи онҳо дар машқҳои тактикӣ хабар дод [145].

Солҳои охир як ҳодисаи муҳим дар ҳамкориҳои амниятии Тоҷикистону Туркия сафари кории вазири корҳои дохилии Тоҷикистон ба Анқара дар соли 2022 буд. Дар натиҷа Созишнома оид ба ҳамкорӣ

алайҳи терроризм, ифротгароӣ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ ба имзо расид.

Бар иловаи шарикӣ дар самти Афғонистон, дар чаҳорчӯби формати дуҷониба миёни Тоҷикистон ва Туркия, соли 2022 Созишномаи чаҳорчӯбавии ҳамкориҳои низомии Тоҷикистон ва Туркия»ба имзо мерасад. Ба эътиқоди коршиносони мустақил, ин тавофуқ имконоти Анқара дар минтақаи Осиёи Марказӣро тавсеа медиҳад [170].

Сиёсатшиноси тоҷик Шералӣ Ризоён таъкид мекунад, ки солҳои охир Туркия барои густариши ҳамкориҳои низомӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ тадобири фаъол дорад. «Таваҷҷуҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳамкориҳои низомӣ бо Анқара аз он сабаб шуд, ки таҷҳизоти навтарини низомии ин кишвар дар даргириҳои Қарабоғи Кӯҳӣ дар он ҷо бартарии Озарбойҷон ба таври равшан нишон дода шуд” [162].

Ба назари мо ин эҳтимол дорад, ки Тоҷикистон мехоҳад имкониятҳояшро бо кишвари ҳамсояаш баробар кунад ва «Байрактар ТБ2»-ро бихарад. Туркия, ки паҳлуи шарқии Ғарб аст, бо истифода аз заъиф шудани чатри амниятии Россия дар минтақа, ин холигоҳро тадриҷан пур мекунад. Аз ин тариқ, Туркия бо интиқоли байракторҳо ба Тоҷикистон, мувозинати низомии байни кишварҳоро баробар мекунад ва имкони як иштирокчии эҳтимолии раванди музокироти ҷонибҳои даргир шуданро ба даст меорад.

Сиёсатшиноси дигари тоҷик Парвиз Муллоҷонов низ чунин баҳо медиҳад. Ба гуфтаи ӯ: «Бар хилофи арзёбиҳои таҳлилгарон, ки Туркия дар мунокишаи марзии Тоҷикистону Қирғизистон даст дорад ва яке аз ҷонибҳоро мегирад, Анқара шояд тасмим гирифтааст, ки фасилитатор шавад. Агар Туркия танҳо як тарафро ишғол мекард, ин маънои онро дошт, ки тарафи дигар мавқеи комилан зидди Туркияро ишғол мекунад. Аммо Туркия худро на танҳо як кишвари туркӣ, балки ҳамчун пешвои ҷаҳони ислом муаррифӣ мекунад ва шояд ҳамин чиз фаъолияти онро дар манотиқи мухталифи ҷаҳон муайян мекунад» [169].

Дар робита ба дурнамои ҳамкориҳо дар арсаи низомӣ бояд гуфт, ки тавсеаи ҳамкориҳои низомии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва Туркия наметавонад дар ояндаи ҷойи омили Россияро иваз кунад. Ба назари мо ин аз он чихат имконпазир аст, ки Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон узви СПАД ҳастанд ва Узбекистону Туркманистон бо Россия равобити наздики дуҷонибаи низомӣ низ доранд.

Туркия ҳамкориҳоро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар арсаи низомӣ фаъолона афзоиш медиҳад, аммо дар ояндаи миёна ин ба тағйироти куллӣ оварда намерасонад. Маскав ҳатман ба ин вокуниш нишон хоҳад дод ва ба эҳтимоли зиёд, вокуниш мусбат нахоҳад дошт. Пекин бештар ба тарҳҳои иқтисодӣ ва зерсохторӣ дар минтақа тамаркуз мекунад. Бо вуҷуди ин, иқдомҳои Туркия дар минтақа метавонад боиси фаъол шудани ҷиддии Россия ва Чин дар ин замина шавад.

Туркия ҳамкориро бо давлати Тоҷикистон дар соҳаи низомӣ фаъолона васеъ мекунад, аммо дар миёнамуддат ин ба тағйироти куллӣ намерасад. Федератсияи Россия ҳатман ба ин амр вокуниш хоҳад кард ва эҳтимолан ин посух мусбат нахоҳад буд. Ба назари мо, Пекин бештар ба лоиҳаҳои иқтисодӣ ва инфрасохторӣ дар минтақа тамаркуз мекунад. Бо вуҷуди ин, қадамҳои Туркия дар минтақа метавонанд ба фаъолшавии ҷиддии Россия ва Чин дар ин соҳа сабаб шаванд. Ҳамчунин дар назар бояд дошт, ки Тоҷикистон ягона давлати ғайритуркӣ дар Осиёи Марказӣ буда, аз ҷиҳати фарҳангӣ ва тамаддунӣ бештар ба Эрон майл дорад. Бо вуҷуди ин, Туркия дар солҳои охир нишон додааст, ки ин кишварро аз доираи нуфузи худ берун намедонад ва таваҷҷуҳашро ба омилҳои динӣ равона мекунад.

Дар ин давра яке аз санадҳои муҳиме, ки дар таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия дар самти масоили Афғонистон нақши калидӣ бозидааст, ин Эъломияи Тошканд мебошад. Ин санад, ки дар натиҷаи конфронси сатҳи баланд дар шаҳри Тошканд моҳи марти соли 2018

қабул гардид, якчанд мавқеи асосиро нисбат ба вазъи Афғонистон ва равобити он бо кишварҳои дигар, бахусус Туркия, муайян месозад.

Дар матни эъломия метавон ба чанд нуктаи муҳимми зерин ишора кард: аввалан, раванди сулҳ бояд таҳти роҳбарии худи мардуми Афғонистон ва дар асоси қатъномаҳои СММ ба роҳ монда шавад. Дуюм, яке аз омилҳои асосии муваффақияти ин раванди сулҳ, ҳамгироии қувваҳои мусаллаҳи мухолиф ба ҳаёти сиёсии кишвар ва пазируфтани онҳо ҳамчун нерӯи сиёсӣ ба шумор меравад. Саввум, ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди ҳама гуна шаклҳои терроризм мавқеи мушаххас гирифта, таҳдидҳое, ки аз терроризми фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории ташкилёфта сар мезананд, ҳамчун хатарҳои умумӣ барои суботи Афғонистон ва рушди устувори минтақа эътироф менамояд. Дар ҳамин замина, ҳамкориҳои низомиву сиёсӣ миёни Тоҷикистон ва Туркия низ густариш меёбанд.

Суханони муҳаққиқи тоҷик Султонов Ш. М., ки чандин сол пеш баён шудааст ба шароити нав чавобгуй мебошанд: «Муносибатҳои дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия аз хислати дӯстона ва самимона бархӯрдор буда, дар аксари ҳолатҳо мавқеъ ва арзёбиҳои ду кишвар нисбат ба рӯйдодҳои байналмилалӣ ва вазъи сиёсӣ дар минтақаҳои гуногун ҳамсон мебошанд. Мавқеи наздик ва мувофиқати назарии тарафҳо дар масъалаҳои муҳимми асри XXI, аз ҷумла мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир барои рушди ҳамкории фаъол ва судманд заминаи мусоид фароҳам овардааст»[58, с. 65].

Дар солҳои охир, Ҷумҳурии Туркия бо ҷалби кишварҳои Осиёи Марказӣ тадриҷан мавқеи ширкатҳои сармоягузории худро дар Афғонистон тақвият мебахшад. Ҷониби Туркия зарурати эҳёи иқтисодиёти Афғонистонро таъкид намуда, ба лоиҳаи “Ҳамлу нақли Лазурит” таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ин тарҳ интиқоли мол ва захираҳои энергетикиро ба Аврупо тавассути қаламрави кишварҳои Осиёи

Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва Озарбойҷон, дар назар дорад. Туркия ин масирро василаи муҳимми густариши равобити иқтисодӣ ва нақлиётии худ бо минтақаи Осиёи Марказӣ арзёбӣ мекунад.

Дар доираи ҳамин ҳамкориҳо, соли 2018 дар шаҳри Кобул байни Вазорати энергетика ва таъминоти оби Афғонистон ва ширкати туркии «Сохтмонсозӣ-77» созишномаи васеъсозии сарбанди Каджаки ба имзо расид. Ҷониби Туркия ба иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимми техникӣ дар ин лоиҳа таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст.

Ин равандҳои ҳамкории иқтисодӣ ва сармоягузорӣ шоҳиди афзоиши таваҷҷуҳи Туркия ба Афғонистон ва минтақа буда, иқтидори рушди ҳамкориҳои иқтисодии дуҷонибаро нишон медиҳанд. Аммо бояд таъкид кард, ки Туркия ба танҳоӣ имкони назорати комили вазъро дар Афғонистон надорад. Ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар тарҳҳои сиёсиву иқтисодӣ метавонад ҷойгоҳи Туркияро дар муносибатҳои байналмилалӣ дар фазои Евразия тақвият бахшад.

Туркия худро ҳамчун як маркази мустақили геополитикӣ ва қудрати макроиқлимии минтақавӣ мебинад, ки дорои манфиатҳои стратегии худ мебошад. Ин манфиатҳо метавонанд аз мавқеъҳои шарикони дигар, бахусус Иёлоти Муттаҳида, фарқ дошта бошанд ва ҳатто дар бархе ҳолатҳо ба онҳо мухолифат намоянд.

Рӯзи 1 марти соли 2016, 95-солагии барқарории муносибатҳои дипломатии байни Туркия ва Афғонистон ҷашн гирифта шуд. Дар тӯли таърихи тулонии робитаҳо, ин ду кишвар дар марҳилаҳои мухталиф бо ҳам роҳ бурдаанд. Дар шароити имрӯза, Туркия ҳарчи бештар омодагии худро ба он изҳор менамояд, ки ҳамчун ҳампаймони “бародаронаи” Афғонистон нақши фаъол бозида, барои эҳёи кишвар ва расидан ба суботи пойдор саҳмгузор бошад [30, С.76] Туркия дар доираи иштирокаш дар амалиёти СААШ бо номи «Кӯмаки қатъӣ» (Resolute Support) саҳми фаъол мегузорад ва ҳамзамон, ба Афғонистон кумакҳои

иқтисодиро ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам тавассути механизмҳои бисёрҷониба пешниҳод мекунад. Дар баробари ин, Туркия ба фаъолиятҳои башардӯстона дар Афғонистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд, хусусан дар соҳаи маориф.

Тибқи маълумотҳо, то соли 2019 бо дастгирии Туркия дар қаламрави Афғонистон 68 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна, аз ҷумла мактабҳои махсус барои духтарон, ё дубора барқарор шуда ё аз нав бунёд гардидаанд. Дар ин муассисаҳо ҳам омӯзгорони маҳаллӣ ва ҳам муаллимони турк фаъолият мекунанд.

Аз соли 2003 инҷониб, дар доираи барномаҳои давлатии Туркия, зиёда аз 1200 стипендия ба донишҷӯёни афғон дода шудааст, ки аз ин шумора 208 нафар барои таҳсилоти илоҳиёт равона шудаанд [152, С. 30].

Аз соли 2016 то 2018, Ҷумҳурии Туркия ҳамасола беш аз 250 тонна кӯмаки башардӯстонаро ба мардуми Афғонистон ирсол намудааст. Илова бар расонидани кӯмакҳои моддӣ, Туркия дар сохтмон, таҷдид ва муҷаҳҳазсозии муассисаҳои тиббӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ, масоҷид ва дигар иншооти инфрасохторӣ, аз ҷумла роҳҳо, пулҳо ва низомҳои таъминоти об саҳмгузорӣ кардааст.

Ҳамчунин, хизматчиёни ҳарбӣ ва аҳолии осоиштаи афғон имкони дарёфти кумаки тиббиро дар бемористонҳои Туркия ва муассисаҳои тиббии туркӣ дар қаламрави Афғонистон пайдо кардаанд. Дар ин давра, Туркия талошҳои худро ҷиҳати пуштибонӣ аз рушди иқтисодӣ ва бозсозии Афғонистон идома дода, нақши муҳимро дар ин раванд иҷро мекунад.

Дар ин замина, равобити сатҳи олии Тоҷикистону Туркия, аз ҷумла мулоқотҳо ва нишастҳои роҳбарони Туркия, Тоҷикистон ва Афғонистон барои пешбурди ҳамкории сегона ва густариши муколамаи сеҷониба миёни кишварҳо аҳаммияти ҷиддӣ доранд. Дар ҳамин росто, “Раванди Анқара” ҳамчун платформаи муҳимми ҳамкории сегона шинохта шуда,

дар солҳои 2013–2015 дар шаҳрҳои гуногуни Туркия бомуваффақият баргузор гардид.

Ҳузури роҳбарон, вазирони корҳои хориҷӣ, вакилони парлумон ва намояндагони низомии Туркия, Тоҷикистон ва Афғонистон нишони он аст, ки ин раванд барои муколама ва ҳалли мушкилоти минтақавӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Илова бар ин, Туркия мизбони як қатор конфронсҳо ва нишастҳои байналмилалӣ мебошад, ки ба масъалаҳои марбут ба Афғонистон ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ бахшида шудаанд. Чунин ҳамоишҳо заминаи муҳимми баҳсу баррасии роҳҳои ҳалли мушкилоти Афғонистон ва таъмини ҳамкории босамари кишварҳои минтақа мебошанд.

«Моҳи ноябри соли 2014, дар шаҳри Истанбул, шашумин Конфронси минтақавии ҳамкориҳои иқтисодӣ барои Афғонистон баргузор шуд. Дар доираи он, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои дуҷониба дар самти Афғонистонро баррасӣ ва ҳамоҳанг карданд. Ҳузури ҳайатҳо аз 27 кишвари дунё ва 14 созмони байналмилаливу минтақавӣ нишондиҳандаи аҳаммияти баланди ин ҷорабинӣ ва талоши ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ба роҳ мондани сулҳ ва рушди иқтисодӣ дар Афғонистон буд» [162].

Соли 2015 миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия мувофиқа ҳосил гардид, ки тамринҳои муштараки ҳарбӣ бо иштироки ҷониби Тоҷикистон баргузор карда шаванд. Ин иқдом нишондиҳандаи густариши ҳамкориҳои ҳарду давлат дар самти таъмини амният дар Афғонистон буда, дар баробари ин, ба таҳкими равобити дӯстона миёни кишварҳо мусоидат намуд.

Чунин нишастҳо ва ҳамоишҳои сатҳи баланд бозгӯи иродаи тарафҳо барои густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла амният, маориф ва рушди иқтисодӣ мебошанд. Иқдомҳои зикршуда заминаи мусоидро барои идомаи равобити мутақобилан судманд дар оянда фароҳам меоранд ва ба рушди устувору осоиштаи минтақа мусоидат мекунанд.

Бо вуҷуди ин, равандҳои воқеӣ дар Афғонистон ба сенарияи дигар рушд намуда истодаанд ва вазъият дар он кишвар тағйироти пурпечутобро паси сар мекунад.

Тавре муҳаққиқи тоҷик Шарифов Э.У. дуруст таъкид мекунад: «Тоҷикистон ва Туркия дорои манфиатҳои муштарак дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошанд. Аз ҷумла ин манфиатҳо иборатанд аз таҳкими истиқлолият ва якпорчагии миллӣ, ҳифзи ваҳдати дохилӣ, субот ва амнияти дохилӣ, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии динӣ».

Мавқеи наздик ва ҳамдигарфаҳмии тарафҳо дар масъалаҳои муҳимми ҷаҳонӣ шароити мусоидро барои тавсеаи минбаъдаи ҳамкорӣ дар ҳамаи самтҳо муҳайё месозад [80].

Бо мурури замон ва дар робита ба тақвияти талошҳои байналмилалӣ барои мубориза бо ҳаракати «Толибон», Ҷумҳурии Туркия мавқеи сиёсати хориҷии худро нисбат ба вазъи Афғонистон тағйир дод. Ин кишвар ба амалиёти ҳарбии байналмилалӣ пайваст ва иҷозати истифодаи фазои ҳавоӣ ва пойгоҳҳои низомии худро ба Иёлоти Муттаҳида барои анҷоми амалҳои дахлдор фароҳам сохт. Ҳамзамон, ҳукумати Туркия қарор қабул кард, ки як воҳиди нирӯҳои махсуси худро ба эътилофи зиддитеррористӣ ворид намуда, дар омодасозии ҷангҷӯёни Иттиҳоди Шимол (Северный альянс) ва назорати интиқоли кӯмакҳои башардӯстона саҳмгузор бошад.

Роҳбарияти Туркия аз ташкили ҳукумати фарогир дар Афғонистони пас аз режими толибон ҷонибдорӣ намуд, ки тамоми қавму гурӯҳҳои этникии асосиро дар бар гирад. Бинобар назари роҳбарони Туркия, маҳз чунин сохтор метавонад суботи дохилиро дар кишвар таъмин намояд. Президенти онвақтаи Туркия таъкид намуд, ки мардуми Афғонистон бояд сарнавишти худро мустақилона ва бидуни дахолати беруна ҳал кунанд. Ӯ зикр кард, ки намояндагони ҳаракати толибон, ки рафторашон мухолифи арзишҳои исломӣ арзёбӣ мешавад, набояд дар

сохтори ояндаи ҳокимият ширкат дошта бошанд, гарчанде аксари аъзои ин гурӯҳ аз қавми паштун мебошанд.

Туркия иштироки фаъолонаи худро дар равандҳои байналмилалии танзими вазъ дар Афғонистон идома дода, дар амалӣ шудани сулҳ ва субот дар минтақа саҳми худро мегузорад. Мавқеи фаъол ва чандҷонибаи Туркия ифодагари ҳадафмандии Анқара дар ҷустуҷӯи роҳҳои мусолиматомези ҳалли низоъҳо ва дастгирии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин самт, ҳамкории наздик бо кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши калидӣ мебозад.

Дар доираи шарикии Туркия ва Тоҷикистон нисбат ба вазъи Афғонистон, самтҳои асосии ҳамкорӣ иборат буданд аз:

Иштирок дар амалиёти “Кӯмаки қатъӣ” — пас аз оғози ин барнома, сафири Туркия дар Кобул ба ҳайси намояндаи асосии шаҳрвандии САAШ дар Афғонистон таъин гардид. Ҳамчунин, Туркия гурӯҳи тиббии ҳарбиро ба беморхонаи низомӣ дар Кобул ва як воҳиди низомиро ба фармондеҳии минтақавии “Шимол” фиристод.

Созишномаи чаҳорчӯбӣ оид ба ҳамкории ҳарбӣ — дар соли 2017 вазирони мудофиаи Туркия ва Тоҷикистон чунин созишномаро ба имзо расониданд, ки заминаи густариши ҳамкориҳои ҳарбӣ дар масъалаҳои Афғонистон, амнияти минтақавӣ ва саноати мудофиавиро фароҳам овард.

Танзими вазъ дар Афғонистон — яке аз самтҳои калидии равобит буд, ки тавассути музокирот ва иштироки ду кишвар дар ҷорабиниҳои байналмилалӣ амалӣ мегардид.

Дар ҳамин замина, моҳи феврали соли 2017 дар шаҳри Душанбе дар доираи ҷаласаи нӯҳуми Комиссияи байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодӣ, форуми соҳибкории “Тоҷикистон – Туркия” баргузор гардид. Ин ҷорабинӣ ба ҳайси платформаи муҳимми густариши ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва таҳкими робитаҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ хизмат

кард [94]. Дар ҷараёни он, натиҷаҳои ҳамкориҳои 25-солаи ду кишвар таҳлил гардида, онҳо ҳамчун «амалӣ ва таъсирбахш» арзёбӣ шуданд [94].

Қадами навбатӣ дар самти тақвияти ҳамкориҳои шарикии Тоҷикистону Туркия сафари ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Анқара 20 апрели соли 2022 ба шумор меравад.

Дар доираи сафари расмии сатҳи баланд, ки дорои аҳаммияти стратегии хос барои рушди муносибатҳои Тоҷикистону Туркия мебошад, вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковник Шералӣ Мирзо, ва вазири мудофиаи Ҷумҳурии Туркия, генерал Хулусӣ Акар, Созишномаи чаҳорчӯбӣ оид ба ҳамкории ҳарбӣ миёни ду кишварро ба таври расмӣ ба имзо расониданд. Ин санад ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқии асосӣ, заминаи мустаҳкам барои танзим ва густариши ҳамкориҳои бисёрсамта дар бахшҳои амниятӣ, низомӣ ва омӯзишӣ фароҳам меорад. Бо дарназардошти мавқеи геостратегии ҳар ду давлат, татбиқи муқаррароти ин созишнома метавонад на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи омодагии мудофиавӣ, балки ба таҳкими иқтидори амниятии минтақавӣ низ мусоидат намояд. Дар ҷараёни мулоқоти пушти дарҳои баста, ки дар фазои созанда ва бо риояи меъёрҳои баланди дипломатӣ баргузор гардид, ҷонибҳо масъалаҳои калидии вобаста ба амнияти минтақавӣ, таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи мудофиа, ҳамоҳангсозии фаъолияти муштарак барои мубориза бо таҳдидҳои нави амниятӣ, инчунин имкониятҳои рушди саноати мудофиавӣ ва истеҳсоли муштараки таҷҳизоти ҳарбиро баррасӣ намуданд.

Вазири мудофиаи Туркия Акар таъкид намуд, ки миёни Тоҷикистон ва Туркия робитаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии қавӣ вуҷуд доранд. Вай изҳор дошт, ки Анқара омода аст таҷрибаи худро дар самти ҳифзи марзҳо, мубориза бо терроризм ва омодагии ҳарбӣ бо Душанбе мубодила намояд.

Дар ҳамин замина, сафири Туркия дар Тоҷикистон Эмре Зеки Карагёл қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад нақши

калидиро дар раванди барқарорсозии субот дар Афғонистон бозад. Ба гуфтаи ӯ, ҳалли масъалаҳои Афғонистон бояд таҳти роҳбарии худи афғонҳо сурат гирад ва барои таъмини субот дар он кишвар икдомҳои мушаххас бояд амалӣ шаванд. Ӯ ишора кард, ки Тоҷикистон барои иҷрои чунин накш имкониятҳои воқеӣ дорад.

Муҳим он аст, ки Туркия ташкили ҳукумати фарогирро дар Афғонистон, ки намояндагони ҳамаи миллатҳо ва қавмҳои кишварро дар бар гирад, ҷонибдорӣ мекунад. Тоҷикистон низ мувофиқи мавқеи расмии сафири Туркия дар Душанбе дар раванди мусолиҳасозӣ дар Афғонистон саҳми муҳим дорад.

Шарикии Туркияву Тоҷикистон ба амалӣ шудани ҳадафҳои муҳиме равона гардидааст, аз ҷумла таъмини суботи сиёсӣ, амнияти минтақавӣ ва рушди босуботи Афғонистон. Ин ҳамкорӣ ҳамчунин ба таъмини ниёзҳои мардумии Афғонистон дар бахшҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, Туркия ба масъалаи таҳкими суботи сиёсӣ, пешбурди рушди иқтисодӣ ва расонидани кумакҳои башардӯстона дар Афғонистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунад, дар ҳоле ки нақши Тоҷикистон ҳамчун шарики стратегии ин кишвар дар расидан ба чунин ҳадафҳо муҳимму зарурӣ арзёбӣ мешавад.

Дар пасманзари таҳкими ҳамкориҳои низоми ва амнияти минтақави Тоҷикистону Туркия, зарур медонем ба баъзе вижагихзои ин ҳамкориҳо ишора намоем:

Якум, дар моҳи июли соли 2021, пас аз ду моҳ аз низои мусаллаҳона дар марзи Тоҷикистону Қирғизистон, вазири мудофиаи Туркия аввалин шуда Қирғизистонро боздид намуд. Дар он ҷо дар бораи созишҳо дар соҳаи ҳамкории низомӣ, ки натиҷаи сафари президенти Қирғизистон Содир Ҷапаров ба Туркия дар июни соли 2021 буд, гуфтушунид сурат гирифт. Натиҷаи иҷрои ин созишҳо миёни Бишкек ва Анқара харидории дронҳои бесарнишини Bayraktar TB2 барои Қирғизистон буд. Дар ин робита, ин ҷумҳурӣ аввалин кишвар миёни аъзои Созмони Паймони

Амнияти Дастҷамъӣ шуд, ки дронҳои низомии туркиро харидорӣ кард ва моҳи марти соли 2022 истифодаи онҳоро дар ҷараёни машқҳои тактикӣ эълон намуд.

Дуюм, дар солҳои охир Туркия тадбирҳои фаъоле барои густариши ҳамкории низомӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ меандешад. Манфиати давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳамкорӣ бо Анқара дар соҳаи низомӣ аз он сабаб буд, ки даргириҳо дар Қаробоғи Кухи бо истифодаи техникаи муосири низомии Туркия баргузор шуд, ки бартарии Озарбойҷонро равшан нишон дод.

Сеюм, ҷузъиёти созишномаҳои чаҳорчӯбави оид ба ҳамкории низомӣ байни Туркия ва Тоҷикистон маълум нест, вале гумон меравад, ки эҳтимол Тоҷикистон низ дронҳои шабеҳро харидорӣ мекунад. Туркия, ки ҳамчун пуштибони шарқии Ғарб амал мекунад ва аз заиф шудани хузури амнияти Россия дар минтақа истифода мебарад, тадриҷан ин холигиро пур мекунад. Анқара бо супоридани «Байрактарҳо» ба Тоҷикистон мувозинати низомӣ байни кишварҳоро тағйир дода, имконият пайдо мекунад, ки қисми эҳтимолии равандҳои музокира байни тарафҳои даргир бошад. Вале Туркия худро на танҳо ҳамчун давлати туркӣ, балки ҳамчун пешвои ҷаҳони ислом худро мекунад, ки эҳтимолан ҳамин тарзи бархурд ба фаъолияташ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон заминасози мекунад. Дар ҳамин асос, пас аз низои мусаллаҳона дар марзи Тоҷикистон, президенти Туркия Раҷаб Тайиб Эрдуғон тарафҳоро ба ҳалли осоиштаи зиддият даъват намуд.

Чорум, бо назардошти амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ва нигоҳ доштани мувозинати нуфузи акторҳои хориҷӣ баъди шуруъ шудани низои мусаллаҳонаи Россия ва Украина, Туркия қадамҳо барои фаъолсозии ҳамкорӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ мегузорад, ки мо инро дар солҳои охир мушоҳида мекунем. Дар ин робита барои Ҷумҳури Тоҷикистоне муҳим он аст, ки тамосҳои кишварҳои дигар бо Туркия ба зарари манфиатҳои амнияти Тоҷикистон истифода нашавад.

Солҳои охир байни Тоҷикистону Туркия барномаи ҳамкорӣ то соли 2026-ро имзо кардаанд, ки дар он ба ҳамкориҳои низоми таваччухи хос зоҳир гардидааст.

Ҳамин тавр, Туркия то имрӯз шарики муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистон шудааст, ки бо он алоқаҳои гуногунрангро рушд медиҳад. Дар тӯли тамоми давраи муносибатҳо байни тарафҳо музокироти сиёсӣ ҳамешагӣ идома ёфт, кишварҳо дар аксари масъалаҳои муҳимми байналмилалӣ ва минтақавӣ дар шароити глобализатсия мавқеи наздик доранд. Ин робитаҳо моҳиятан аз сиёсати «дарҳои боз», ки Президенти Эмомалӣ Раҳмон эълон кардааст, дастрас гаштаанд. Аз баракати чунин сиёсати окилона саҳифаҳои аввалини таърихи Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол бо хабари эътирофи кишвари мо аз ҷониби Туркия ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ оғоз мегардад.

Дар муносибатҳои дуҷонибаи низоми Тоҷикистон бояд ба баъзе хусусиятҳои махсуси сиёсати хориҷии Туркия таваҷҷуҳ намояд, ки имрӯзҳо зоҳиран ба сиёсати миллии Туркия дар «Асри Туркия» дахл доранд. Барои рафъи таҳдидҳо ва мушкилоти вазъияти ҳозира ва истифодаи имкониятҳои он лозим аст сиёсати хориҷии пурқувват дар маҳал ва сатҳи байналмилалӣ бо дипломати пешбинӣ ва баландманевр анҷом дода шавад.

Туркия, ки дар соли 2023 ҷашни 500-солагии ташаккули сиёсати хориҷии худро таҷлил намуд, дорои суннатҳои амиқи дипломатӣ ва таҷрибаи чандқабатаи таърихӣ мебошад. Неруи давлати мазкур аз маҷмӯи омилҳои муҳимми геополитикӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ сарчашма мегирад, аз ҷумла: ҷойгиршавии марказии ҷуғрофӣ, ки мавқеи стратегиро таъмин менамояд; таҷрибаи тӯлонии идоракунӣ ва дипломатияи муосир; сохтори устувори институтсионалӣ; захираҳои ғании инсонӣ, ки асоси рушди устуворро ташкил медиҳанд; ва иқтидори назарраси иқтисодӣ, ки ба густариши нуфузи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб дарк менамоянд, ки сиёсати хориҷии Туркия пули пайвасткунандаи суннатҳои таърихӣ бо дурнамои оянда мебошад. Дар даҳсолаи сеюми асри XXI ин сиёсати хориҷӣ, ки як ҷузъи ҷудонашавандаи системаи амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад, Туркияро ҳамчун қудрати минтақавии шунаванда ва таъсиргузор муаррифӣ менамояд. Ин мақом ба он имкон медиҳад, ки нақши калидӣ дар таҳкими сулҳ, субот ва амнияти минтақавӣ бозад, инчунин дар ташаккули муҳити ҳамкориву эътимод миёни давлатҳои минтақа саҳмгузор бошад.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия дар заминаи афзалиятҳои мубориза бо терроризм ва экстремизм, пешгирӣ аз низоъҳои мусаллаҳона ва ҳалли сулҳомези онҳо, ҳамчунин миёнаравӣ дар мунокишаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бунёд ёфтаанд. Туркия терроризм ва равандҳои ифротгароиро яке аз таҳдидҳои асосӣ ба низоми сулҳ ва амнияти ҷаҳонӣ мешуморад ва дар ин самт ҳамкории фаъол бо Тоҷикистонро яке аз унсурҳои муҳимми сиёсати амниятии худ медонад. Ин ҳамкорӣ на танҳо ба мубодилаи таҷриба ва таҳкими иқтидори ниҳодҳои дахлдор мусоидат мекунад, балки заминаи таҳкими эътимоди мутақобила ва рушди муносибатҳои стратегиро фароҳам меорад.

Туркия фаъолона бо терроризм мубориза мебарад, новобаста аз он ки кадом ташкилот ё бо чӣ асосе он амал мекунад.

Ба ақидаи раҳбарияти Туркия, дар минтақае, ки низоъҳои фаъол, хомӯшшуда ва эҳтимолӣ вуҷуд доранд, талафоти бузурги гуманитарӣ, харобиҳои иқтисодӣ ва муҳоҷирати оммавӣ ба амал меоянд. Аз ин рӯ, ҳаллу фасли сулҳомези низоъҳо калиди таъмини сулҳ ва амнияти минтақавӣ мебошад. Туркия дар пешгирӣ ва ҳаллу фасли сулҳомези низоъҳо нақши калидӣ мебозад ва ҳамчун миёнарав дар равандҳои байналмилалӣ фаъол аст.

Он ягона кишвари ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки дар айни замон вазифаи раисии муштараки Гурӯҳҳои дӯстони миёнаравиро дар се сохтори бонуфузи байналмилалӣ — Созмони Милали Муттаҳид (СММ),

Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ва Созмони Ҳамкории Исломӣ (СҲИ) — бар ӯҳда дорад. Ин мақом на танҳо нишони эътирофи нуфузи байналмилалии кишвар мебошад, балки далели мавқеи фаъол ва сиёсати фаъолонаи он дар таҳкими механизмҳои сулҳомез ва ҳамкорӣ миёни кишварҳо ба шумор меравад. Мавҷудияти чунин нақш имкон медиҳад, ки кишвар дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, пешбурди музокироти байнидавлатӣ ва тақвияти эътимод дар фазои байналмилалӣ саҳми муассир гузорад.

Ғайр аз фаъолият дар минтақа, Туркия конфронси байналмилалии Истамбулро оид ба миёнаравӣ баргузор намуда, рушди иқтидор ва барномаи «Миёнаравӣ барои сулҳ»-ро барои кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Исломӣ амалӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард:

1. Туркия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаи амнияти минтақавӣ, бахусус Афғонистон фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Туркия дар Афғонистон контингенти муайян дорад ва бо чанд чеҳраи элитаи сиёсии Афғонистон, аз ҷумла генерал Абдулрашид Дӯстум робита дорад. Илова бар ин, Анқара мизбони нишастҳои сеҷонибаи Туркия-Покистон-Афғонистон ва Раванди Истанбул аст, ки кишварҳои Осиёи Марказиро низ дар бар мегирад. Дар ҳошияи ин иртибот соли 2013 дар Алмаато ҷаласаи "Раванди Истамбул" баргузор гардида буд.

2. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия дар чаҳорчӯби афзалиятҳои муборизаи муштарак бо терроризм ва экстремизм, инчунин пешгирӣ ва ҳалли сулҳомези низоъҳо ва фаъолияти миёнаравӣ, аҳаммияти хоса касб менамояд. Ин ҳамкорӣ на танҳо ба таҳкими амнияти миллии ҳар ду кишвар мусоидат мекунад, балки ҳамчун унсури муҳимми системаи амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ арзёбӣ мегардад. Ҳарду ҷониб терроризм ва равандҳои ифротгароиро аз ҷумлаи таҳдидҳои ҷиддӣ ба суботи сиёсӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва

амнияти ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморанд, ки ин масъала зарурати ҳамкории наздик ва доимии онҳоро тақозо мекунад.

3. Бо дарназардошти аҳаммияти амнияти минтақавӣ ва зарурати нигоҳ доштани мувозинати нуфузи омилҳои хориҷӣ пас аз оғози низои мусаллаҳонаи байни Федератсияи Русия ва Украина, Ҷумҳурии Туркия иқдомҳои амалии муҷаддадро ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ рӯи даст гирифтааст. Ин иқдомҳо дорои хусусияти стратегӣ буда, ҳадаф аз онҳо таъмини субот, пешбурди робитаҳои иқтисодиву сиёсӣ ва тақвияти мавқеи Туркия дар фазои геополитикии минтақа мебошад.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки сарфи назар аз ҳодисаи соли 2021 (ба сари қудрат омадани Ҷунбиши Толибон – 2), саҳми Тоҷикистону Туркия дар ба эътидол овардани вазъи амниятии минтақа, аз ҷумла Афғонистон таъсири мусбат дошт.

## 2.3. Равобити фарҳангӣ ва гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия

Туркия дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои байналмилалӣ дорои иқтидори баланди зеҳнӣ, илми ва гуманитарӣ мебошад. Ин имкони ташаккули механизми ҳамкориҳои дуҷонибаро ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои зарурӣ дар самтҳои дар боло зикршуда ба вуҷуд оварад.

Бо дарназардошти воқеияти мавҷуда, метавон изҳор намуд, ки Ҷумҳурии Туркия пайваста ба рушди муназзам ва созандаи равобит бо Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Ин равобит на танҳо дар сатҳи расмии дипломатӣ, балки дар доираи ҳамкориҳои бисёрсамта сурат мегирад, ки фарогири соҳаҳои муҳимми фарҳанг, маориф, илм ва умуман, тамоми бахшҳои муҳимми соҳаи гуманитарӣ мебошад. Ҳарду кишвар тавассути роҳандозии барномаҳои муштараки фарҳангӣ, мубодилаи таҷрибаи таълимӣ, баргузории конфронсҳо ва семинарҳои байналмилалӣ, инчунин ташкил намудани рӯзҳои фарҳангии

Тоҷикистон дар Туркия ва баръакс, сатҳи ҳамкориро ба марҳалаи сифатан нав бардоштаанд. Ин амалкардҳо далели возеҳ аз онанд, ки ҷонибҳо на танҳо дар сухан, балки дар амал низ манфиатдории худро дар густариши ҳамкориҳои башардӯстона, таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва рушди заминаҳои устувори маориф барои наслҳои оянда собит месозанд. Дар маҷмӯъ, сиёсати ҳарду кишвар дар ин самт ба таҳкими дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат намуда, шароити мусоид барои татбиқи лоиҳаҳои нав ва густариши робитаҳои инсондӯстона фароҳам меорад.

Дар ин замина. метавон гуфт, ки Туркия бо истифода аз «неруи нарм» кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки нуфузи худро дар сатҳи минтақавӣ ва дар муносибатҳои дуҷониба густариш диҳад. Ин метавонад паҳн кардани кино, мусиқӣ, адабиёт ва санъат, ташкили ҷашнвораҳои фарҳангӣ ва мубодилаи донишҷӯёнро дар бар гирад. Тавре муаллифи доктринаи «Умқи стратегӣ: мавқеи байналмилалии Туркия» А.Довутоғлу менависад: «Ин ба Туркия имкон медиҳад, ки ҳамчун як давлати пештоз фаъолияти худро пурзур намояд, бо дигар давлатҳо робита барқарор кунад ва дар навбати худ сармоягузории худро дар рушди инфрасохтор ба роҳ монда, ҳадафҳои муштараки рушди минтақавиро дар амал пиёда намояд» [86, С.86].

Яке аз марҳилаҳои калидӣ ва муҳимми рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои маориф, фарҳанг ва масоили башардӯстона миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия, ба имзои Протоколи иловагӣ ба Барномаи ҳамкорӣ ва табодули таҷриба дар бахши маориф вобаста мебошад. Ин санади муҳимми байниҳукуматӣ, ки 16 октябри соли 2013 ба имзо расид, ҳамчун асоси ҳуқуқӣ ва амалии таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар самти рушди низоми таҳсилот, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, таъмини шароити мусоид барои омӯзиши забон ва фарҳанги ҳар ду миллат, ҳамчунин густариши муносибатҳои фарҳангӣ ва илмӣ хизмат мекунад. Ба шарофати ин

протокол, имкониятҳои нави табодули устодону донишҷӯён, ташкили семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ, баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангӣ ва мусобиқаҳои илмӣ-амалӣ фароҳам оварда шуда, заминаи устувор барои вусъати ҳамкорӣ дар самтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмию техникӣ ба вуҷуд омад.

Санади мазкур ба рушду таҳкими муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ дар самти таҳкими низоми таҳсилоти дунявии ду давлат асос мегузорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои гуманитаро бо Ҷумҳурии Туркия тавсеа дода, лозим дониста шуд, ки як маълумоти кофӣ аз низоми маориф, фарҳанг ва ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти гуманитарии ин кишвар дастрас гардад.

Ба назари мо инҷо бисёр муҳим аст, як маълумотномаи мухтасар дар мавриди сиёсати давлатӣ дар ннизоми маориф ва асосҳои хуқуқии он нишон диҳем, то бошад моҳияти масъала амиқ дарк карда шавад.

Сиёсати таҳсилотии Ҷумҳурии Туркия дар доираи низоми миллии маориф, ки ҳамчун як унсури калидии сохтори давлатӣ амал мекунад, танзим мегардад. Ин низом, ки заминаҳои ташаккул ва рушди он ба ислоҳоти ҷиддии таълимӣ, ҳуқуқӣ ва маъмурии Мустафо Кемол Ататюрк пас аз анҷоми Ҷанги Истиқлолияти Туркия вобаста аст, дар асоси принсипҳои давлатдории дунявӣ ва арзишҳои ислоҳоти кумалистӣ тарҳрезӣ шудааст. Мақсади аслии он на танҳо фароҳам овардани имконияти дастрасии баробар ба таҳсил барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа мебошад, балки инчунин омода намудани мутахассисони баландихтисоси дорои ҷаҳонбинии муосир, маҳоратҳои касбӣ ва қобилияти мутобиқ шудан ба талаботи бозори меҳнат. Низоми мазкур пурра таҳти назорати давлатӣ қарор дошта, тавассути қонунгузорӣ ва механизмҳои муассири идоракунӣ танзим мешавад. Илова бар ин, он бо мақсади таъмин намудани рушди устувори иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, ба ҳамгироии барномаҳои таълимӣ бо ҳадафҳои стратегӣ ва авлавиятҳои миллӣ равона гардидааст [1].

Аз лиҳози муҳтаво, низоми мазкур принсипҳои конститутсиониро фаро гирифта, таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, миёна, касбӣ, байналмилалӣ ва дигар зинаҳои таълимро дар бар мегирад.

Тибқи қонуни муттаҳидсозии таҳсилот, ки яке аз санадҳои калидии ислоҳоти низоми маорифи Ҷумҳурии Туркия ба ҳисоб меравад, тамоми муассисаҳои таълимӣ, новобаста аз шакли моликият ва самти фаъолияти онҳо, ба итоати пурраи Вазорати маориф гузаронида шудаанд.

Ин иқдом бо мақсади таъмин намудани ягонагии сиёсати таълимӣ, мутобиқсозии барномаҳо ба стандартҳои миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим роҳандозӣ гардид. Ба зиммаи Вазорати маориф на танҳо вазифаи идоракунии маъмурӣ, балки ҳамчунин татбиқи усулҳои инноватсионии омӯзиш, таҳияи барномаҳои таълимӣ дар асоси талаботи замони муосир ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи бозори меҳнат вогузор шудааст.

Вазорат вазифадор мебошад, ки дар тамоми сатҳҳои таълим, аз ибтидоӣ то миёнаи умумӣ ва махсус, муассисаҳои таълимӣ, курсҳои омӯзишӣ ва барномаҳои такмили ихтисосро таъсис ва дастгирӣ намояд. Илова бар ин, он барои таъмини дастрасии баробар ба таҳсилот ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакони дорои ниёзҳои махсуси таълимӣ, муассисаҳои махсусро ташкил ва таҷҳиз менамояд. Дар ин самт, Вазорат ҳамчунин меъёрҳо ва санадҳои танзимкунандаро таҳия ва татбиқ мекунад, ки фаъолияти муассисаҳои таълимиро ба танзим медарорад ва назорати мунтазами сифати онҳоро таъмин месозад [2].

Таҳсилоти ҳатмӣ дар Ҷумҳурии Туркия 12 солро дар бар мегирад. Таълими ибтидоӣ ва миёна аз тарафи давлат маблағгузорӣ шуда, барои кӯдакони синни 6 то 18 сола дар мактабҳои давлатӣ ройгон аст.

Дар соли 2001, фарогирии кӯдакони синну соли муайяншуда дар муассисаҳои таҳсилоти умумибачагона қариб ба сатҳи 100 фоиз расид, ки

ин нишондиҳанда гувоҳ аз сатҳи баланди дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои маориф мебошад. Гарчанде ки таҳсилоти миёнаи болоӣ (синфҳои олӣ) тибқи қонунгузории Туркия шакли ҳатмӣ надорад, аммо нақши он дар таъмини имконияти идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ калидӣ ва ҳалкунанда мебошад. Маҳз хатми босифати ин зинаи таҳсилот заминаи муҳимми омодагии донишҷӯён барои қабул шудан ба донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мегардад. То соли 2013, дар қаламрави Ҷумҳурии Туркия 166 муассисаи таҳсилоти олӣ ба таври расмӣ ба қайд гирифта шуда буд, ки ин шумора дорои донишгоҳҳои давлатӣ, донишгоҳҳои хусусӣ, институтҳо ва муассисаҳои амалӣ-касбӣ мебошад. Ин рушди инфрасохтори таҳсилоти олӣ дар Туркия, аз як тараф, ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни бозори меҳнат буда, аз ҷониби дигар, имкониятҳои васеи таҳсилотиро барои ҷавонон таъмин мекунад. Илова бар ин, афзоиши шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар давраи мазкур нишонаи сиёсати устувори давлатӣ дар самти рушди кадрҳои баландихтисос ва тақвияти неруи зеҳнии кишвар мебошад.[3]

«Сохтори низоми миллии маорифи Туркия баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Туркия тадриҷан ташаккул ёфта, дар асоси Қонуни №2287, ки соли 1933 қабул гардид, бозсозӣ шуд. Дар ин раванд, Вазорати маориф якчанд маротиба ном ва сохтори худро тағйир дод. Қонуни таҳсилот №430, ки 3 марти соли 1924 ба тасвиб расид, боиси муттаҳидсозии се шохаи гуногуни таълим гардид: шохаи аввал комилан барҳам дода шуд, дуюм ба таври навсозишуда таҳия гардид ва шохаи сеюм ба тобеияти мустақими Вазорати маориф ворид шуд. Яке аз ҳадафҳои калидии ин қонун воридсозии дунявият (секуляризм) ба низоми таълимӣ буд» [6].

«Дар асоси Қонуни ташкили низоми таҳсилот №789, ки 22 марти соли 1926 қабул гардид, Вазорати маорифи миллӣ вазифадор шуд, ки сатҳ ва баробарии мактабҳои давлатӣ ва хусусии мавҷуда ё онҳое, ки дар оянда боз хоҳанд шуд, муайян намояд» [2].

«Дар моҳи июли соли 2017 Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия таҳти роҳбарии ҲҲАР барномаи нави таълимии мактабҳоро муаррифӣ намуд. Бар асоси ин тағйирот, назарияи эволютсия аз китобҳои дарсӣ хориҷ карда шуд ва дар баробари ин, мафҳуми “ҷиҳод” ҳамчун бахше аз ҳуқуқи исломӣ ворид гардид» [8].

«То моҳи январи соли 2022, шумораи омӯзгорон дар низоми таълимии Туркия ба 729 487 нафар расидааст» [131].

«Таҳсилоти томактабӣ таълими ихтиёрии кӯдакони аз 3 то 6-соларо фаро мегирад, ки ҳанӯз ба синни таҳсилоти ҳатмии ибтидоӣ нарасидаанд. Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ метавонанд кӯдакистонҳои мустақил, яслиҳо ва марказҳои таълимии амалӣ бошанд, ки барои кӯдакони ҷисман омода таҳия мегарданд» [6].

Чунин хизматрасониҳо, ки нақши калидӣ дар таъмини рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон доранд, асосан аз ҷониби Вазорати маорифи миллӣ роҳандозӣ мегарданд ва ҳамзамон бо ҳамкории дигар вазоратҳо, идораҳо ва муассисаҳои дахлдор амалӣ мешаванд. Ин инфрасохторҳо шаклҳои гуногунро фаро мегиранд, аз ҷумла кӯдакистонҳои давлатӣ ва хусусӣ, марказҳои муосири нигоҳубини рӯзона, хонаҳои парасторӣ барои кӯдакони ниёзманд, инчунин муассисаҳои таълимии кӯдакона, ки ба талаботи синну сол ва хусусиятҳои рушди равониву ҷисмонии кӯдакон мутобиқ гардонида шудаанд. Ҳадафи асосии ин марказҳо на танҳо фароҳам овардани шароити нигоҳубин ва таълим, балки рушди қобилиятҳои интеллектуалӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии кӯдакон дар муҳити бехатар ва ҳавасманд мебошад. Татбиқи чунин хизматрасониҳо дар доираи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои миллии рушди маориф, ҳамчунин бо ҷалби сармояи хусусӣ ва дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ сурат мегирад, ки имконият медиҳад то шабакаи муассисаҳо пайваста тавсеа ёфта, дастрасии кӯдакон ба таълимоти босифат таъмин гардад. Танзими фаъолияти онҳо тибқи муқаррароти

дахлдори даҳ қонун, ду санад ва даҳ санади зерқонунӣ амалӣ мегардад [10].

«Мактабҳои ибтидоӣ (İlköğretim Okulu) 4 сол идома карда, кӯдакони аз 6 то 14-соларо фаро мегиранд. Ин зинаи таҳсилот барои тамоми шаҳрвандон ҳатмӣ буда, дар мактабҳои давлатӣ ройгон пешниҳод мегардад. Мактабҳои ибтидоӣ таълиму тарбияи мунтазамро дар тӯли ҳашт сол таъмин менамоянд ва пас аз анҷом дипломи таҳсилоти ибтидоӣ дода мешавад» [6]. Солҳои аввали таълим, яъне чор соли аввал, бо номи "Сатҳи аввал" (İlkokul 1. Kademe) низ шинохта мешаванд.

Дар синфҳои якум то сеюм, низоми таълим дар Ҷумҳурии Туркия ба чаҳор фанни асосӣ такя мекунад: забони туркӣ, риёзиёт, фанни «Маълумот дар бораи ҳаёт» (Hayat Bilgisi) ва як забони хориҷӣ. Ин комбинатсияи фанҳо барои ташаккули дониши ибтидоӣ, малакаҳои тафаккури мантиқӣ ва ҷаҳонбинии умумии хонандагон заминаи устувор фароҳам меорад. Дар синфи чорум, бо мақсади амиқтар гардонидани таҳсилоти илмӣ, фанни «Маълумот дар бораи ҳаёт» бо ду фанни мустақили «Илм» ва «Илмҳои ҷамъиятӣ» иваз карда мешавад. Забони хориҷии интихобшаванда вобаста ба мактаб метавонад англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ ё испанӣ бошад, ки ин ҳолат ба сиёсати мактаб ва имкониятҳои инфрасохтории он вобаста аст. Дар баъзе муассисаҳои хусусӣ, бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии шогирдон дар арсаи байналмилалӣ, ду забони хориҷӣ ҳамзамон таълим дода мешаванд.

Қаблан, истилоҳи «мактаби миёна» (orta okul) ба марҳилаи се соли таҳсил пас аз панҷ соли ибтидоӣ дахл дошт. Имрӯз бошад, чор соли дуюми таҳсилоти ибтидоӣ баъзан бо номи «Сатҳи дуюм» (İlkokul 2. Kademe) ном бурда мешаванд. Мактабҳои ибтидоӣ метавонанд шакли давлатӣ ё хусусӣ дошта бошанд. Дар мактабҳои давлатӣ таҳсил комилан ройгон буда, маблағгузории онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ сурат мегирад, дар ҳоле ки муассисаҳои хусусӣ ҳаққи таҳсилро мутобиқи сиёсати дохилии худ муайян мекунанд. Бартарии мактабҳои хусусӣ дар

он аст, ки дар онҳо таълими забони хориҷӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шуда, омӯзгорони дорои забони модарии фанни таълимӣ ҷалб мегарданд, ки ин сатҳи дониши хонандагонро назаррас боло мебарад.

Марҳилаи маорифи миёнаи умумӣ дар Туркия тамоми муассисаҳои таълимии умумӣ, касбӣ ва техникиро дар бар мегирад, ки пас аз хатми зинаи ибтидоӣ, на камтар аз се соли таҳсилро фаро мегиранд. Ин марҳила барои таҳкими дониши умумӣ, ташаккули малакаҳои касбӣ ва омодасозии хонандагон ба таҳсилоти олӣ хизмат мекунад. Қоидаҳои қабул ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи олӣ (мактабҳои болоӣ) қариб ҳамасола ислоҳ мешаванд, ки ин ба талаботи бозори меҳнат ва сиёсати давлатӣ мутобиқ гардонида мешавад. Ҳадафи асосии ин зинаи таҳсилот — фароҳам овардани заминаи устувори донишҳои назариявӣ ва амалӣ, мусоидат ба интихоби дурусти касб ва омода намудани хонандагон барои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ бо дарназардошти шавқу завқ ва қобилияти шахсии онҳо мебошад.

«Маорифи миёнаи умумӣ асосан ба шахсони аз 15 то 17-сола равона шудааст ва, одатан, на камтар аз се соли пас аз таҳсилоти ибтидоиро фаро мегирад. Ба ин зина мактабҳои миёнаи умумӣ, мактабҳои бо забони хориҷӣ таълимдиҳанда, мактабҳои миёна, мактабҳои илмҳои табиӣ ва муассисаҳои санъати миёна дохил мешаванд» [10].

«Маорифи миёнаи касбӣ ва техникӣ бошад, муассисаҳои таълимиро дар бар мегирад, ки хонандагонро барои бозори меҳнат омода намуда, онҳоро инчунин барои таҳсилоти олӣ омода месозанд ва ҳадафҳои таҳсилоти миёнаи умумиро амалӣ менамоянд. Ба ин зина мактабҳои техникии писарон, мактабҳои техникии духтарон, муассисаҳои соҳаи савдо ва туризм, муассисаҳои динии таҳсилот, мактабҳои серсамта, мактабҳои махсусгардонидашуда, муассисаҳои хусусӣ ва муассисаҳои тиббӣ дохил мешаванд» [10].

Маорифи миёнаи умумӣ, ки дар муҳити илмӣ ва низоми таҳсилоти Туркия аксар вақт ҳамчун «таҳсилоти мактаби олӣ» ифода меёбад, бо

сабаби хусусияти ташаккулдиҳандаи худ барои таҳсилоти минбаъда ва бозори меҳнат, аҳаммияти калидӣ дорад. Ин навъи таҳсилот дар Туркия бо номи «литсей» (lise) маъруф буда, ба зинаи ниҳоии таҳсилоти миёна мансуб мешавад. Литсейҳо, вобаста ба шакл ва мазмуни барномаи таълимӣ, ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд: литсейҳои умумӣ ва литсейҳои касбию техникӣ.

Дар мактабҳои давлатии умумӣ ва касбӣ, хонандагон мувофиқи барномаи стандартӣ ҳар рӯз ба ҳисоби миёна шаш дарс мегиранд, ки ҳар яке тақрибан 40 дақиқа давом мекунад. Дар мактабҳои хусусӣ ва муассисаҳои таълимии сатҳи миёна, барнома метавонад то ҳашт дарсро дарбар гирад, ки ба он вақти муайян барои хӯроки нисфирӯзӣ низ дохил мешавад. Ин усули ташкилӣ ба танзими самараноки раванди таълим ва нигоҳ доштани тавозуни байни фаъолиятҳои зеҳнӣ ва истироҳат мусоидат мекунад. Барномаи таҳсилоти синфи 9 дар саросари кишвар муттаҳид буда, танҳо дар баъзе муассисаҳо фарқиятҳои ночиз дорад. Фанҳои асосӣ дар ин зина иборатанд аз: забони туркӣ ва адабиёти туркӣ, риёзиёт, физика, химия, биология, геометрия, таърихи умумиҷаҳонӣ, ҷуғрофия, асосҳои дин ва ахлоқ, тарбияи ҷисмонӣ, забони хориҷӣ (одатан англисӣ) ва забони дуюми хориҷӣ (маъмулан олмонӣ, аммо метавонад фаронсавӣ, итолиёӣ, арабӣ, русӣ ё чинӣ бошад).

Дар литсейҳои касбию техникӣ, барнома бештар ба омодасозии хонандагон барои ихтисосҳои мушаххас нигаронида шудааст, дар ҳоле ки литсейҳои илмӣ ба омӯзиши амиқи фанҳои дақиқ ва табиӣ равона мегарданд. Дар синфҳои 10, 11 ва 12, фанҳои ҳатмӣ инҳоянд: забони туркӣ ва адабиёти туркӣ, таърихи Ҷумҳурии Туркия ва тарбияи шаҳрвандӣ. Вобаста ба ихтисос ва самти таҳсил, фанҳои иловагӣ низ таълим дода мешаванд, аз ҷумла: риёзиёт, геометрия, статистика, физика, химия, биология, ҷуғрофия, фалсафа, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, иқтисодиёт, мантиқ, санъат ва мусиқӣ, ҳаракат ва тандурустӣ, технологияҳои иттилоотӣ, тарбияи ҷисмонӣ, инчунин

забонҳои хориҷии якум ва дуюм. Ин сохтори барномавӣ, ки мутобиқи меъёрҳои Вазорати миллии маорифи Туркия таҳия шудааст, ба ташаккули шахсиятҳои ҳамаҷониба ва омода ба зиндагии иҷтимоӣ ва касбӣ мусоидат менамояд, ҳамзамон бо ин заминаи устувор барои таҳсилоти олӣ фароҳам меорад.

Пас аз хатми синфи 12, хонандагон имтиҳони хатмро месупоранд, ки барои иштирок дар озмуни қабул ба донишгоҳҳо ва идомаи таҳсилоти олӣ зарур аст. «Барномаи бакалавриати байналмилалӣ (IB) дар Туркия низ мавҷуд аст; нахустин муассисаи таълимии Туркия дар ин самт аз ҷониби созмони байналмилалии IB тасдиқ шуда буд ва то имрӯз 53 муассиса як ё якчанд барномаи IB-ро амалӣ менамоянд» [13].

«Маорифи миёнаи касбӣ ва техникӣ муассисаҳоро фаро мегирад, ки на танҳо хонандагонро барои фаъолияти меҳнатӣ дар соҳаҳои гуногун омода месозанд, балки онҳоро ба таҳсилоти олӣ низ равона мекунанд. Ба ин зина муассисаҳои касбии техникии писарон ва духтарон, мактабҳои соҳаи туризм ва савдо, муассисаҳои динии таҳсилот, мактабҳои серсоҳавӣ, муассисаҳои махсус, мактабҳои хусусӣ ва тиббӣ дохил мешаванд» [10].

«Дар моҳи марти соли 2012 Маҷлиси Миллии Бузурги Туркия қонуни нави марбут ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаро ба тасвиб расонд, ки он дар миёни мардум бо номи «4 + 4 + 4» маъруф аст. Ин тартиб иборат аст аз: 4 соли зинаи аввалини таҳсилоти ибтидоӣ, 4 соли зинаи дуюми ибтидоӣ ва 4 соли таҳсилоти миёна. Мувофиқи ин қонун, кӯдакон таҳсилро дар моҳи сентябри соли хониш оғоз мекунанд, пас аз он ки синни 6-солагиро пур кунанд, ва таҳсилоти ибтидоиро то синни 14-солагӣ ба анҷом мерасонанд» [1].

То моҳи августи соли 2022, дар қаламрави Ҷумҳурии Туркия 208 муассисаи таҳсилоти олӣ фаъолият мекард [13].

Қонуни таҳсилоти Туркия заминаи ҳуқуқии низоми маорифи онро ташкил медиҳад. Қонуни асосӣ — Қонуни № 1739 — таъкид мекунад, ки

маориф бояд дунявӣ ва илмӣ бошад ва барои ҳамаи шаҳрвандон дастрас бошад. Қонуни мазкур принсипҳои асосии системаи маорифии Туркияро, аз ҷумла ҳуқуқҳои баробар ва таъмини муҳити бехатар бе таъқиби ҳаршаклӣ барои ҳамаи хонандагон, баҳо медиҳад.

Фарзандони дорои ниёзҳои махсус метавонанд барномаҳои инфиродӣ (индивидуалӣ)-ро дар доираи мақоми мазкур қабул кунанд, ки ин ба заминаҳои ҳуқуқии таҳсили фарогир асос мегузорад. Омӯзгорон бо рӯйи қоидаҳои устувор, аз ҷумла адвокатсияйи касбӣ ва кафолатҳои озодии таълим, эҳё мешаванд. Вазорати маорифи миллӣ ин равандҳоро тавассути сиёсати мунтазами беҳсозӣ ва рушд идора мекунад.

Дар ҳамин ҳол, ин система бояд дар назорати пайвастаи стандартҳои ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ бо иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти қонунгузор кор карда шавад, то маҳсулнокӣ ва адолат дар таҳсилот таъмин гардад. Ин раванд ба бунёд шудани низоми мустаҳкам, яксон ва одилонае мусоидат мекунад, ки дар он қобилияти омӯзгорон ва хонандагон пурра инкишоф меёбад.

Аввалин принсипи қонун — озодии академӣ — риояи таҳқиқ, истифодаи фикрҳои нав ва баҳси озод бидуни сензура ва ҷазо мебошад. Ин озодӣ дар чаҳорчӯби меъёрҳои умумии таълимӣ муқаррар шудааст. Омӯзгорон бояд мувозинати байни стандартҳои давлатӣ ва арзишҳои академиро ҳифз кунанд, хонандагон бошад, бояд озодиҳои фикриро дар ҳудуди эҳтироми ҳуқуқи дигарон ва қоидаҳои таълимӣ истифода кунанд.

Қонуни мазкур, дар баробари таъмини муҳити таҳсил мувофиқ ба талаботи замони муосир, бо такя ба вожаҳо ва меъёрҳои зикршуда, низоми мукаммали ташкили равандҳои таълимиро муайян месозад. Дар он тартиби қулай ва шароити мусоид барои хонандагон, аз ҷумла ташкили вақти дарсӣ, усулҳои муассири омӯзиш, таъмини васоили зарурии таълимӣ, ҳамчунин ҳифзи ҳуқуқи хонандагон аз ҷиҳати интихоби тахассус, пешгирии ҳолатҳои таъқиб, зӯроварӣ ба таври дақиқ дарҷ гардидааст. Қонун инчунин ба масъалаи таъмини баробарии

имкониятҳо барои хонандагони дорои маъюбият аҳаммияти вижа медиҳад. Бо ин мақсад, қоидаҳо ва стандартҳои махсус таҳия шудаанд, ки дастрасии комил ба инфрасохтори мактабӣ, воситаҳои техникӣ ва барномаҳои таълимиро барои онҳо таъмин менамоянд. Ин иқдомҳо на танҳо барои фароҳам овардани муҳити фарогир ва инклюзивӣ, балки барои ташаккули шароити баробар дар рушди зеҳнӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳамаи хонандагон равона шудаанд.

Манфиатҳои омӯзгорон низ дар ин қонун дар назар гирифта мешаванд, чун пешравии касбӣ, шароити корӣ, озодии эҷодӣ, ҳамчунин ваколати муҳимму ҳуқуқӣ барои ҳифзи малака ва фаъолият кафолат дода мешавад. Механизмҳо барои ҳалли низоъҳо ва муроҷиатҳо низ пешбинӣ шудаанд.

Ҳамчунин, бояд таъкид кард, ки хонандагон метавонанд тавассути Шӯроҳои донишҷӯӣ ва дигар василаҳои матлуб мекунанд дар решаканшавии таҳсилот нақши мустақил дошта бошанд ва оиларо низ дар ин раванди муҳимми таҳсил ҷалб карда мешавад.

Дар маҷмӯъ, қонуни маорифи Туркия мекӯшад, ки мувозинати сатҳи баланд ва фарогириро дар таҳсилот ҳифз кунад, бо ба эътибор гирифтани гуногунрангии эҳтиёҷоти хонандагон, манфиатҳои омӯзгорон ва масъулияти иҷтимоиро тавассути низоми таҳсил муҳайё созад.

Бо дарназардошти натиҷаҳои баррасиҳои анҷомшуда дар робита ба сиёсати миллии маориф ва заминаҳои ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Туркия, метавон хулоса кард, ки муассисаҳои таълимии хусусӣ, аз ҷумла шабакаи мактабҳои марбут ба Фатҳуллоҳ Гюлен — шахсияти маъруф ва таъсиргузор дар соҳаи маориф, ки ҳамчун раҳбари ҷунбиши байналмилалии «Хизмат» шинохта мешавад, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши назаррас ва муассир ифо карданд. Ин муассисаҳо, ки дар доираи низоми таҳсилоти хусусӣ амал мекарданд, на танҳо ба таълими фаннҳои стандартӣ машғул буданд, балки тавассути барномаҳои иловагӣ, таълими забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияҳои муосири

омӯзишӣ ва ташкили муҳити таълимии рақобатпазир, саҳми ҷиддӣ дар баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ва рушди зеҳнӣ-фарҳангии насли нав гузоштанд. Бо дарназардошти шароити таърихӣ ва ҷуғрофии минтақа, ин гуна муассисаҳо ба густариши робитаҳои фарҳангӣ, маорифӣ ва иқтисодӣ миёни Туркия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат намуда, заминаи ҳамгироии минбаъдаи онҳо дар фазои таълимии ҷаҳониро таъмин карданд.

Дар ибтидои асри XXI ба далели инки дар ҷомеаи Тоҷикистон баҳс дар атрофи Ф. Гюлен зиёд буд, зарурат ба миён омад, тафсилоти зиёде дар мавриди ҳамкориҳои ҳарду кишварро оиди низоми маориф ва мақому нақши системаи таълимии хусусии Ф.Гюлен анҷом дода шудааст. Дар таълимоти Ф.Гулен ба бартарии миллӣ таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад [105, С.145].

Гюлен аз пайравони Бадеъуззамон Саид Нурсӣ маҳсуб мешавад, ки бо тафсири муосири Қуръон [105, С.153] маъруф аст. Масалан, ҳангоми омӯзиши ислом асосан шарҳҳои С. Нурсӣ ва худи Ф. Гюлен истифода мешаванд. Масалҳои мухталифи туркӣ оварда шудаанд, ки ба унвони як навъ ҳадиси ибратбахш пешниҳод шудаанд; омӯзиши забони туркӣ вазифаи ҳар як узви ҷомеа арзёби мегардад; дар бораи нақш ва аҳаммияти империяи усмонӣ ва туркҳо дар таърихи ҷаҳон бисёр гуфта шуда, ба равобити туркҳо бо халқҳои туркзабон таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Фарҳанги туркӣ аслан дар афзалиятҳои мардум, тарзи либоспӯшӣ ва шеваҳои иҷрои расму ойинҳои гуногуни мазҳабӣ ҷойгир шудааст, ки байни дастурҳои динӣ ва урфу одатҳои туркӣ норавшан аст [105, С.146].

Фаҳмидани он хеле душвор буд, ки дар кучо сухан дар бораи фарҳанги туркӣ меравад ва дар кучо, воқеан, дар бораи фарҳанги ба таври умум пазируфташудаи исломӣ. Тибқи таълимоти С.Нурсӣ, рӯҳи мӯъмин дар сурати се бор хондани «Рисола-и Нур» метавонад ба ҳама саволҳо посух диҳад [99, С.296]. Дар ин асос пайравони Ф.Гюлен барои

тарғиби ғояҳои худ марказҳои омӯзишии фарҳангӣ ва маърифатӣ таъсис доданд.

Дар таълимоти Ф.Гюлен на ба суннатҳои ҳазрати Муҳаммад, балки ба гуфтаҳо ва дидгоҳҳои исломи С.Нурсӣ ва худи Ф.Гюлен аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад. Бояд гуфт, ки ҳамаи тарафдорони ҳаракати «Хизмат» ақидаи таълимоти С.Нурсӣ доранд. Аммо, чунон ки П. В. Шликов менависад: «Нурсишиносон мактаб намесозанд, лоиҳаҳои бузурги фарҳангию маърифатиро амалӣ намекунанд, фаъолияти онҳо аз ташкили хониши дастаҷамъонаи «Рисала-и Нур» ва ҳалли вазифаҳои фарҳангии паҳн кардани таълимоти Нурсӣ иборат мебошад» [83, С.362].

То ба солҳои 2013-2014, Гюленчиён дар Туркия мансабҳои хеле баланди давлатӣ доштанд ва бисёре аз онҳо дар элитаи тиҷорӣ ва илмии Туркия намояндагӣ мекунанд.

Тавре сиёсатшиноси рус Л.В. Савин менависад: «На танҳо бисёре аз афсарони ҳукумати кунунии Туркия бо ҷунбиши Гюлен робита доштанд, балки намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ба назар мерасад, ки аз рӯйи интишорот дар матбуоти ҷаҳонӣ баргашт ба ислом аз ҷонибдорони қуввањои муайян ҳамчун гардиши аҷиб ба решаҳои фарҳангии гумшуда, мероси Румӣ, Арабӣ ва дигар шоирони ирфонӣ маҳсуб меёбад [116, С.39]. Бояд гуфт, ки тасаввуф дар Туркия расман мамнӯъ аст, аммо дар амал «Гюленчиён» пайравони ҳамин ҷараён мебошанд. Бо вуҷуди ин, муносибатҳо бо мақомот то рӯйдодҳои охир хуб буд, зеро Ф. Гюлен аз ҲҲАР аз замони таъсисаш аз он пуштибонӣ мекард [117, С.473]. Шубҳае нест, ки мавқеи ҷунбиш, ки баъдан «Хизмат» номида шуд ва пуштибонии он аз ислоҳоти Эрдуғон дар сиёсати Эрдуғон нақши муҳим ва пешбарӣ доштааст [105, С.165].

Агар мушаххастар гӯем, равобити мақомоти Туркия ва «гюленчиён» ба таври умум то оғози «баҳори араб» то замоне ки ихтилофоти шадид дар дидгоҳи сиёсати хориҷии Туркия дар кишварҳои ҳамсояи Туркия ба вуҷуд омад, хеле хуб буд. Кор ба ҷое расид, ки дар соли 2013 дар

саросари Туркия «поккуниҳо» сурат гирифт, ки моҳияти он аз байн бурдани нуфузи сиёсии Ф. Гюлен тавассути барканории ӯ аз қудрат буд. 75 нафар сиёсатмадор, мансабдорон ва дигар шахсони бонуфузи марбут ба ҷунбиши «Хизмат» аз мақомоти давлатӣ барканор карда шуданд. Сабаби ин поксозӣ ифшои як силсила амалҳои фасод буд. Бо вуҷуди ин, Гюленчиён фаъолияти худро дар хориҷ аз Туркия идома медиҳанд, зеро то моҳи июли соли 2016 аз ҷониби ҳукумати Туркия нисбат ба онҳо ҷораи ҷиддӣ андешида нашудааст. Ин иқдом ба характери муносибатҳо бо Тоҷикистон таъсири хосе гузошт. Дар дигар воқеаҳои, ки дар Туркия ба вуқӯъ пайвастанд, қайд кардан лозим аст, ки ба гуфтаи раҳбарияти Туркия, Ф. Гюлен ва ҷонибдорони ӯ ширкат доштанд. Аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳим кӯшиши табаддулоти давлатӣ дар Туркия мебошад, ки рӯзҳои 15-16 июли соли 2016 ба вуқӯъ пайваст, пас аз ин ҳодисаҳо Ф.Гюлен ба терроризм ва ташкили табаддулоти давлатӣ айбдор дониста шуд.

Агар дар ин марҳила ба муҳтавои муносибатҳои дуҷонибаи фарҳангии Тоҷикистону Туркия шинос шавем мебинем, татбиқи як қатор лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи маориф ба қайд гирифта мешавад.

Тавре мушоҳида мешавад, маҳз дар ҳамин давра дар ҷумҳурӣ шаш мактаб-интернати муштараки тоҷикию туркӣ, ки баъзеи онҳо қаблан ташкил ёфта буданд, мукаммал мегардад. Дар соли 2014 дар асоси Протоколи иловагӣ ба созишномаи ҳамкорӣ байни Вазоратҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия оиди системаи муассисаҳои таълимии «Шалола» амалкарди фаъолияти ин муассисаҳои таълимӣ тавсеа меёбанд. Баъдан дар сатҳи Вазорати маорифи ҷумҳурӣ дар бораи тавсеаи литсейҳои тоҷикӣ-туркӣ дар шаҳрҳои Турсунзода, Душанбе, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд, ки дар мавриди тъсиси онҳо қаблан иқдом сурат гирифта буд, ҷораҳои иловагӣ андешида мешавад. Масалан, беҳтар кардани шароити кории муаллимон, васеъ кардани воҳиди корӣ, зиёд кардани қабули талабагон ва г. Дар ин давра танҳо дар шаҳри Хоруғ,

литсейи туркӣ амал намекард [139]. «Бо дарназардошти зарурат, мактабҳои тоҷикӣ-туркии Шалола, ки дар соли 2013 ба буҷаи давлат беш аз 5 миллион сомонӣ андоз ворид намуда, дар тӯли 10 сол дар олимпиадаҳои байналмилалӣ 484 медал, аз ҷумла 88 тилло, 130 медали нуқра ва 266 биринҷӣ ба даст овардаанд, соли 2015 ин ширкат аз мақоми муассис маҳрум шуда, литсейҳо ба мактабҳои кӯдакони лаёқатманд табдил дода шуданд» [161].

Ин як падидаи ҷадид дар равобити Тоҷикистону Туркия буд, ки литсейҳо бо дархости раисиҷумҳури Туркия Раҷаб Тайиб Эрдуғон баста мешаванд, ва ба исбот росонида мешавад, ки «Шалола» як ширкати вобастаи ба ҷумбиши «Хизмат» аст ва ба мухолифи мақомоти роҳбарии Туркия Ф.Гюлен тааллуқ дорад.

Ассотсиатсияи литсейҳои хусусии Туркия «Шафақ» дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Турсунзода, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб 6 литсейи тоҷикию туркӣ кушода шуд. Илова бар ин, дар шаҳри Душанбе марказҳои забономӯзӣ ва компютерӣ таъсис ёфта, як мактаби байналмилалӣ фаъолият дорад.

Дар равобити ҳарду кишвар, тавре ки ҷониби Туркия таъкид мекунад, дар ҳудуди солҳои 2013–2015, ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия дар бахши маориф ва илм, нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои ҳамсоя, ба истиснои Туркманистон, дар сатҳи пасттар ба назар мерасад. Ин арзёбӣ аз ҷониби таҳлилгарони туркӣ бо истинод ба шумораи ками барномаҳои муштараки таълимӣ, камбуди табодули мутахассисон, инчунин набудани лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ дар соҳаи маориф миёни ду кишвар асоснок мегардад. Тибқи маълумоти расмӣ, дар ин давра шумораи донишҷӯёни тоҷикистоние, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии Туркия таҳсил мекарданд, ниҳоят кам буд ва ҳамзамон шумораи донишҷӯёни турк, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон таҳсил менамуданд, низ сатҳи қобили мулоҳизаи рушдро нишон надод. Ин ҳолат зарурати таҳияи барномаҳои мушаххаси ҳамкорӣ, ҷалби

сармоягузориҳои муштарак, инчунин фаъолсозии равандҳои мубодилаи таҷрибаи илмӣ ва академиро бештар мегардонад.[155].

Профессори амрикоӣ Берна Турам дар асари худ «Байни Ислом ва давлат, сиёсати созиш» фаъолияти мактабҳои ба номи Ф.Гуленро дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна таҳлили муфассал карда, ба хусусият хоси муносибатҳои Тоҷикистон таваччухи махсус намудааст. [26, С.69].

Коршиноси рус А. Князев фаъолияти мактабҳои Ф. Гюленро дар Осиёи Миёна тавсиф намуда, ёдрас мешавад, ки ин мактабҳо ғояи бузург кардани ҷаҳони туркиро барои муттаҳид кардани фазои туркизабон фароҳам меоварад, нақшаи муайянеро иҷро мекунанд [156]. Арзёбии ӯро муҳаққиқ А. Ш. Бадранов дастгирӣ мекунад. Пажуҳишгарони дигар низ ба паҳлуҳои мухталифи литсейҳои туркӣ ишора кардаанд [91, С.165].

Ба назари мо ҳамаи ин боис гардид, ки дар ҳамкориҳои ҳарду кишвар масъалаи фаъолияти литсейҳои туркӣ дар Тоҷикистон баррасӣ шавад. Аз ҷумла, бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барномаҳои талимӣ, тартиботи қабули муаллимон ва мутахассисон ба кор дар ин литсейҳо, ҳамчунин реҷаи кории онҳо тағйирот ворид карда шуд. Дар маҷмуъ, Тоҷикистон дар мавриди литсейҳои марбут ба ФЕТО тадобири лозимро оғоз карда, фаъолияти онҳоро бо назардошти тағйироти зикршуда, бо унвони литсейҳои хонандагони болаёқат бо назардошти манфиатҳои миллии кишвар муҷаддан ба пиёда гардонид. [154].

Дар ҳамин росто метавон гуфт, ки дар соли 2022 платформаи медиатсионии «Дунёи турк» ба кор оғоз кард, ки агентии иттилоотии кишварҳои туркро муттаҳид мекунад. Ин лоиҳаи муштараки агентии иттилоотии Trend ва гурӯҳи медиавии туркии Albayrak мебошад.

Платформа ба забонҳои туркӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, узбакӣ, туркманӣ ва озарбойҷонӣ фаъолият мекунад, инчунин хабарҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Ин платформа метавонад ба майдони иттилоотии Осиёи Марказӣ таъсири ҷиддӣ расонад ва арзишҳои

туркгароиро дар шуури умумии мардум пеш барад. Ҳамаи ин метавонад ба масъалаҳои мероси фарҳангӣ на танҳо мардуми тоҷик, балки тамаддуни форсӣ дар маҷмӯъ таъсир расонад, ки Тоҷикистонро зарур аст ҳамаи инро дар назар дошта бошад. Ҳамин тавр, Туркияи муосир ҳадафҳои глобалӣ ва стратегиашро тавассути минтақаи Осиёи Марказӣ амалӣ карда, манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии худро пиёда карда истодааст. Ҳамчунин Туркия мекӯшад нуфузи бозингарони анъанавиро дар Осиёи Марказӣ заиф созад ва нақши пешвои нави минтақаро иҷро намояд.

Дар байни ҳамаи лоиҳаҳои дар Тоҷикистон мавҷуд буда, дастгирии кадрҳои ҷавон дар соҳаи технологияҳои рақамӣ махсусан муҳим аст. Агентии Маркази таълимии «Илмхон» (Хонаи илм)-ро барои тайёр кардани барномасозони оянда дастгирӣ мекунад. Кумаки асосӣ барои таҷҳизонидани ин марказ равона карда шудааст. АТҲҲ инчунин бо созмони ғайриҳукуматии «Алиф Академия», ки мутахассисони ҷавонро омода мекунад ва саводнокии рақамии ҷавонони кишварро баланд мебардорад, ҳамкории зич дорад. Агентии Туркия инчунин бо донишгоҳҳои пешрафтаи кишвар лоиҳаҳои хурдро амалӣ мекунад: онҳо дар Донишгоҳи технологӣ барои донишҷӯён лабораторияи 3D-ро таъсис доданд, ба маркази омодасозии донишҷӯён - роҳбаладони оянда дар Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия мусоидат карданд ва ба донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон забони туркиро таълим доданд. Дар баъзе мавридҳо, АТҲҲ аҳолии осебпазирро дастгирӣ мекунад, ки ин таъсири иҷтимоии дахолати башардӯстонаро зиёд мекунад. Бо ёрии омӯзиши махсуси моделсозӣ ва истеҳсоли пойафзол 20 нафар, аз ҷумла ҷавонони маъюб ва эҳтиёҷманд таълим дода шуданд. Бо ин мақсад дар мактаб аз тарафи Туркия як ҳуҷраи махсус ташкил карда шуд, ки дар он донишҷӯён метавонанд баъдан модели кафшҳоро таҳия намуда, онҳоро истеҳсол намоянд.

Дар ҳамин ҳол, то соли 2019 дар доираи барномаи «Стипендияи Туркия» зиёда аз 800 нафар ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони таҳсил ба ҳайси донишҷӯёни стипендиат дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Туркияро пайдо намудаанд [112].

Дар доираи созишномаҳои байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи халқи Ҷумҳурии Туркия дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи маориф, ки қаблан ба имзо расида буд, комиссияи муштарак иборат аз кормандони масъули вазоратҳои ду кишвар таъсис дода мешавад. Дар асоси маълумотҳои дастрасгардида метавон гуфт, ки дар ҳудуди солҳои 2013-2015 дар натиҷаи фаъолияти ин комиссияи муштарак ҷониби Туркия ҳамасола миқдори муайяни квотаҳои таълимӣ дар маҷмуъ 89 ҷой дар соҳаи улуми ҷамъияти, 35 ҷой улуми дақиқ ва ғайра барои таҳсили шаҳрвандони Тоҷикистон дар донишгоҳҳои Туркия ҷудо мекунад.

Бо вуҷуди ин, донишҷӯён, омӯзгорон ва олимони Тоҷикистону Туркия дар асоси имкониятҳои мавҷуда дар фестивалу олимпиадаҳо, семинару конфронсҳои илмӣ, инчунин дар ҷорабиниҳои фарҳангӣ, ки дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ташкил мешаванд, ширкат меварзанд. Гузашта аз ин бисёр аз шаҳрвандони Тоҷикистон ба таври хусуси таҳсилро дар Туркия идома медиҳанд, ки муайян кардани теъдоди онҳо имконнопазир аст.

Дар тамоми бахшҳо сатҳи ҳамкориҳои байнидавлатӣ хеле баланд арзёбӣ мегардад. Шумораи зиёди донишҷӯёни тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии Туркия таҳсил менамоянд ва музокирот миёни вазоратҳои маорифи ду кишвар идома дорад. Айни ҳол, зиёда аз 600 нафар донишҷӯёни Тоҷикистон дар донишгоҳҳои Туркия таҳсил мекунанд. Аз соли 1996 инҷониб шаҳрвандони Тоҷикистон дар муассисаҳои олии таълимии Туркия таҳсил менамоянд ва саҳми донишгоҳҳои туркӣ дар омодасозии мутахассисони тоҷик дорои аҳаммияти назаррас аст [145].

Аммо ин нуқтаро ба маврид аст ёдрас шавем, ки дар ҳақикат то ба имрӯз байни олимони ҳарду кишвар ҳамкориҳои зичи эҷодӣ шакл нагирифтааст ва аксар вақт пешниҳодҳои онҳо дар амал татбиқ карда намешаванд. Вохӯриҳои доимии олимону муҳаққиқони ҳар ду мамлакат ҳанӯз суст ба роҳ монда шудааст, ки ин ба ҳамфикрӣ, боварӣ ва ба ҳам наздик шудани халқҳои ҳар ду мамлакат таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Тақвият ва рушди ҳамкориҳои муштараки таҳқиқотӣ ва илмии олимон ва марказҳои таълимии ду кишвар метавонад дар оянда яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои илмию гуманитарӣ гарданд.

Тавре маълум аст, яке аз соҳаи муҳимми ин ҳамкориҳо аниқтар бахши аслии ин иртибот соҳаи маориф мебошад. «Таҳлили динамикаи ҳамкориҳо дар ин самт нишон медиҳад, ки Туркия дар масъалаи расонидани кумак ба Тоҷикистон дар соҳаи маориф яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад. Туркия аввалин гурӯҳи донишҷӯёни Тоҷикистонро бо бурсия ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ қабул карда, дар чаҳорчӯби барномаи Бурсияҳои Туркия беш аз 800 нафар ҷавони тоҷик то кунун имкони дарёфти бурсияҳои донишҷӯӣ дар Туркияро пайдо кардаанд» [122].

Бахши дигари муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Туркия ба соҳаи фарҳанг мутаалиқ аст.

Санадҳои нави ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия дар соҳаи фарҳанг имзо гардиданд. Бар асоси протоколи ҳамкорӣ аз соли 2016, намояндагони ҷавони санъати касбӣ, ҳунармандони ҷумҳурӣ ва театрҳои халқӣ борҳо дар Туркия ҳунари худро муаррифӣ намуданд. Аз ҷумла, ансамбли фолклории «Ганҷина» дар шаҳри Анқара сафари ҳунарӣ анҷом дод. Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Туркия дар ин бахш корҳои зиёдеро анҷом медиҳад. Пирзӯр шудани нақши ин ҷамъият дар ҷумҳурӣ имкон дод, ки борҳо мубодилаи ҳайатҳои вакилон дар солҳои 2014 - 2016 барпо карда шаванд. «Дар соли 2015 намоишгоҳ ва фурӯши санъати амалии

муштараки Туркия ва Тоҷикистон ифтитоҳ гардид, ки дар он осори рассомони тоҷик ва турк ба намоиш гузошта шуданд» [155].

Марҳилаи калидии ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Туркия солҳои 2015–2018-ро дарбар гирифта, бо имзои санадҳои нави ҳамкорӣ дар соҳаи табодули фарҳангӣ миёни ҳукуматҳои ду кишвар муайян мегардад. Ин санадҳо протоколҳои байни вазоратҳои фарҳанг, иттиҳодияҳои эҷодӣ ва муассисаҳои санъатиро фаро мегиранд. Ҳамкорӣ бар асоси ҳамфаҳмӣ, баробарӣ ва манфиатҳои муштарак, бо риояи қонунгузории миллӣ, ба тавсеаи робитаҳои фарҳангӣ равона шудааст. Аз падидаҳои муҳимми ин давра баргузории Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Туркия ва баръакс мебошад. Ҳарду ҷониб барномаи мубодилаи гурӯҳҳои ҳунарӣ, бастакорон, ансамблҳои санъатӣ, композиторҳо, дирижёрҳо, хореографҳо, дизайнерҳо ва намояндагони дигар соҳаҳои фарҳангиро дастгирӣ намуда, сафари ҳунармандони опера ва балетро ташкил мекунанд, ҳамчунин дар озмунҳо ва фестивалҳои байналмилалӣ иштироки мутақобила меоранд.

Метавон гуфт, ки ҳамкориҳои фарҳангии байни ду кишвар дар марҳилаи мавриди таҳқиқ аз заминаҳои хубе бархурдор аст. Агар ба раванди ин ҳамкориҳо дар қаринаи гузаштаи таърихӣ назар андозем, дар солҳои гуногун корҳои зиёде дар ин замина ба анҷом расидааст. Аз ҷумла, тарҷумонҳои тоҷик асарҳои нависандагони туркро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардаанд. Адибон ва олимони зерин тоҷик дар равобити адабӣ ва эҷодии ҷонибҳо тавассути эҷодиеташон саҳмгузоранд:

А. Воситзода, Р. Ҳошим, Б. Ғанӣ, К. Мусофиров, А. Деҳотӣ, А. Раҳимов, М. Хоҷаев, М. Кӯҳзод, Р. Рустамов, А. Партовзода, Р. Матлуба, Ҷ. Одина, А. Ҳамдам, Д. Давронов, М. Бобохонов, У. Холиқов, Б. Умаров, А. Самадзода, Ш. Салимов, О. Мираков, А. Ҷабборов, И. Насриддинов, М. Юсупов, А. Замира, Р. Камолиддинов, Ш. Собиров, А. Шарифӣ, В. Файзиев, А. Ғаффоров, Т. Самадӣ, К. Носирова, М. Аминзода, М. Турсунзода, М. Фархат, М. Ҳайдаршо, Б. Фирӯз [79].

Таҳқиқоти олимони Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аз давраҳои гузашта то имрӯз, тарҷумаи асарҳои нависандагони маъруфи турк, аз қабили Нозим Ҳикмат, Азиз Несин, Сабоҳаддин Али, Гюнтекин Рашод Нури ва Урхан Камол, ба таври густарда амалӣ шудааст. Ин тарҷумаҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ, аз ҷумла «Садои Шарқ» ва «Забони Тоҷикистон», мунташир гардидаанд.

Дар навбати худ, аз тарафи Тоҷикистон адибону тарҷумонҳои тоҷик Асрор Раҳмонов, Уруна Кӯҳзода, Ҷ. Шарипов, М. Ватаншоев осори адибони Туркия ба тоҷикӣ баргардонида шудаанд [79]

Дар раванди ҳамкориҳои фарҳангии ҳарду кишвар таъсиси Шурои радио ва телевизиони Авруосиё, ки дар фаъолияти он (солҳои 2013 – 2015) Тоҷикистон дар радифи дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ иштирок дошт, идомаи равобити фарҳангии ҷонибҳо ишора кардан мумкин аст. Гузашта аз он бо ёрии техникаи электронӣ ва алоқаи спутникӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ барномаҳои телевизинӣ ва филмҳои Туркия пахш мешуданд, ки натиҷаҳои номатлуби он боиси катъ кардани он шуд. Барои Туркия бошад, дар муносибат ба Тоҷикистон маълум буд, ки кишвари мо дар Осиёи Миёна ягона ҷумҳуриест, ки бо хусусиятҳои нажоду забонӣ фарқ мекунад ва бо Туркия танҳо равобити фарҳангӣ ва муайяни таърихӣ дошта метавонад.

Аммо набояд фаромуш кард, ки анъанаҳои пешина ва мероси муштараки таърихию фарҳангӣ аз арзишҳое мебошанд, ки барои рушди минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикитсону Туркия заминаи мусоид фароҳам оварда метавонад. [127, С.257]. Он пеш аз ҳама бо номи мутафаккири бузург Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ алоқаи зич дорад. Ҳамин буд, ки бо ибтикори ҳарду ҷониб рӯзҳои 19-20 октябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба хотираи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ баргузор гардид.

Дурнамои равобитро сафири Туркия дар Тоҷикистон Алӣ Рифъат Кёксал хуб шарҳ медиҳад: «Дар давраи оянда мо низ талош хоҳем кард,

ки муносибатҳои худро бо Тоҷикистон дар ҳама самт густариш бахшем. Муносибатҳои сиёсии мо дар авҷ аст. Мо дар заминаи муносибатҳо бо созмонҳои байналмилалӣ низ ҳамкории зич дорем. Мо дараҷаи муносибатҳои иқтисодиамонро қаноатбахш намешуморем. Дар давраи оянда мо бояд ба таҳкими ҳамкориҳо дар ин самт афзалият гузорем. Дар ин самт мо минбаъд низ аз механизмҳои мавҷудаи машваратҳои ҳадди аксар истифода хоҳем кард» [82, 16-17].

Ҳамкориҳои гуманитарии мо доманаи васеъ дошта, яке аз бахшҳои муҳимми муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркияро ташкил менамояд. Яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Туркия рушди соҳаи туризм мебошад. Дар мулоқотҳои солҳои 2015 ва 2018 таъкид гардид, ки таҷрибаи Туркия дар ҷалби сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтори туристӣ метавонад барои Тоҷикистон дар сохтмони меҳмонхонаҳо, таҳкими туризми кӯҳнавардӣ ва лижаронӣ, инчунин тайёр кардани мутахассисони соҳа мусоидат намояд. Ҳамчунин, ҷалби сармояи туркӣ барои пешрафти соҳаи тиб ва тандурустӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои дорои чашмаҳои гарм ва таъсиси марказҳои байналмилалии тиббӣ, аҳаммияти стратегӣ дорад.

Бо назардошти аҳаммияти рушди сайёҳӣ, Тоҷикистон ва Туркия метавонанд лоиҳаҳои таълими кормандонро дар соҳа ба роҳ монанд. Ин лоиҳаҳои таълимӣ метавонанд тавассути даъват кардани мутахассисони Туркия ба Тоҷикистон ва ё ҷалби мутахассисони Тоҷикистон ба Туркия татбиқ карда шаванд. Ин иқдом, пеш аз ҳама, дар доираи муайян кардани иқтидори сайёҳии Тоҷикистон ва тарҳҳои муштараки бо ҷониби Туркия метавонад амали шавад.

Дар давраи зикршуда, новобаста аз кӯшиши табаддулоти давлатии 15 июли соли 2016 дар Туркия, ки ҳақиқати нави сиёсати дохилии ин кишварро ошкор намуд, рушди равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Туркия идома ёфт. Солҳои 2017–2018, гарчанде тағйироти ҷиддӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Туркия ба амал омад, дар муносибатҳои

фарҳангиву гуманитарӣ бо Тоҷикистон тағйироти куллӣ мушоҳида нашуд. Туркия принсипҳои асосии ҳамкориҳои байнидавлатиро ҳифз намуда, Тоҷикистонро, мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар сиёсати хориҷии худ ҳамчун шарики афзалиятнок медонад. Ин мавқеъ, ки пуштибонии истиқлолият, суботи сиёсӣ ва рушди иқтисодиро дар бар мегирад, ба таҳкими ҳамкориҳои гуманитарии ду кишвар мусоидат намудааст.

Метавон гуфт, ки саҳифаи нави ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистону Туркия ба сафари Мавлут Чавушоғлу, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия ба Тоҷикистон барои иштирок дар Конфронси 9-уми вазирони корҳои хориҷии «Қалби Осиё – Раванди Истамбул», 28-30 марти соли 2021 сурат гирифта буд, мазмуни нав касб кард [106]. Дар доираи ин сафар ҳамзамон бо ҳалли масъалаҳои сиёси, тарафҳо дар заминаи тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаи туризм низ ба натиҷаҳои дилхоҳ расиданд. Ба назари мо, дар оянда зиёд кардани теъдоди саёҳон, тарбияи менеҷерҳо аз Тоҷикистон дар соҳаи туризм, васеъ кардани зарфиятҳои туристӣ барои саёҳон ва дар ин замина муайян кардани тарҳҳои иловагии истироҳатию маишии саёҳони ватанию хориҷӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Барномаҳои боздиди Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия Мавлут Чавушоғлу дар Душанбе нишон медиҳад, ки ӯ барои иштирок дар Конфронси 9-уми вазирони корҳои хориҷии «Қалби Осиё – Раванди Истамбул» таҳти раёсати бевоситаи Ҷумҳурии Тоҷикистону Афғонистон, ки рӯзи 30 марти соли 2021 баргузор шуд ва инчунин баргузории мулоқотҳои дуҷониба ба Тоҷикистон омадааст.

То оғози ҷаласа 28 марти соли 2021 вазир Чавушоғлу бори нахуст дар Душанбе бо тоҷирони мо, ки дар равобит бо Тоҷикистон саҳми муҳим доранд, мулоқот карда, имконоти ҳамкориро оиди сармоягузорӣ ва ҳалли масъалаҳои гуманитарӣ арзёбӣ мекунад. Вазир Чавушоғлу бо Раиси Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир

Зокирзода дар қаринаи густариши робитаҳои байнипарлумонӣ ва дипломатияи парлумонӣ пас аз пандемия ҳалли масоили умдаи гуманитариро тавассути ин ниҳоди давлатӣ (дипломатияи парлумони) хеле муҳим медонад. Вай барои арзёбии ҳамкориҳои иқтисодиву гуманитарии ҳарду кишварҳо бо ҳамраиси Комиссияи муштараки иқтисодии Туркия-Тоҷикистон, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон Шералӣ Кабир мулоқот анҷом медиҳад. Вазир Чавушоғлу қайд кард, ки ҷаласаи 11-уми КМИ моҳи августи хамон сол дар Душанбе баргузор мешавад имзои созишномаи имтиёзноки ҳамкориҳои тиҷоративу гуманитарӣ ба назар гирифта шудааст. Аммо тавре баъдан мушоҳида шуд созишномаи имтиёзнок танҳо дар бахши ҳамкориҳои тиҷоратӣ ба имзо расида бахши гуманитарии он анҷом намеёбад. Тахлилгарон инро ба номуносибии вазъияти ногувори он солхо вобаста медонанд. Таҳлилҳои мо дар ин замина нишон медиҳад, ки инро бештар ба номуносибии вазъияти ногувори он солхо бояд вобаста донист.

Сипас, вазир Чавушоғлу бо ҳамтои тоҷики худ Сироҷиддин Муҳриддин мулоқот карда, изҳор дошт, ки муносибатҳои мо дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла бахши гуманитари рушд мекунанд. Пас аз анҷоми музокирот вазирони ду кишвар нишасти матбуотии муштарак баргузор карданд: вазир Чавушоғлу дар лобалои корҳои анҷомдода аз имзои ёддоштҳои ҳусни тафоҳум дар бораи барномаи ҳамкорӣ байни вазоратхонаҳои ҳарду кишвар барои солҳои 2021-2023 иттилоъ медиҳад. Ҳайати баландпояи Тоҷикистон аз 28 ноябр то 2 декабри соли 2022 бо мақсади таҳкими ҳамкорӣ ва табодули дониш ва таҷрибаи пешқадам дар соҳаҳои маблағгузории тандурустӣ, кумакҳои аввалияи тиббию санитарӣ аз ҷониби Туркия ва масъалаҳои ҳамкории зич оиди татбиқи ислоҳоти амиқ дар соҳаи тандурустии Тоҷикистон ба тавофуқи ҷидди мерасанд [112].

«30-умин солгарди барқарории муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия рӯйдоди дорои аҳаммияти

хосса дар муносибатҳои Тоҷикистону Туркия маҳсуб мешавад. 28 январи соли 2022 ба ин муносибат сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Анқара Ашрафҷон Гулов бо хабарнигори хабаргузории давлатии Туркия Анадолу мулоқот карда, қайд кард: «Ба шарофати сиёсати дарҳои боз аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон вуруди бидуни раводид барои шаҳрвандони Туркия аз 1 январи соли 2022 оғоз шуд»»[166].

Истифодаи стратегияи «неруи нарм» (soft power) аз ҷониби Ҷумҳурии Туркия нисбат ба Тоҷикистон дар доираи умумии равобити ин кишвар бо давлатҳои минтақаи туркизабон амалӣ мегардад. Барои дарки амиқи равандҳои сиёсати хориҷии муосири Туркия, зарур аст ба решаҳои ташаккули консепсияи «нерӯи нарм» дар дохили ин кишвар таваҷҷуҳ гардад. Дар охири асри XX, Туркия ба зарурати таъйини равиши нав дар рушди миллӣ ва сиёсати хориҷии худ рӯ ба рӯ шуд, то мавқеи таъсиргузор дар арсаи байналмилалӣ ва минтақавиро таъмин намояд. Консепсияи назариявии «нерӯи нарм» реша дар давраи Ҷанги Сард дорад, замоне ки давлатҳои абарқудрат – Иттиҳоди Шӯравӣ ва Иёлоти Муттаҳида – тавассути дипломатияи фарҳангӣ ва абзорҳои гуманитарӣ талош менамуданд, нуфузи худро дар кишварҳои гуногун тақвият бахшанд.

Моҳияти стратегияи «неруи нарм» дар он аст, ки давлат барои ноил шудан ба ҳадафҳои геополитикӣ ва иқтисодии худ, аз василаҳои ғайринизомӣ аз ҷумла фарҳанг, илм, таълим, муносибатҳои инсонӣ ва таҳсили хориҷиён истифода мебарад. Ин мафҳумро нахустин бор донишманди амрикоӣ Ҷозеф Най дар таҳқиқоти худ таҳти унвони “The Limits of Leadership: Changing Nature of American Power” иброз дошт [125].

Бо таҳлили хусусиятҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва мазҳабии Туркия, равшан мегардад, ки ин кишвар дар раванди ташаккули модели хоси «неруи нарм» дар сатҳи ҷаҳонӣ муваффақ шудааст. Аз ибтидои асри

XXI, Туркия тавассути усулҳои гуногун кӯшиш намуд, ки мавқеи худро дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, таҳким бахшад. Намунаҳои равшани татбиқи ин стратегияи нарм таъсиси АТҲҲ мебошад, ки дар ибтидои асри XXI бо ҳадафи боло бурдани нуфузи Туркия ҳамчун кишвари пешрафта таъсис ёфтааст. Ин ниҳод ба татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои сохтмони беморхонаҳо, инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ, масоҷид, марказҳои савдо ва дигар иншооти иҷтимоӣ машғул аст.

Тоҷикистон низ дар доираи ин сиёсати Туркия мавқеи муҳимму афзалиятнок дорад. Ин кишвар бо иштироки ширкатҳои пешрафтаи туркӣ дар сохтмони роҳҳо, марказҳои тиббӣ, иншооти фарҳангиву фароғатӣ ва лоиҳаҳои логистикӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳои боло ба чунин хулоса расидан мумкин аст:

- агар дар марҳилаи баррасишаванда ба мухтавои муносибатҳои дуҷонибаи фарҳангии Тоҷикистону Туркия шинос шавем мебинем, татбиқи як қатор лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи маориф ба қайд гирифта мешавад. «Аз ҷумла, аз ҷониби давлати Туркия, бо ташаббуси соҳибкорон ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар чаҳорчӯби «Лоиҳаи бузург барои донишҷӯён» муассисаҳои зиёди таълимӣ дар бисёр кишварҳо боз карда мешавад»[121, С.18]. Ин иқдом барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бе таъсир намонд.

- бо назардошти сиёсати ҷолиби кишвари Туркия дар бахши маориф ва устувор будани заминаҳои хуқуқии он дар ҷумҳурӣ шаш мактаб-интернати муштараки тоҷикию туркӣ, ки базеи онҳо қаблан ташкил ёфта буданд, мукаммал мегардад. Дар соли 2014 дар асоси Протоколи иловаги ба созишномаи ҳамкорӣ байни Вазоратҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия оиди системаи муассисаҳои таълимии «Шалола» амалкарди фаъолияти ин муассисаҳои таълими тавсеа меёбанд. «Сарфи назар аз он, ки Шалола дар соли 2013 ба буҷаи давлат

беш аз 5 миллион сомонӣ андоз ворид кардааст ва бо вуҷуди муваффақияти бесобиқаи хонандагони литсей, ки дар тӯли 10 сол дар олимпиадаҳои байналмилалӣ 484 медал, аз ҷумла 88 тилло, 130 медали нуқра ва 266 биринҷӣ ба даст овардаанд, соли 2015 ин ширкат аз мақоми муассис маҳрум шуда, литсейҳо ба мактабҳои кӯдакони лаёқатманд табдил дода шуданд »[161];

- ба назардошти андешаҳои зиёде, ки оиди фаъолияти литсейҳо ба вуҷуд меоянд бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барномаҳои талими, тартиботи қабули муаллимон ва мутахассисон ба кор дар ин литсейҳо, ҳамчунин реҷаи кории онҳо тағйироти ҷидди ворид карда шуд. Дар маҷмуъ, Тоҷикистон дар мавриди литсейҳои марбут ба ФЕТО тадобири лозимро оғоз карда фаъолияти онҳоро бо назардошти тағйироти зикршуд бо унвони литсейҳои хонандагони болаёкат дар асоси манфиатҳои миллии кишвр мучаддан ба роҳ меандозад[154]. Аммо дар ин нуктаро ба маврид аст ёдрас шавем, ки дар ҳақикат дар то ба имруз байни олимон ҳарду кишвар ҳамкориҳои зичи эҷоди шакл нагирифтааст ва аксар вақт пешниҳодҳои онҳо дар амал татбиқ карда намешаванд. Вохӯриҳои доимии олимону муҳаққиқони ҳар ду мамлакат ҳанӯз суст ба роҳ монда шудааст, ки ин ба ҳамфикрӣ, боварӣ ва ба ҳам наздик шудани халқҳои ҳар ду мамлакат таъсири ҷиддӣ мерасонад.

- ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистону Туркия ба сафари Мавлут Чавушоғлу, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия ба Тоҷикистон барои иштирок дар Конфронси 9-уми вазирони корҳои хориҷии «Қалби Осиё – Раванди Истамбул», 28-30 марти соли 2021 буд мазмуни нав мегирад [106].

# ХУЛОСА

Ҷумҳурии Туркия аз зумраи аввалин кишварҳое маҳсуб мешавад, ки санаи 29 январи соли 1992 истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро расман ба расмият шинохта, ба барқарории муносибатҳои дипломатӣ бо кишвари мо иқдом намуд. Дар ҳамин замина, соли 1992 Сафорати Ҷумҳурии Туркия дар шаҳри Душанбе фаъолияти худро оғоз кард ва дар ҷавоб, соли 1995 дар пойтахти Туркия – шаҳри Анқара, Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият пардохт.

Дар давоми беш аз се даҳаи равобити дипломатии миёни ду давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳашт маротиба ба Ҷумҳурии Туркия бо сафарҳои расмӣ ва корӣ ташриф овардааст (моҳҳои майи 1996, октябри 1998, ноябри 1999, октябри 2002, июни 2004, январи 2006, марти 2009 ва декабри 2012). Дар ҳамин давра, Президенти Ҷумҳурии Туркия чаҳор маротиба ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарҳои расмӣ анҷом додааст (сентябри 1995, ноябри 2001, майи 2009 ва июни 2019).

Вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи апрели соли 2019, июни 2021 ва феврали 2024 ба Анқара ва вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия октябри соли 2016, марти 2021 ва январи 2024 ба Душанбе сафарҳои расмию корӣ анҷом доданд. Лозим ба зикр аст, ки машваратҳои сиёсии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия мунтазам баргузор мешаванд. То кунун 9 давраи машваратҳо доир гардидаанд. Ҳамзамон машваратҳои консулӣ байни Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Туркия амал мекунад.

Дар муддати солҳои 2010-2023 миёни ду кишвар беш аз 65 созишнома, ёддошт ва санадҳои дигари дорои аҳаммияти ҳуқуқию сиёсӣ ба имзо расида, заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ барои густариши ҳамкориҳо фароҳам омадааст. Тибқи иттилои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми умумии гардиши мол миёни ду кишвар

танҳо дар давраи январ–ноябри соли 2021 ба 354 миллион доллари ИМА баробар шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 афзоиши 21,1 фоизиро нишон медиҳад. Аз ин ҳаҷм, содироти мол аз Тоҷикистон ба Туркия 212 миллион долларро ташкил дода, воридоти маҳсулот аз Туркия ба Тоҷикистон беш аз 142 миллион долларро дар бар гирифтааст. Хусусияти хоси ин ҳамкориҳо дар он аст, ки Туркия ба зумраи камшумори шарикони тиҷоратии Тоҷикистон дохил мешавад, ки бо он ҷумҳурӣ тавозуни мусбати савдои хориҷиро нигоҳ медорад, яъне ҳаҷми содирот назар ба воридот бештар мебошад.

Дар бахши амният, имкони ворид намудани бесарнишинҳо ва дигар таҷҳизоти техникии муосир аз Туркия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ҳамин замина, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои ҳарбӣ-молиявӣ бо Туркияро тасдиқ намуд, ки шароити татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва тақвияти иқтидори мудофиавии кишварро фароҳам меорад. Мувофиқи муқаррароти ин созишнома, ки дар доираи маблағгузории солонаи буҷетӣ амал мекунад, Ҳукумати Туркия ба Ҳукумати Тоҷикистон маблағи 50 миллион лираи туркӣ (бо қурби баробар ба доллари ИМА) ҷудо менамояд. Ин захираҳои молиявӣ метавонанд барои харидории молу маҳсулот ва пардохти хизматрасониҳои ширкату корхонаҳои туркӣ дар доираи ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии дуҷониба самаранок истифода шаванд.

Ба саҳми назарраси Агентии ҳамкории байналмилалӣ ва рушди Туркия, ҳамзамон Дафтари он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи муштараки иқтисодӣ, баҳои баланд дода шудааст. Дар қатори санадҳои калидие, ки дар давраи солҳои 2018 то 2023 заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионии густариши ҳамкориҳои фарогири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркияро муайян месозанд, метавон зикр намуд: «Протоколи ҳошиявӣ оид ба бародаршаҳрӣ миёни шаҳри Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Қунияи Ҷумҳурии Туркия», «Эъломияи

муштарак миёни Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар мавриди таъсиси Шӯрои ҳамкорӣ», «Ёддошти тафоҳум дар бораи робитаҳои ҳамкорӣ миёни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Туркия», «Созишномаи ҳамкорӣ миёни Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳодияи телевизион ва радиои Туркия», «Ёддошти тафоҳум дар самти ҳамкорӣ миёни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати озуқаворӣ, кишоварзӣ ва чорводории Ҷумҳурии Туркия», «Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Ҳукуматҳои Тоҷикистону Туркия дар бахшҳои ҷавонон ва варзиш», «Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукуматҳои ду кишвар доир ба ҳамкорӣ дар бахшҳои энергетика ва саноати маъданҳои кӯҳӣ», «Эъломияи муштараки Вазоратҳои адлияи Тоҷикистону Туркия», «Барномаи мубодилаи фарҳангӣ миёни Ҳукуматҳои ду кишвар», инчунин «Нақшаи ҳамкорӣ миёни Вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистону Туркия барои солҳои 2018 ва 2023».

Дар раванди татбиқи ин санадҳо, ҷониби Туркия на танҳо изҳори миннатдорӣ аз сатҳи мавҷудаи ҳамкориҳо намуда, балки ҳавасмандии худро барои таҳкими робитаҳои ҳамаҷониба бо Тоҷикистон таъкид кардааст. Дурнамои равобити дӯстонаи ду кишвар мусбат арзёбӣ гардида, самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ – аз қабили гидроэнергетика, ҷалби сармояи бохирад, таъсиси корхонаҳои муштарак дар бахшҳои калидии саноати истеҳсолӣ (аз ҷумла саноати нассоҷӣ ва саноати кимиё), коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва рушди соҳаи туризм — ҳамчун векторҳои асосии ҳамкории оянда муайян шудаанд.

Тоҷикистону Туркия ҳамкориҳои худро дар самтҳои зикршуда дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО) ва Созмони Ҳамкории Исломӣ (ОИК) ба таври мунтазам тақвият медиҳанд [49].

Дар ҷараёни иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 13-уми Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, ки дар шаҳри Исломобод баргузор гардид, вохӯрии ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Туркия Раҷаб Тайиб Эрдуғон низ сурат гирифт [49].

Арзёбии вазъ ва дурнамои муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Туркия нишон медиҳад, ки барои рушду тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ ҳар ду ҷониб ҳавасмандии ҷиддӣ зоҳир намуда, таъкид кардаанд, ки аз замони барқароршавии робитаҳои дипломатӣ то соли 2023, бо талошҳои муштараки ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ин муносибатҳо бемайлон рушд карда, сатҳу марҳилаҳои нав ва мукаммалро касб намудаанд.

Ҷонибҳо, бо ҳадафи тақвияти муомилоти иқтисодию тиҷоратӣ ва ҷустуҷӯи роҳу усулҳои нави такмили нишондиҳандаҳои гардиши савдои берунии байнидавлатӣ, мубодилаи фикру мулоҳизаҳои судманд анҷом доданд. Аз самтҳои афзалиятнок ва дурнамодори ҳамкориҳои густурдаи байнидавлатӣ инҳо арзёбӣ гардиданд: фаъолгардонии кори Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ; таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ дар бахшҳои энергетика ва коммуникатсия; ҷалби сармоя ва иштироки доираи соҳибкорони Туркия дар татбиқи лоиҳаҳои бунёди корхонаҳои муштарак; роҳандозии ҳамкории судманд дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёти байналмилалӣ ва туризм.

Роҳбарони олии ҳар ду давлат, дар раванди музокироти сатҳи баланд, ба мувофиқа расиданд, ки нахустин иҷлоси Шӯрои ҳамкории Тоҷикистону Туркия баргузор гардида, рӯзҳои фарҳангии ҳар ду кишвар дар қаламрави якдигар ташкил ва баргузор шаванд, табодули донишҷӯёну омӯзгорон ба таври мунтазам роҳандозӣ гардида, шумораи квотаҳои таҳсил дар муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Туркия барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёбад ва робитаи

пайвастаи аҳли илму эҷод тақвият дода шавад. Ҳар ду ҷониб ба таври қатъӣ иродаи худро ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба ва минтақавӣ дар самти мубориза бо падидаҳои терроризм ва ифротгароии байналмилалӣ, инчунин саҳмгузорӣ дар равандҳои барқарорсозии сулҳу субот дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон иброз намуданд.

«Дар санаи 15 июни соли 2019, дар Қасри миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳошияи нишасти панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимодсозӣ дар Осиё, бо Президенти Ҷумҳурии Туркия муҳтарам Раҷаб Тайиб Эрдуғон, мулоқоти муҳимми сатҳи олӣ анҷом доданд»[44]. Дар доираи ин вохӯрии муҳим, ҷонибҳо масъалаҳои марбут ба густариши муносибатҳои дӯстона ва таҳкими ҳамкориҳои фаъол дар арсаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, сайёҳӣ ва фарҳангӣ, инчунин рушди шарикии дарозмуддатро мавриди муҳокима қарор дода, ин самтҳоро аз муҳимтарин ҷанбаҳои сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар арзёбӣ намуданд.

Ҳамзамон, дар ҷараёни музокирот таваҷҷуҳи махсус ба татбиқи муассири санадҳои қаблан баимзорасида, фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, нақши Агентии туркӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии (АТҲҲ) фаъолият дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ташкили Бизнес-Форуми Тоҷикистону Туркия, ки метавонад заминаҳои мустаҳкам барои тавсеаи робитаҳои мутақобилан судманд миёни доираҳои сармоягузорӣ ва соҳибкорони ҳар ду кишвар фароҳам оварад, равона гардид. Ҷонибҳо ҳамчунин дар мавриди роҳандозии ҳамкориҳои амалӣ дар бахшҳои нақлиёту боркашонӣ, масоили вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ, таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг табодули афкор анҷом дода, омодагии худро барои татбиқи амалии онҳо тасдиқ намуданд.

Дар ҷараёни мулоқот, ҳамзамон бо баррасии масоили марбут ба таъмини амният ва суботи пойдор дар кишварҳои ҷангзадаи минтақа ва

ҷаҳон, масъалаҳои ҳаллу фасли мушкилоти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, инчунин роҳандозии муборизаи муштараки кишварҳо алайҳи зуҳуроти терроризм ва ифротгароӣ, ҳамчун яке аз афзалиятҳои муҳимми ҳамкории дуҷониба мавриди муҳокимаи ҳамаҷониба қарор гирифт. Таъкид гардид, ки танҳо дар панҷ соли охир (то соли 2023) ҳаҷми умумии гардиши мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия ба беш аз ду миллиард доллари ИМА (2,14 млрд) баробар гардида, нишондиҳандаи назарраси рушди робитаҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Ҷонибҳо зарурати истифодаи комил ва самараноки захираву имкониятҳои мавҷударо, аз қабили татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории муштарак, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ дар қаламрави Тоҷикистон, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва ташкили мунтазами форумҳои соҳибкорон, махсусан таъкид намуданд.

Ҳангоми баррасии масъалаҳои вобаста ба ҳамкориҳо дар бахшҳои маориф, илм ва фарҳанг, тарафҳо аҳаммияти вежаро ба рушди ҳамкорӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии ҳар ду кишвар, татбиқи барномаҳои табодули донишҷӯёну устодон, инчунин баргузор намудани рӯзҳои фарҳангӣ дар қаламрави ду давлат бахшиданд, ки ин раванд ҳамчун омили калидии таҳкими дӯстиву ҳамдигарфаҳмии халқҳо арзёбӣ мегардад. Дар баробари ин, соҳаи сайёҳӣ низ ҳамчун яке аз самтҳои ояндадори ҳамкориҳои дуҷониба шинохта шуда, зарурати таҳияи механизмҳои муассири рушди он таъкид гардид.

Масоили алоҳидаи ҳамкориҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия, аз ҷумла ҳамгироии амалии тарафҳо дар самти таъмини амният ва муқовимат ба таҳдиду чолишҳои глобалӣ — аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ — пайваста дар меҳвари таваҷҷуҳи ҳарду ҷониб қарор доранд. Бо дарназардошти таҳлил ва натиҷаҳои бадастомада, метавон хулоса кард, ки дар давраи

таҳқиқшуда (солҳои 2012–2023) ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркия бо такя ба иродаи сиёсӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ ва манфиатҳои муштарак ба таври устувор рушд намуда, заминаи мусоиди тавсеаи минбаъдаро фароҳам овардаанд.

1. Хусусияти самарабахши муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия боиси ташаккули заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ гардида, ба имзои созишномаҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ мусоидат намудааст. Дар ин замина, Туркия мақоми яке аз шарикони муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистонро соҳиб гардида, робитаҳои чандҷанбаи байнидавлатӣ рушд ёфтаанд. Тарафҳо дар тӯли ҳамкориҳои худ муколамаи мунтазами сиёсиро идома дода, дар мавриди аксари масъалаҳои муҳимми байналмилалӣ ва минтақавӣ мавқеи ҳамсонро ифода намудаанд [2-М], [3-М], [6-М].

2. Туркия, дар муқоиса бо дигар бозигарони муҳимми минтақавӣ, дар самти равобит бо Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ сиёсати фаъол ва ҳадафмандро пеш мебарад. Пайдо мешавад, ки кадом омилҳо чунин сиёсатгузории хориҷии прагматикӣ ва бомуваффақиятро таъмин месозанд? Ҷавоби ин суолро бояд дар таҳаввулоти амиқи сохтории низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар оғози асри XXI ҷустуҷӯ намуд. Илова бар ин, бо ташаббуси назарияпардозони сиёсӣ дар ин кишвар доктринаи илмӣ асосноки сиёсати хориҷӣ таҳия гардид, ки бо унвони «Умқи стратегӣ: мавқеи байналмилалии Туркия» машҳур аст ва нақшу мавқеи ин давлатро дар низоми равобити байналмилалии муосир, аз ҷумла дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври ҷиддӣ тағйир дод [5-М], [4-М].

3. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давраи зиёда аз сисолаи истиқлолияти сиёсиро паси сар кардааст, марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ бо мушкилоти ҷиддӣ, аз ҷумла ихтилофоти дохилии идеологӣ, ҳамроҳ буд. Дар чунин вазъ, сиёсати хориҷии давлат бар пояи эҳтироми гуногунандешӣ, арҷгузорӣ ба ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ,

устувории арзишҳои умумибашарӣ ва таҳаммулгароӣ ташаккул ёфт. Консепсияи сиёсати «дарҳои боз», ки аз ҷониби Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидааст, ифодаи рӯҳияи кушод барои пазируфтани навовариҳо, муколамаи созанда, ҳамкорӣ ва манфиатҳои тарафайн мебошад. Татбиқи ин сиёсат тавассути мисолҳои сершумори ҳамкории самарабахш ва муколамаи созандаи байналмилалӣ собит мегардад, ки ҳамаи онҳо ҷузъҳои муҳимми стратегияи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он расидан ба мақсадҳои муштараки ҷомеаи ҷаҳонист [1-М], [3-М].

4. Воқеияти имрӯза шаҳодат медиҳад, ки ормонҳо ва умедворие, ки дар оғози давраи истиқлолият баён гардида буданд, тадриҷан ба воқеият табдил меёбанд. Дар доираи татбиқи стратегияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар як гуфтугӯ, дидору мулоқот ва муколамаҳои сатҳҳои гуногун, на танҳо ба ғанӣ гардонидани ҳамкориҳои мутақобила, балки ба таҳкими заминаҳои бунёди ояндаи муштарак мусоидат менамоянд. Далели возеҳи чунин раванди мусбат, мубодилаи пайвастаи сафарҳои расмӣ дар сатҳҳои гуногун мебошад, ки дар ин миён, сафари давлатии нахустини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Туркия дар моҳи январи соли 2007 ҳамчун рӯйдоди муҳимми таърихӣ дар равобити дуҷониба ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни ин сафар, музокироти сатҳи олӣ баргузор гардида, масъалаҳои калидии ҳамкориҳои дуҷониба мавриди муҳокима қарор гирифтанд ва ҳамзамон, табодули назар доир ба масъалаҳои муҳимми минтақавию байналмилалӣ, ки барои ҳарду ҷониб аҳаммияти стратегӣ доштанд, сурат пазируфт [2-М], [5-М], [6-М].

5. Дар ин ҷараён, самаранокии робитаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия имконият дод, ки пояҳои устувори ҳуқуқию шартномавии ҳамкориҳо дар ҳамаи самтҳо ташаккул ёбанд. Дар баробари ин, ҳамкориҳои байнипарлумонӣ низ рушд ёфта, дар

сохторҳои қонунгузори ҳар ду кишвар — Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Бузурги Миллии Ҷумҳурии Туркия — гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ таъсис ёфтаанд. Ҷаласаҳои Комиссияи муштараки иқтисодӣ ва Шӯрои соҳибкорони Тоҷикистону Туркия пайваста баргузор гардида, ба яке аз абзорҳои муҳим ва муассири тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба, бахусус дар соҳаҳои иқтисод ва савдо, табдил ёфтаанд [1-М], [2-М], [4-М].

6. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи Ҷумҳурии Туркия дар самти истифодаи имкониятҳои «дипломатияи рақамӣ» манбаи ҷолиби омӯзиш мебошад. Айни замон, дар Туркия қадамҳои ҷиддӣ барои татбиқи сиёсати фаъоли «дипломатияи рақамӣ» гузошта шуда, ҳадаф аз он истифодаи қудрати табдилдиҳандаи технологияҳо дар тамоми бахшҳои сиёсати хориҷӣ мебошад. Ин раванд барои баланд бардоштани самаранокӣ ва иқтидори амалии тамоми сохторҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои консулгарӣ, дипломатияи оммавӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ, таҳлилу пешбинии стратегӣ равона шудааст. Илова бар ин, Форумии дипломатии Анталия (ФДА), ки бо мақсади мубодилаи афкор оид ба масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ, ҳамчунин пешниҳоди ҳалли эҷодии мушкилоти стратегӣ таъсис ёфтааст, дар муддати кӯтоҳ ба яке аз брендҳои маъруфи дипломатияи ҷаҳонӣ табдил ёфт. Нахустин нишасти ФДА рӯзҳои 18–20 июни соли 2021 ва дувумин он рӯзҳои 11–13 марти соли 2022 таҳти унвони «Барқарорсозии дипломатия» бо иштироки васеи намояндагони кишварҳои гуногун баргузор гардид [6-М].

7. Дар чаҳорчӯби равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия, ҷаласаҳои Комиссияи муштараки иқтисодӣ ва Шӯрои соҳибкорон пайваста баргузор гардида, ба яке аз абзорҳои муассир ва муҳим дар таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои тиҷорат ва иқтисод табдил ёфтаанд. Аз ҷумла, фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмию техникӣ миёни ҳар ду

кишвар шароити мусоиди баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталифро фароҳам сохтааст. Ин ҷаласаҳо, ки солҳои 2016, 2017, 2018 ва 2024 баргузор гардидаанд, заминаи муҳиме барои рушди робитаҳои иқтисодӣ гузоштаанд. Бояд тазаккур дод, ки моҳи апрели соли 1996 дар шаҳри Душанбе намояндагии АТҲҲ ифтитоҳ ёфт, ки ҳамчун платформаи амалии татбиқи лоиҳаҳои сершумор дар бахшҳои гуногун хидмат намуд. Дар натиҷаи ин ҳамкорӣ, дар Тоҷикистон даҳҳо корхонаҳои муштарак дар самтҳои савдо, бофандагӣ, полиграфия, инчунин як қатор иншооти муҳимми дигар, аз ҷумла ду меҳмонхонаи панҷситорадор дар шаҳри Душанбе ва дигар объектҳои инфрасохторӣ бо иштироки сохтмончиёни турк бунёд ва мавриди истифода қарор гирифтанд [3-М], [4-М], [6-М].

8. Дар доираи робитаҳои фарҳангӣ ва башардӯстонаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия, ин самтҳо мавқеи махсус ва калидиро ишғол менамоянд. Фаъолияти муассир ва густурдаи литсейҳои туркии «Шалола» ва «Измир» дар пойтахт, марказҳои вилоятӣ ва дигар шаҳрҳои калон ба ташаккули шабакаи муассисаҳои таълимии дорои сатҳи баланди омӯзишӣ мусоидат намуд, ки фаъолияти онҳо ба таълими хонандагони болаёқат ва рушди зеҳнӣ равона шудааст. Айни замон шумораи назарраси шаҳрвандони Тоҷикистон таҳсили худро дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Туркия идома медиҳанд. Агар муҳтавои робитаҳои фарҳангии дуҷонибаро мавриди баррасӣ қарор диҳем, метавон ба иҷрои лоиҳаҳои муштараки соҳаи маориф ишора намуд. Аз ҷумла, дар чаҳорчӯби «Лоиҳаи бузург барои донишҷӯён», ки бо ибтикори соҳибкорони хусусӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматии Туркия амалӣ мегардад, муассисаҳои зиёди таълимӣ дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсис ёфтаанд. Бар асоси Протоколи иловагӣ ба созишномаи ҳамкории байни Вазоратҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия оид ба фаъолияти шабакаи литсейҳои «Шалола», доираи фаъолияти ин муассисаҳои таълимӣ боз ҳам васеъ

гардид. Шубҳае нест, ки татбиқи чунин иқдомҳо таъсири мусбати назаррас ба низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштааст [1-М], [2-М], [4-М], [5-М].

9. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дорои дурнамои фарохи рушд ва потенсиали ғании ҳамкорӣ мебошанд. Лозим ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ аз аҳаммияти фавқулодаи стратегӣ бархурдор буда, захираҳои табиии ғанӣ ва имкониятҳои васеи коммуникатсионӣ мавқеи онро ҳамчун субъекти муҳим дар низоми манфиатҳои қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ таҳким мебахшанд. Ин қудратҳо барои ба даст овардани ҷойгоҳи устувор дар саҳнаи сиёсати минтақавӣ талош меварзанд. Дар шароити афзоиши шиддати равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати воқеиятҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои судманди дуҷонибаи Тоҷикистону Туркия, пеш аз ҳама, бар асоси риояи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ, инчунин расидан ба ҳадафҳои иқтисодии муштарак сурат мегиранд [2-М], [5-М], [6-М].

